**СИ ҶИНПИН**

# ДАР БОРАИ ДИПЛОМАТИЯИ МИЛЛИИ ЧИН, ИБТИКОРИ “ЯК КАМАРБАНД – ЯК РОҲ” ВА ҶОМЕАИ САРНАВИШТИ ЯГОНАИ БАШАРИЯТ

**Нашри дуюм**

**Душанбе – 2019**

**ББК 66.49 (5 Чин)**
**ДК Ҷ – 54**
**УДК 327 (510)**

**Си Ҷинпин. Дар бораи дипломатияи миллии Чин, ибтикори “Як камарбанд – як роҳ” ва ҷомеаи сарнавишти ягонаи башарият** / Муҳаррири тарҷума аз забони русӣ ба тоҷикӣ ва мураттиб *Зафар Шералӣ Сайидзода (Зафар Саидов)*, тарҷумон *Бобоҷон Шафеъ*. – Нашри дуюм. – Душанбе: ҶДММ «Контраст», 2019. – 164 саҳ.

Ин китоб аввалин маҷмӯаи асарҳои мунтахаби Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин, Котиби генералии Кумитаи марказии Ҳизби коммунисти Чин Ҷаноби Олӣ Си Ҷинпин ба забони тоҷикӣ буда, суханрониҳои солҳои охири ӯро роҷеъ ба мавзӯъҳои зикргашта фарогир аст.

Маҷмӯа барои сиёсатмадорон, кормандони дипломатӣ, олимон, донишҷӯён ва доираҳои дигари хонандагон пешкаш мегардад.

**ISBN 978-99975-56-55-4**







# МУНДАРИЧА

**ПЕШГУФТОР.................................................6**

**I. ДИПЛОМАТИЯИ КИШВАРИ ҚУДРАТМАНД БО МАХСУСИЯТИ ЧИНӢ**

1. Чин бояд дипломатияи худ бо махсусияти миллӣ дошта бошад (*Тезисҳои суханронӣ дар ҷаласаи кории КМ ҲКЧ оид ба корҳои хориҷӣ. 28 ноябри соли 2014)*................14
2. Пайвастагӣ ва ҳамкориҳои муштараки ташаббуси «Як камарбанд – як роҳ» ва иртиботҳои мутақобили ҳамлу нақл *(Суханронӣ дар "Муколамаи шарикон оид ба тақвияти мушорикат ва иртиботҳои ҳамлунақлӣ". 8 ноябри соли 2014)* ...........................24
3. Пешрафти бунёди "Як камарбанд – як роҳ", ба кор андохтани талошҳо барои густариши фазои нав ҷиҳати ислоҳот ва рушд *(Тезисҳои суханронӣ дар 31-умин семинари дастаҷамъии Бюрои сиёсии КМ ҲКЧ даъвати 18-ум. 29 апрели соли 2016)* ......29
4. Бигзор бунёди "Як камарбанд – як роҳ" ба халқҳои ҳамаи кишварҳо саодат биоварад *(Тезисҳои суханронӣ дар суҳбат оид ба пешбурди сохтмони "Камарбанд ва роҳ". 17 августи соли 2016)*...................................35
5. Бо ҳам пеш бурдани бунёди "Як камарбанд – як роҳ" *(Суханронӣ дар маросими ифтитоҳи Форуми сатҳи баланд оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ дар доираи ташаббуси "Як камарбанд – як роҳ". 14 майи соли 2017)* .................................................42

**II. БУНЁДИ ҶОМЕАИ САРНАВИШТИ ЯГОНАИ БАШАРИЯТ**

6. Ташкили муштараки муносибатҳои шарикии нав ва бурдҳои ҷонибайн, бунёди ҷомеаи сарнавишти ягона (*Суханронӣ дар музокираи умумӣ дар иҷлосияи 70-уми Маҷмаи умумии СММ, ки 28 сентябри соли 2015 дар мақари СММ дар Ню-Ёрк баргузор шуда буд)* ..............................70
7. Бо талошҳои якҷоя сохтани механизми идораи барои ҳамагон муфид, боадолат ва оқилонаи тағйироти иқлим *(Суханронӣ дар ифтитоҳи Конфронси Порис оид ба тағйири иқлим. 30 ноябри соли 2015)* ...............................................82
8. Эҷоди системаи демократӣ ва шаффофи идораи шабакаи интернетӣ *(Бахше аз суханронӣ дар ифтитоҳи дуввумин Конфронси умумиҷаҳонӣ оид ба масъалаҳои Интернет. 16 декабри соли 2015)* ............................................93
9. Бунёди муштараки ҷомеаи ҷаҳонии сарнавишти ягона *(Суханронӣ дар мақари СММ дар Женева. 18 январи соли 2017)* ........................104

**БА ҶОЙИ ОХИРСУХАН............................132**

# ПЕШГУФТОР

**“Як камарбанд – як роҳ” саҳми азимест барои рушду пешрафти ҳамаи кишварҳо ва минтақаҳои ҷаҳон**

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳамкориҳои худ бо Ҷумҳурии Мардумии Чин аҳамияти стратегӣ медиҳад.

Тоҷикистон давлати муҳим дар масири “Як камарбанд – як роҳ” буда, аз он кишварҳоест, ки – аз аввалинҳо шуда – ибтикори мазкурро дастгирӣ намуд.

Ва ин ташаббуси дӯсти ман, Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин ҷаноби муҳтарам Си Ҷинпин, ки шаш сол пеш эълон шуда буд ва дар паҳнои олам бо номи “Як камарбанд – як роҳ” муаррифӣ гаштааст, эҳёи рӯҳияи Роҳи абрешими қадим маҳсуб меёбад.

Дар ҷавҳари худ ин ибтикор таъсиси модели нави ҳамкории байналмилалӣ тавассути такмилу таҳкими механизмҳои мавҷуда, инчунин ҷустуҷӯ ва татбиқи механизмҳои нави ҳамкорӣ бо мақсади ҳавасмандгардонии рушди иқтисодии кишварҳо дар заминаи ин ташаббус мебошад.

Мо метавонем соатҳо роҷеъ ба ҷанбаҳои хубу фоидаовари ин ташаббус суҳбат кунем, вале кӯ-

шиш мекунем, то назари худро ба таври мухтасар баён дорем.

Азбаски давлатҳои Осиёи Марказӣ ба уқёнусҳо дастрасӣ надоранд, пас табиист, ки Тоҷикистон – дар баробари дигар ҳамсояҳояш дар минтақа – дар лоиҳаи “Роҳи баҳрии абрешими асри 21” иштирок намекунад.

Дар доираи ин ташаббус таваҷҷуҳи мо ба лоиҳаи “Камарбанди иқтисодии Роҳи абрешим” равона шудааст.

Ва воқеан ҳам минтақаи Осиёи Марказӣ дар доираи ин лоиҳа мавқеи марказиро дорост, зеро аз се долони авруосиёӣ ду долонаш – ҳам долони шимолӣ ва ҳам долони марказӣ – минтақаи моро фаро мегирад.

Ва дар ин рӯҳияи замонҳо эҳсос мегардад... рӯҳияи замони Роҳи таърихии абрешим.

Мардуме, ки аз эҷодгарони фарҳанги минтақа ва посдорони гаҳвораи он аст, бори дигар дар эҳёи имконоти пештара ва тавсеаи он шарик мегардад.

Тавре маълум аст, Тоҷикистон нахустин кишварест, ки ташаббуси мазкурро пуштибонӣ намуда буд ва тафоҳумномаро роҷеъ ба амалҳои муштарак ба хотири эҷоди камарбанди иқтисодии Роҳи Абрешим имзо кардааст. Ин иқдом дар шаҳри Душанбе дар моҳи сентябри соли 2014 сурат гирифта буд.

Ташаббуси “Як камарбанд – як роҳ” дар асл ин кӯшишест ба хотири такмил додани фароянди ҷаҳонишавӣ, василаест барои мусоидат ба ҳаракати озоди молҳо, тақсимоти самараноки захираҳо ва тақвияти ҳамгироии бозаргонӣ.

Тоҷикистон дар арсаи талошу кӯшишҳои худ ҷиҳати ноил шудан ба ҳадафҳои рушди устувор дар давраи миёнамуҳлат ва дарозмуддат дидгоҳи возеҳ дорад, ки дар Стратегияи миллии рушдаш дар давраи то соли 2030 дарҷ ёфтааст.

Ҳадафҳои стратегии мо равшананд ва бахшҳои иқтисодиро, аз қабили энергетика, нақлиёт, кишоварзӣ ва саноат, фаро мегиранд.

Бо ба ҳам овардани ҳадафҳои стратегии Тоҷикистон ва лоиҳаҳо дар доираи ибтикори “Як камарбанд – як роҳ” мо густариш ва таҳкими ҳамкориҳои минтақавиро фаъолона идома медиҳем.То имрӯз дар ин ҷода натиҷаҳои муайянеро ба даст овардаем, аммо дар муқоиса бо иқтидоре, ки дар қишрњои ин ташаббус нуҳуфтааст, фарқият ҳанӯз бузург аст.

Авлавиятро дар ин чаҳоргона мо ба соҳаи нақлиёт медиҳем. Ва дар ин самт ворид намудани пружаҳои бунёди роҳҳои мошингарди “Чин–Тоҷикистон–Ӯзбекистон” ва “Чин–Тоҷикистон–Афғонистон” ба рӯйхати умумии лоиҳаҳои ин ташаббус пешниҳод мегардад. Мо инчунин лоиҳаи сохтмони

роҳи оҳани “Чин–Қирғизистон–Ӯзбекистон”-ро бо шохаи алоҳида дар самти Тоҷикистон ва баъдан ба сӯйи Осиёи Ҷанубӣ пуштибонӣ мекунем.

Мо бояд лоиҳаҳои энергетикӣ ва саноатиро ҳамчун қисми таркибии ин ташаббус амалӣ созем ва бахши кишоварзиро бо тақвияти иқтидори содиротии тамоми бахшҳо дар ҳамаи самтҳо дастгирӣ намоем.

Дар моҳи сентябри соли 2015 ҷомеаи ҷаҳонӣ зимни баргузории саммити Созмони Милали Муттаҳид якдилона барномаи нави глобалии амалро дар соҳаи рушд то соли 2030 тасдиқ кард. Ин санади фарогир беназир буда, тибқи он, ҳадафҳо ва вазифаҳои мушаххас дар соҳаҳои рушди иқтисодӣ, инкишофи иҷтимоӣ ва ҳифзи муҳити зист ҳамоҳанг шудаанд.

Тоҷикистон – дар қатори дигар кишварҳо – дар асоси барномаи нави рушди устувор ва бо дарназардошти таҷрибаи мушобеҳи раванди амалигардонии санадҳои барномавӣ, дар соли 2016 Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои давраи то соли 2030 қабул намуд.Ин стратегияи миллии рушд чаҳор ҳадафи умдаро муқаррар кардааст:

– дастрасӣ ба амнияти энергетикӣ ва баланд бардоштани самаранокии энергетикӣ;

– раҳои аз бумбасти коммуникатсионӣ ва таҳкими потенсиали транзитии кишвар;

– таъмини амнияти озуқаворӣ;

– ноилшавӣ ба шуғли пурмаҳсул.

Ба андешаи ман, азбаски ташаббуси “Як камарбанд – як роҳ” кишварҳоямонро, агар чунин гуфтан ҷоиз бошад, бо як навъ “пул”-и воҳиди бисёрҷанба пайванд медиҳад, метавонад ба татбиқи як силсила ҳадафҳои стратегӣ, аз ҷумла афзоиши иқтидори транзитии мо, мусоидат кунад. Илова бар ин, ин ибтикори роҳбарияти олии Чин метавонад ба кишвари мо, ки ба уқёнусҳову баҳрҳо дастрасӣ надорад, дар таъмини дастрасӣ ба бозорҳои ҷаҳонӣ кумак расонад.

Дар солҳои охир Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам ислоҳотро ҷиҳати беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои сармоягузориҳои хориҷӣ амалӣ намуда истодааст.

Мо дорои сармояи бойи инсонӣ – аҳолии ҷавону афзоишёбанда, – захираҳои назарраси кишоварзӣ, кӯҳканӣ, обу гидроэнергетикӣ, манзараҳои зебо ва мавқеи хуби ҷуғрофӣ – наздикӣ ба бозорҳои бузург дар Шимол, Ҷануб ва Шарқ – мебошем.

Дар робита бо ин лозим ба зикр аст, ки ҷиҳати пурра истифода бурдани захираҳои дохилӣ ва иқти-

дори мавҷудбуда Тоҷикистон омода аст, ки фаъолияташро ба хотири густаришу таҳкими ҳамкории судбахш бо тамоми ҳамсояҳо, дӯстон ва шарикон, дар навбати аввал бо Чин, тавассути ташаббуси "Як камарбанд – як роҳ" фаъолона инкишоф диҳад.

Чин шарики калидии иқтисодии Тоҷикистон мебошад. Дар ҳоли ҳозир Чин ба иқтисоди мо зиёда аз 2,5 миллиард доллари амрикоӣ сармоягузорӣ намудааст, ки қисми зиёди он хислати мустақим дорад. Дар айни замон бо иштироки сармояи Чин дар Тоҷикистон зиёда аз 350 ширкат фаъолият менамоянд.

Дар соли 2018 ҳаҷми савдои дуҷониба, тибқи маълумоти мо, ба андозаи 10 фоиз афзуд. Бо вуҷуди ин ҳаҷм ва динамикаи тиҷорати дуҷонибаи мо ба ниёзу имконоти ду кишвар комилан ҷавобгӯ намебошанд. Аз ин рӯ мо бояд ҳар як имконро барои самаранокии бештари муомилоти молӣ истифода барем. Масалан, дар солҳои охир соҳибкорони Тоҷикистон ҷиҳати ворид шудан ба бозори бузурги Чин таваҷҷуҳи бештар зоҳир менамоянд.

Мо итминони комил дорем, ки раванди татбиқи лоиҳаи "Як камарбанд – як роҳ" низ ба густариши тиҷорати дуҷониба ва беҳсозии сохтори он, ки ба манфиати ҷонибҳо дархур аст, мусоидат хоҳад кард.

Дар иртибот бо ғояи глобалии Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин муҳтарам Си Ҷинпин оид ба бунёди "ҷомеаи сарнавишти ягонаи башарият" мехоҳам қайд

кунам, ки ин ташаббус самимияти талоши Чинро барои эҷоди вазъи сулҳомез дар минтақа, ки барои рушди устувор ва субот дар ҷаҳон аҳамияти калидӣ дорад, тасдиқ мекунад.

Албатта, ғояи эъмори дунёи беолоишу зебо, таъмини амнияти умумӣ ва рушди муштарак дар фазои тағйирёбандаи иқтисодиву сиёсии ҷаҳон хеле муҳим аст.

Тоҷикистон дар сиёсати хориҷии худ ҳамеша усули "дарҳои боз"-ро ба кор гирифта, ҳангоми шиддат гирифтани зиддиятҳо ва мухолифатҳои дохилӣ дар кишварҳои гуногун ҳамеша аз роҳҳои сулҳомези ҳалли мушкилот ҷонибдорӣ кардааст ва хоҳад кард.

Ҳамзамон рушди муштараки иқтисодӣ имкон медиҳад, ки ҳамаи захираҳои мавҷудаи дохилии кишварҳо ба манфиати халқҳои онон ба таври самаранок истифода шаванд.

***Эмомалӣ Раҳмон,***
***Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон***
*(иқтибос аз сомонаи рӯзномаи*
*"Жэнмин жибао", 24 апрели соли 2019)*

# ДИПЛОМАТИЯИ КИШВАРИ ҚУДРАТМАНД БО МАХСУСИЯТИ ЧИНӢ

# ЧИН БОЯД ДИПЛОМАТИЯИ ХУДРО БО МАХСУСИЯТИ МИЛЛӢ ДОШТА БОШАД

***(Тезисҳои суханронӣ дар ҷаласаи кории КМ ҲКЧ оид ба корҳои хориҷӣ. 28 ноябри соли 2014)***

Бояд парчами сулҳ, рушд, ҳамкориҳо ва бурди умумиро боло бардошт. Бояд нақшаҳои фаъолияти дохилидавлатӣ ва байналмилалиро ҳамоҳанг кард, ду вазифаи муҳим – амният ва рушдро ба ҳам овард. Риштаи асосии сулҳ ва рушдро устувор ба даст гирифта, рӯ ба эҳёи миллӣ бояд овард, истиқлолияти давлатӣ, бехатарӣ ва манфиатҳои рушду инкишофро собитқадамона ҳимоя бояд кард. Зарур аст барои инкишофи осоиштаву босуботи кишварамон вазъи мусоиди байналмилалӣ, чун кафолати қудратманд барои татбиқи ҳадафҳое, ки "дар ду солгарди садсола" дар назар гирифта шудааст, ба вуҷуд оварда шавад ва раванди амалӣ намудани орзуи эҳёи бузурги миллати чинӣ ҳифз карда шавад.

Шурӯъ аз анҷумани XVIII ҲКЧ Кумитаи Марказӣ – бо ба асос гирифтани таҳлили вазъи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ – барномарезии умумиро пиёда мекунад. Бар пояи равиши пайваста ва пойдори сиёсати давлатӣ дар муносибатҳои арсаи сиёсати хориҷӣ ташаббусҳое, ки ба кор майлу рағбат

мебахшанд ва имкон медиҳанд ба комёбиҳои шоиста дар фаъолияти дипломатӣ даст ёбем, фаъолона пешбарӣ карда мешаванд.

Бо дарназардошти вазъ ва вазифаҳои нав кори фаъол оид ба навсозии афкори назариявӣ ва татбиқи ғояҳои нав дар амал пеш бурда мешавад, дар ин ҳол диққати асосӣ ба фаҳмонидани мафҳуми орзуи чинӣ барои ҳамаи олам, ғанӣ гардонидан ва тараққӣ додани стратегияи рушди осоишта равона карда мешавад; муҳим будани бунёди муносибатҳои байналмилалии навъи нав, ки дар ҳамкориҳо ва бурди тарафайн асос ёфтааст, зикр мегардад. Мо консепсияи муносибатҳои дурусти адолат ва суду манфиатро дар сиёсати байналмилалӣ пешниҳод кардем ва собитқадамона аз ин мавқеъ пуштибонӣ мекунем; дидгоҳи амнияти устувори муштаракро пуштибонӣ мекунем; бунёди муносибатҳои навъи навро миёни қудратҳо пешниҳод менамоем. Дар муносибот бо кишварҳои хориҷаи наздик мо амалан пойбанди усулҳои дӯстӣ, самимият, суди дуҷониба мебошем. Дар муносибот бо кишварҳои Африқо роҳеро мепаймоем, ки ба ҳаққоният, садоқат, наздикшавӣ ва самимият равона шудааст. Расидан ба ҳамаи ин муваффақиятҳо бо талошҳои азими кормандони ҷабҳаи дипломатӣ, бахусус дипломатҳое, ки дар хориҷи кишвар фаъолият мекунанд, алоқаи зичу устувор дорад.

Донистани тамоилҳои асосии рушди ҷаҳонӣ, пой ба пойи вақт гузоштану қадам задан вазифаи муҳимест, ки иҷроиши ҳамешагӣ ва навсозиву навкориро талаб дорад. Барои он ки Чин рушд кунад, бояд аз пайи равандҳову гароишҳои ҷаҳонӣ равад. Бояд дидгоҳҳои густурда ба оламро ба шакл даровард, дастро ба набзи замон гузошт ва амиқан тағйироти чашмгирро, ки дар олами муосир мегузарад, равшану возеҳ дид, ба моҳияти бисёре аз зуҳуроти гуногун чанг зад. Бахусус ташхиси равандҳои дарозмуҳлат басо муҳим аст. Бояд ба ҳадди мумкин мураккабии рушд ва тағйироти вазъи байналмилалиро арзёбӣ намуд, ҳамзамон тағйирнопазирии тамоилҳои рушди чандқутбӣ шудан дар ҷаҳонро дида тавонист. Бояд то ҳадди мумкин мушкилоти танзими иқтисоди ҷаҳониро арзёбӣ кунем, дар ин ҳол баргаштнопазирии равандҳои ҷаҳонишавии иқтисодиро бояд дарк намуд. Лозим аст дар ҳадди имконпазир возеҳияти ихтилофҳо ва шиддатро дар муносибатҳои байналмилалӣ арзёбӣ кунем, дар ин ҳол тағйирнопазирии лейтмотиви (нақшмояи маъруфи) замон – лейтмотиви олам ва рушдро бояд дарк намуд. Зарур аст дар ҳадди мумкин моҳияти падидаи тӯлонӣ омадани ихтилофотеро, ки ба тартиботи байналмилалӣ иртибот дорад, арзёбӣ намоем, дар ин ҳол ногузирӣ ва ҳатмӣ будани тағйироти бунёдиро дар системаи муноси-

батҳои байналмилалӣ қайд бояд кард. Вазифадорем дар ҳадди мумкин номуайянии вазъро дар атрофи кишварамон арзёбӣ намоем, вале боз ҳам муҳимтар тағйирнопазирии равандеро, ки ба субот ва шукуфоии ҳамаи минтақаи Осиё – Уқёнуси Ором равона шудааст, дарк бояд намуд.

Олами имрӯз ин олами тағйирот, таҳаввулот аст, оламест, ки дар он имконияти нав ва таҳдидҳои ҷадид пайваста тавлид мешаванд. Оламе, ки дар маърази бозсозии бузург дар робитаҳо ва низоми байналмилалӣ қарор дорад. Оламе, ки дар он ба нафъи сулҳ ва рушд дар муносибатҳои байналмилалӣ тағйироти амиқ мегузарад. Вақте мо ба ин олам менигарем, рангорангиву сернақшунигории он чашмони моро набояд кӯр кунанд, абрҳои шиновараш набояд аз назарҳо пинҳон монанд. Баръакс, мо бояд дурбин ба даст бигирем ва бодиққату ботаваҷҷуҳ ба он чӣ мегузарад, бо такя ба дарёфти қонуниятҳои таърихӣ, бингарем. Дар маҷмӯъ, кишвари мо – чун пештара – дар давраи стратегии муносиб барои тараққиёт қарор дорад. Имконияти аз ҳама бузурги мо ин худрушддиҳии пайваста ва худтақвиятдиҳист. Ҳамзамон бо ин мо бояд диққати бештарро ба хатарҳо ва таҳдидҳои гуногун диҳем, тарзҳои табдил додани хатарҳоро ба имконияти созгор ва мусоид омӯзем ва аз ҳолатҳои буҳронӣ берун шавем.

Ҳоло Чин ба давраи калидии татбиқи ғояи эҳёи бузурги миллати чинӣ ворид шуд. Дар муносиботи Чин бо олами беруна тағйироти бунёдӣ мегузарад. Дар арсаи иртиботҳои байниҳамдигарӣ ва ҳамкорӣ миёни кишвари мо ва ҷомеаи ҷаҳонӣ робитаҳои наздике ҳоким шуда, ки собиқа надоштанд: мо аз ҳама бештар ба олами беруна такя мекунем, ҳамаи мо дар корҳои байналмилалӣ фаъолона ширкат менамоем, кишварҳои дигар низ бештар ба ҳамин такя мекунанд ва беш аз ҳар вақти дигар ба мо таъсир мерсонанд. Бо назароту тарҳрезии ислоҳот ва рушди минбаъда мо бояд маҷмӯан дар бораи истифодаи бозорҳои дохилӣ, берунӣ, ҷаҳонӣ, захираҳои дохилӣ, байналмилалӣ ва қонуну қоидаҳои дохилидавлатӣ андеша кунем.

Чин ба дипломатияи худии кишвари қудратманд ниёз дорад. Бар асоси хулоса аз таҷрибаҳои амалӣ мо бояд консепсияи дипломатии худро ғанӣ созем ва тараққӣ диҳем, то ин ки фаъолиятҳои байналмилалии мо инъикоскунандаи махсусияти чинӣ, сабки чинӣ ва тарзи амали чинӣ бошанд. Бояд ҷиддан бо роҳи Ҳизби коммунисти Чин барои сохтмони сотсиализм бо махсусияти чинӣ рафт, бидуни тағйир пойбанди масири рушди худӣ, системаи иҷтимоии худ, анъанаҳо ва равандҳои фарҳангӣ бимонд. Дар фаъолиятҳои байналмилалӣ ба сурати пойдор сиёсати хориҷии мустақил ва сулҳомези худро амалӣ

бояд кард, дар хатти муқаддам тараққии миллат ва давлатро бояд гузошт, устуворона бо роҳи худ, роҳи рушди сулҳомез бояд рафт. Ҳамзамон, бо ин мо набояд ба ҳеҷ ваҷҳ ҳуқуқҳои қонунӣ ва манфиатҳои худ, манфиатҳои калидии кишвари худро қурбон созем. Ҷиддан бояд пойбанди хатти демократикунонии робитаҳои байналмилалӣ, риояи панҷ принсипи ҳамзистии осоишта бошем, ки тибқи он ҳамаи кишварҳо – бузург ё кӯчак, қудратманд ё заиф, сарватманд ва ё фақир – узви баробарҳуқуқи ҷомеаи байналмилалианд. Мо ҷонибдори онем, ки сарнавишти сайёраи мо дар дасти ҳамаи кишварҳои олам бошад ва бо ҳимоя аз адолат мо бояд, дар навбати аввал, аз номи манфиатҳои ҳамаи кишварҳои рӯ ба рушд баромад кунем.

Мо бояд бо қотеият аз ҳамкорӣ ва бурди ҷонибайн ҳимоя кунем, бо такя ба ин усул раванди бунёди тарҳи муносибатҳои навъи нави байналмилалиро пеш барем, стратегияи бози суду манфиатҳои дуҷониба ва бурди умумиро татбиқ намоем, ин усулҳои ҳамкориҳои байналмилалиро дар ҳамаи соҳаҳо – сиёсат, иқтисод, бехатарӣ, фарҳанг ва ғайраву ҳоказо – ба иҷро дарорем. Бояд пойбанди таносуби дурусти адолат ва фоида монем, аз тавозун миёни онҳо пуштибонӣ кунем, ба сухану амали худ содиқ монем, ба арзиши дӯстӣ қоил бошем, барои адолат ва арзишҳои ахлоқӣ мубориза барем. Бояд

қотеона аз мавқеи дахолат накардан дар сиёсати дохилии кишварҳои дигар ҷонибдорӣ кард: системаи иҷтимоӣ ва интихоби мардумони мамолики дигар дар мавриди самти рушд сазовори эҳтироманд. Ҳамеша талош бояд намуд, то ихтилофи назарҳо ва зиддиятҳо миёни кишварҳо бо роҳи муколама ва машваратҳо роҳи ҳал пайдо кунанд, зидди истифодаи неруи низомӣ ва таҳдидҳои ҳарбӣ дар ҳар ҳолат садо баланд бояд кард.

Имрӯз ва дар оянда кишвари мо дар фаъолиятҳои дипломатии худ ба таври муназзам консепсияи амнияти миллиро татбиқ хоҳад кард. Вазифаи мо ин тақвияти эътимоди мардумони ҳамаи кишварҳо ба сотсиализм бо махсусияти чинӣ, боварӣ ба назарияи мо ва дурустии системаи амалкунандаи иҷтимоӣ, ба суди ҳифзи дарозмуддати низом ва оромишу суботи ҳамешагӣ дар мамлакати мост. Аз ин рӯ барои мо дарку назари умумиҷаҳонӣ ва пуштибонӣ аз орзуи чинӣ муҳим аст. Зеро орзуи чинӣ ин орзуи сулҳ, тараққиёт, ҳамкориҳо ва бурдҳои мутақобила аст ва мо барои рифоҳи халқи Чин, ҳамчунин барои рифоҳи муштараки ҳамаи халқҳо, мекӯшем. Бояд устуворона тамомияти арзӣ, ҳуқуқҳои баҳрӣ, манфиатҳои кишвар ва ваҳдати миллии онро ҳимоя кунем. Ба дурустӣ зиддиятҳо ва мушкилотеро, ки ба қаламравҳои ҷазираӣ дахл доранд, ба танзим дароварем. Зарур аст аз имконият ва фазои рушди

кишвари мо ҳимоя карда шавад ва аз роҳи барқарор намудани иртиботҳои фарогири тиҷоратӣ-иқтисодӣ ва техникии барои ҷонибҳо муфид шабакаи ҳамкориҳои судманд бунёд гардад. Бояд бо риояи шарти ҳамроҳ нашудан ба ин ё он иттиҳод доираи дӯстони худро васеъ кард, дар ҳама ҷо шабакаҳои ҷаҳонии шарикиро бунёд намуд. Бояд "неруи нарм"-ро дар кишвари худ тақвият дод, дар бораи мамлакати мо зиёд нақл кард, муаддабона ва бо як назокати хос таблиғоти хориҷиро роҳандозӣ кард.

Зарур аст бо кишварҳои ҳамҳудуду ҳаммарз муассиртар кор барем, бо онҳо ҷомеаи сарнавишти ягонаро созем. Дар муносибот бо мамлакатҳои ҳамсоя аз усулҳои "дӯстӣ, самимият, суди ҳамдигарӣ ва ҳамкориҳои фарогир" бояд кор гирифт, бо ҳамсоягон нек бошем, дар симои онҳо шариконро бубинем, муносибатҳои неки ҳамсоягӣ, соҳибамният ва сарватманд шудани ҳамсоякишварҳоро бо амиқ кардани ҳамкориҳои барои ҷонибҳо пурманфиат ва алоқаҳои байниҳамдигарӣ амалӣ намоем. Дар муносибот бо дигар кишварҳои қудратманд равишҳои самараноке лозиманд, қолабҳои солиму устуворро дар ин муносибатҳо бояд сохт, ҳамкориҳоро бо давлатҳои бузургу рӯ ба инкишоф густариш бахшида, рушди кишвари моро бо тараққиёти мамолики тараққиёбандаи дигар пайванд бояд дод. Дипломатияи чандҷонибаи мо бояд пухтаву амалӣ бошад,

ислоҳоти системаи муносибатҳои байналмилалӣ ва идораи ҷаҳониро бо афзоиш додани шукӯҳу шаҳомат ва садои кишвари мо ва ҳамаи мамолики рӯ ба рушд бояд пешбарӣ намуд. Бояд амалан ҳамкориҳои кориро таҳким бахшид, бунёди “Камарбанд ва роҳ”-ро фаъолона пеш бурд, бо талошҳои созанда нукоти алоқаманд ба манфиатҳои ҳамаи ҷонибҳоро пайдо кард ва аз тариқи ҳамкориҳои амалӣ ба сӯйи фоидаву суди умумӣ гом зад.

Бояд пойбанд ба мавқеи дуруст дар муносибат бо адолат ва фоида буд, корҳоро оид ба расонидани ёриҳои хориҷӣ ба таври самаровар пеш бурд, дар амал адолат ва фоидаро бо ҳам пайванд зад. Зарур аст ба таври муассир манфиатҳои мо дар хориҷи кишвар ҳимоя гарданд, пайваста имкониятҳо ва сатҳи кафолатҳо боло бурда шуда, сатҳи ҳимоя тақвият ёбад.

Барои ҳамаҷониба пеш бурдани фаъолиятҳои дипломатӣ дар вазъи нав роҳбарии ягона ва марказонидашудаи ҲКЧ-ро тақвият дода, система ва механизмҳои фаъолиятҳои дипломатиро бояд ислоҳ ва такмил дод, тарҳрезиҳо ва ҳамоҳангиҳои ягонаву воҳиди фаъолиятҳои дипломатиро дар самтҳои гуногун, идораҳо ва ҷойҳои мухталиф бояд таҳким бахшид. Мо вазифадорем андухтаҳои стратегиро афзоиш диҳем, корҳои марбут ба идораи арсаи сиёсати хориҷиро ба меъёр дароварем, омӯзишу парва-

риши кадрҳои дипломатиро тақвият диҳем. Ва ҳамаи ин кафолати боэътимоди дастовардҳои нав дар фаъолиятҳои байналмилалии мо хоҳад буд.

# ПАЙВАСТАГӢ ВА ҲАМКОРИҲОИ МУШТАРАКИ ТАШАББУСИ “ЯК КАМАРБАНД – ЯК РОҲ” ВА ИРТИБОТҲОИ МУТАҚОБИЛИ ҲАМЛУ НАҚЛ

***(Суханронӣ дар “Муколамаи шарикон оид ба тақвияти мушорикат ва иртиботҳои ҳамлунақлӣ”. 8 ноябри соли 2014)***

Тирамоҳи соли гузашта ман аз номи Ҳукумати Чин ташаббуси бунёди муштараки Камарбанди иқтисодии Роҳи абрешим ва Роҳи баҳрии абрешимро дар асри XXI дар миён гузошта будам. Ин ташаббус аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ва бахусус дар миёни сарварони муҳтарами давлатҳое, ки ин ҷо ҳузур доранд, ба хушӣ истиқбол шуд ва ҳамовозиҳои гармро ба бор овард. Ташаббуси “Як камарбанд – як роҳ” (минбаъд “Камарбанд ва роҳ”) ва иртиботҳои мутақобилаи ҳамлунақлӣ ва коммуникатсиявӣ ба ҳам хеле наздиканд, онҳо ҳамдигарро пурра мекунанд. Агар “Камарбанд ва роҳ”-ро ба болҳои ба зудӣ болошудаи Осиё шабоҳат диҳем, пас иртиботҳои мутақобилаи ҳамлунақливу коммуникатсионӣ системаи хунгарди ин болҳоянд. Дар айни замон ташаббуси “Камарбанд ва роҳ” ба марҳалаи ҳамкориҳои амалӣ расидааст ва

оид ба амиқтар кардани ин ҳамкориҳо меҳоҳам ба ин нукот таъкид созам.

**Якум.** Бо дарназардошти он, ки кишварҳои осиёӣ самти асосии коранд, дар навбати аввал, бояд роҳҳои ҳамлунақлӣ ва коммуникатсияҳо дар қораи Осиё ба ҳам пайваст карда шаванд. "Камарбанд ва роҳ" оғози худро аз Осиё мегирад ва ба Осиё такя дорад, ба рифоҳу осудаҳолӣ ва некуаҳволии аҳолии Осиё равона шудааст ва ин ҷо зарур аст ба иртиботҳои байниҳамдигарии давлатҳои минтақа диққати ҷиддӣ дода шавад, талошҳову кӯшишҳо барои густариши манфиатҳои умумии мамолики Осиё равона карда шаванд. "Камарбанд ва роҳ" ин кори умумии давлатҳои ҳамсоя дар қораи Осиё мебошад. Чин кишварҳои ҳамсарҳаду ҳамҳудудро чун самти афзалиятноки сиёсати хориҷии худ медонад ва дар муносибот бо онҳо аз арзишу консепсияҳое чун дӯстӣ, самимият, манфиатҳои ҳаётии ҷонибайн кор мегирад. Чин ба ин умед аст, ки ба василаи ба ҳам овардани коммуникатсияҳо ва таҳкими иртиботҳои мутақобила ба кишварҳои ҳамсоя бештар аз пештар хайру манфиат расонад.

**Дуюм.** Қолаби аслӣ барои бунёди иртиботҳои дуҷониба бояд долонҳои иқтисодӣ бошанд. Дар айни замон ҷониби Чин асосан лоиҳаи бунёди "Камарбанд ва роҳ"-ро таҳия кардааст. Ин лоиҳа роҳҳои хушкиву обиро барои густариши ҳамкориҳои иқти-

содӣ дар бар мегирад, ки аз тариқи машварати комил бо ҳамаи мамолики минтақа сохта мешавад. Ин гуна нақшаи қолабӣ талаботи кишварҳои мухталифро дар мадди назар дорад, тарҳрезии ягонаро дар ду самти бузург – дар хушкӣ ва баҳр – ба вуҷуд меорад, як фазои басо паҳноварро пӯшиш медиҳад, ки бо мушорикати боло ва сатҳи баланди нақши пайвасткунандаи худ фарқ мекунад. Ҷониби Чин омода аст бо кишварҳои манфиатдор дар оянда низ машваратҳоро идома диҳад, тарҳҳои ҳамкориҳоро такмил ва пояҳои ононро таҳким бахшад.

**Сеюм.** Ба аввалин натиҷа дар татбиқи иртиботҳои ҷонибайн дар қораи Осиё метавон аз роҳи рахна задан дар бунёди зербинои нақлиётӣ даст ёфт. Роҳи абрешим, пеш аз ҳама, ба роҳ ниёз дорад. Танҳо дар сурати доштани шоҳроҳҳои нақлиётӣ одамон метавонанд борҳои худро бемамониат ва озод интиқол диҳанд. Ҷониби Чин ба объектҳое чун роҳи оҳан ва шоҳроҳҳои нақлиётӣ, ки бояд Чинро бо Покистон, Бангладеш, Мянмор, Лаос, Компучи, Муғулистон ва Тоҷикистон бипайванданд, диққати ҷиддӣ медиҳад. Ин лоиҳаҳо ҳангоми пеш рафтани раванди бунёди “Камарбанд ва роҳ” дорои аҳамияти аввалиндараҷа хоҳанд буд. Танҳо он вақт ҳама метавонанд ҳарчи зудтар натиҷаҳои марҳалаи аввалро эҳсос кунанд, танҳо он вақт ташаббуси “Камарбанд ва роҳ” ҷолиби диққат мешавад ва неруи ҳаётиро касб мекунад.

**Чаҳорум.** Гузаштан аз “ҷойҳои танг” дар иртиботҳо дар Осиё дар самти системаи ҳамлу нақл аз тариқи бунёди платформа барои сармоягузорӣ. Аксари кишварҳои Осиё мамолики дар ҳоли рушд мебошанд ва мушкилоти умумии онҳо камбуди воситаҳои молиявӣ дар сохтмон ба шумор меравад. Василаи калидӣ бояд ба кор андохтани захираҳои мавҷудаи молиявӣ ва истифодаи дурусти даромадҳои нав бошад, то ин ки дар оянда воситаҳои пурқимат дурусту беҳтар истифода шаванд. Ман ин ҷо эълон мекунам, ки Чин таъсиси Хазинаи Роҳи абрешимро бо 40 миллиард доллари ИМА чун дастгирии молиявии сохтмони зербиноӣ дар кишварҳое, ки ба иҷрои ташаббуси “Як камарбанд – як роҳ” ҷалб мешаванд, сармоягузорӣ мекунад. Ин маблағ ҳамчунин барои дастгирии раванди азхудкунии захираҳо, ҳамкориҳои истеҳсолӣ ва молиявӣ, дигар тарҳҳо ва иншооте, ки бо ин иртибот доранд, равона мегардад. Хазинаи Роҳи абрешим сохтори бозест, ки мутобиқ ба талаботи минтақавӣ ва соҳавӣ, ҳамчунин дараҷаҳои муайяни лоиҳаҳо таъсиси хазинаҳои фаръиро (субфондҳоро) дар назар дорад. Сармоягузоронро ҳам аз Осиё ва ҳам аз дигар минтақаҳо барои ширкат даъват мекунем!

**Панҷум.** Таҳкими пояҳои иҷтимоии иртиботҳои мутақобила бо ёрии мубодилаҳои фарҳангӣ. Ин раванд муколамаи фарҳангҳо ва оинҳои гуно-

гунро дастгирӣ мекунад, аз тақвияти мубодилаҳои фарҳангӣ ва иртиботҳои ғайридавлатӣ истиқбол менамояд, ироаи дархостҳои якҷояи кишварҳои сари Роҳи абрешимро барои номнависии онҳо дар рӯйхати мероси ҷаҳонии фарҳангии ЮНЕСКО дастгирӣ мекунад, ба барқарор намудани ҳамкориҳо бо ҳамаи давлатҳо, ноҳияҳо, вилоятҳо ва шаҳрҳои Осиё ҳавасманд аст. Қораи Осиё дорои захираҳои бойи сайёҳист. Бо дарназардошти он, ки одамони зиёде ба мамолики хориҷӣ сайру саёҳат меравaнд, лозим меояд хатсайрҳои сайёҳиро дар имтидоди Роҳи абрешим рушд диҳем, то ки ҳамкориҳо дар самти ҷаҳонгардӣ ва бунёди иртиботҳои мутақобила дар системаи нақлиёт ва ҳамлу нақл ҳамдигарро пурра кунанд.

Рушди иртиботҳои мутақобила ба теъдоди зиёди мутахассисон ниёз дорад. Зарфи 5 соли оянда Чин ният дорад ба кишварҳои имтидоди Роҳи абрешим барои 20 ҳазор нафар ҷиҳати омӯзиш ва бозомӯзӣ дар самтҳои гуногуни робитаҳои байниҳамдигарӣ дар соҳаҳои нақлиёт ва коммуникатсияҳо бурсияҳо ҷудо кунад, то ба ин кишварҳо барои тайёр намудани мутахассисони ин бахшҳо ёрии амалӣ расонад. Чин, дар навбати худ, мехоҳад донишҷӯён, олимон ва мутахассисони бештарро ба ин кишварҳо барои гирифтани маълумоти касбӣ ва табодули илмӣ эъзом намояд.

# ПЕШРАФТИ БУНЁДИ “ЯК КАМАРБАНД – ЯК РОҲ”, БА КОР АНДОХТАНИ ТАЛОШҲО БАРОИ ГУСТАРИШИ ФАЗОИ НАВ ҶИҲАТИ ИСЛОҲОТ ВА РУШД

***(Тезисҳои суханронӣ дар 31-умин семинари дастаҷамъии Бюрои сиёсии КМ ҲКЧ даъвати 18-ум. 29 апрели соли 2016)***

Бунёди “Камарбанд ва роҳ” як тадбири муҳимест, ки кишвари мо барои татбиқи тарҳҳои нави ҳамкориҳои хориҷӣ дар шароитҳои нави таърихӣ интихоб кардааст, он корпояи муҳиме барои ба даст овардани суду фоидаҳо ва бурдҳои тарафайн мебошад.

Мо бояд дар мавқеияти муносибу боло бошем, бо нигоҳи фарох, бар пояи бардоштҳо аз таҷрибаи таърихӣ, консепсия ва ғояҳои инноватсиониро ба инобат гирифта, дар ҳамаи соҳаҳо кори худро асоснок пеш барем, то ин ки халқҳо дар имтидоди “Камарбанд ва роҳ” суду фоидаеро, ки ба онҳо мерасад, амалан дарк намоянд.

Бюрои сиёсии КМ бо қарораш оид ба омӯзиши ҳамагонии ин мавзӯъ аз роҳи ошноӣ бо таърих ва фарҳанги Роҳи абрешим ва Роҳи баҳрии абре-

шим таҷрибаи таърихиро ҷамъбаст намуда, барои пешбурди бунёди "Камарбанд ва роҳ" дар шароитҳои нав намуна мешавад. Ба мисли зарбулмасали чинӣ – ***"Аз санги ба об партовшуда ҳазорон давра пайдо мешаванд"*** – ташаббуси пешниҳодкардаи мо таҳти унвони "Камарбанд ва роҳ" дар олами хориҷ аз Чин ҳамовозиҳову аксу садоҳои зиёдеро ба бор овард, ба он ҳамаи ҷонибҳо ҳамовоз шуданд. Ин гуна вокуниши гарми ҷонибҳо ба он маъност, ки ин ташаббус ба талаботи замон муносибу мувофиқ буда, хоҳиши ҳамаи тарафҳо ин тезонидани рушду тараққиёт мебошад, он решаҳои амиқи таърихӣ ва пояҳои башарӣ дорад. Барои худамон ин ташаббус ҷавобгӯйи ниёзҳои дохилии рушди иқтисодии кишвари мост ва ба тараққиёти ноҳияҳои миллӣ мусоидат хоҳад кард.

Ташаббуси "Камарбанд ва роҳ" хотираи халқҳои қаламрави "Камарбанд ва роҳ"-ро ба гузаштаи таърихии онҳо нав кард. Роҳи қадими абрешим танҳо як роҳи бозаргониву тиҷоратӣ набуд, балки роҳи дӯстиву рафоқат ба ҳисоб мерафт. Дар ҷараёни муколамаҳои дӯстонаи миллати Чин бо миллатҳои дигар тадриҷан рӯҳияи Роҳи абрешим шакл гирифт, ки вижагии мушаххаси он ҳамзистӣ ва ҳамкорӣ, боз будан, омӯзиш аз ҳамдигар, суду фоидаҳои тарафайн ва ғайра мебошанд. Дар шароитҳои нави таърихӣ мо ташаббуси "Камарбанд ва

роҳ"-ро пешниҳод намуда, талош мекунем рӯҳияи Роҳи абрешимро ба мерос гирем ва онро инкишоф диҳем, рушду тараққиёти кишвари худро бо рушди мамлакатҳои қаламрави "Камарбанд ва роҳ" бипайвандем, орзуи чиниро бо орзуи халқҳои ин мамлакатҳо васл кунем, Роҳи бузурги абрешими қадимиро бо мафҳумҳои комилан нави замони муосир ғанӣ гардонем.

Ҳангоми пешниҳоди бунёди "Камарбанд ва роҳ" зарур аст миёни манфиатҳои кишвари мо ва манфиатҳои мамолики қаламрави "Камарбанд ва роҳ", миёни ҳукуматҳо, бозорҳо ва ҷомеаҳо, миёни ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва табодули фарҳангӣ, миёни густариши алоқаҳои хориҷӣ ва ҳимояи бехатарии миллӣ, миёни пешбурдҳои амалӣ ва кор бо афкори ҷамъиятӣ, миёни ҳадафҳои умумии давлатҳо ва ҳадафҳои мушаххас дар ҷойҳо иртиботҳо дуруст танзим шаванд.

Кишвари мо ташаббускори "Камарбанд ва роҳ" аст ва онро дар ҳаёт татбиқ мекунад, аммо бунёди "Камарбанд ва роҳ" кори танҳо як мамлакати мо нест. Ин сохтмон танҳо ба хотири рушди Чин нест, балки он бояд бо истифода аз имкониятҳо ба "қатори зудҳаракат"-и пешрафти кишвари мо кишварҳои зиёдеро бишинонад, ба онҳо ёрӣ расонад, ки ба ҳадафҳояшон зудтар расанд, иқтисодашонро тараққӣ диҳанд. Мо бояд ҳамзамон бо татбиқи манфиатҳои

худ дар бораи манфиатҳои кишварҳои дигар ҳам биандешем ва онҳоро ба ҳисоб бигирем. Бояд дарки дуруст дар бораи адолат ва фоидаҳо дошта бошем, бо роҳандозии амалҳои кӯтоҳмуддат набояд паси фоидаи ҳамонзамона давид. Бояд ҳам манфиатҳои умумӣ ва ҳам манфиатҳои фарқкунандаи кишвари мо ва кишварҳои қаламрави “Камарбанд ва роҳ”-ро ба ҳисоб гирифт ва дар ин манфиатҳо бештар нуқтаҳои ҳамҳудуд ва ба ҳам наздикро ҷӯст, таваҷҷуҳи кишварҳоро дар имтидоди “Камарбанд ва роҳ” ба онон ҷалб кард. Корхонаҳои кишвари мо, вақте ба хориҷ мебароянд, бояд на танҳо диққати худро ба манфиатҳои сармоягузорӣ ҷалб кунанд, балки беш аз ҳама ба номи нек ва афкори ҷомеа бештар таваҷҷуҳ дошта бошанд, қонунҳои кишвареро, ки дар он сокин шудаанд, риоя намоянд ва бештар уҳдадориҳои иҷтимоиро ба худ гиранд.

Ҳангоми бунёди “Камарбанд ва роҳ” бояд на танҳо нақши Ҳукуматро чун донандаи масир ва ҳамоҳангсози умумии амалҳо нишон дод, балки нақши бозорро низ ошкор кард. Ҳукумат бояд нақши пешбаранда дар таблиғ ва рӯнамоиҳо, таҳкими ҳамоҳангсозӣ ва ташкили механизмҳо дошта бошад, ҳамзамон бо ин ба шаклгирии механизмҳои ҳамкориҳои иқтисодии минтақавӣ, ки дар онҳо бозор асос ба шумор меравад ва корхона неруи асосист, диққат диҳад. Ҳукумат бояд корхонаҳои мухталифро барои

ширкат дар бунёди “Камарбанд ва роҳ” сафарбар созад, ба он бештар неруҳои ҷамъиятиро ҷалб кунад, талош намояд, ки шакли ҳамкориҳои табиии Ҳукумат, бозор ва ҷомеаро ба вуҷуд биоварад, ки дар он Ҳукумат нақши роҳбарикунанда дошта, корхонаҳо иштирок мекунанд ва неруҳои ҷамъиятӣ мусоидат менамоянд.

Табодул ва ҳамкорӣ дар самти фарҳанг ҳамчунин қисми таркибӣ ва муҳими бунёди “Камарбанд ва роҳ” ба шумор меравад. Барои он ки “Камарбанд ва роҳ” ба таври воқеӣ сохта шавад, бояд миёни халқҳои имтидоди “Камарбанд ва роҳ”сохтори мадание, ки бар пояи ширкати мутақобил ва ифтихороти ҷонибайн, ҳамдигарфаҳмӣ ва эҳтироми ҳамдигарӣ пойдор аст, ба шакл дароварда шавад. Ба ҳам наздик кардани орзуву омолҳо, умедҳои халқҳо бахши муҳими ин сохтмон ба шумор меравад. Зарур аст ба таври мутавозӣ ҳамкориҳои иқтисодӣ ва иртиботҳои фарҳангиро рушд диҳем, дар самти фарҳанг бояд бо ҷидду ҷаҳд ва бодиққат фаъолият бурд, фарҳанг, таърих, ахлоқ ва урфу одатҳои кишварҳои гуногунро эҳтиром намуд, робитаҳои дӯстона бо халқҳои имтидоди “Камарбанд ва роҳ”-ро қувват бахшид, то ин ки асосҳои иҷтимоӣ барои бунёди “Камарбанд ва роҳ” фароҳам оянд. Бояд ҳамкориҳоро бо кишварҳои имтидоди “Камарбанд ва роҳ” дар самти бехатарӣ таҳким бахшид, барои

сохтани ҷомеаи манфиатҳояш умумӣ, масъулият ва сарнавишташ ягона талош намуд ва барои ин муҳити мусоид фароҳам овард. Бояд дар кор бо афкори ҷомеа зиёд таваҷҷуҳ намуд ва дар шаклҳои гуногун, ҷолибу шуниданӣ ва шавқовар ба онҳо дар борааш нақл кард, садои "Камарбанд ва роҳ"-ро паҳн намуд, муҳитеро бо афкори ҷамъиятии матлуб барои сохтани ин тарҳҳо ба вуҷуд овард.

Ҳангоми бунёди "Камарбанд ва роҳ" на танҳо ҳадафҳои асосии давлатро муайян намоем, балки фаъолнокии маъмуриятҳои маҳаллиро низ бояд сафарбар кард. Барномаҳои маҳаллӣ ва ҳадафҳо бояд ба ҳадафҳои асосии давлат мутобиқат кунанд, ба манфиатҳои умумии кор ва вазъи умумӣ итоат дошта бошанд. Лозим аст қувваҳои асосиро ба хотири густариши иртиботҳо бо олами хориҷ, афзоиш додани рақобатпазирии байналмилалӣ, тезонидани тағйироти шаклҳои рушди иқтисодӣ ва танзими сохтори иқтисодӣ мутамарказ созем. Бояд воқеиятро дар маҳалҳо ба назар гирифт, ҷойи худро дуруст муайян кард, пешгании худро нишон дод, ба натиҷаҳои хуб ноил гардид, талош кард, ки фазои нав барои ислоҳот ва рушд боз шавад.

# БИГЗОР БУНЁДИ “ЯК КАМАРБАНД – ЯК РОҲ” БА ХАЛҚҲОИ ҲАМАИ КИШВАРҲО САОДАТ БИОВАРАД

***(Тезисҳои суханронӣ дар суҳбат оид ба пешбурди сохтмони “Камарбанд ва роҳ”. 17 августи соли 2016)***

Мо бояд таҷрибаҳоро ҷамъбасту хулоса кунем, эътиқодро таҳким бахшем ва устуворона ба пеш ҳаракат намоем. Ба ҳамоҳангсозиҳои сиёсӣ, иртиботҳои байниҳамдигарии иншооти зерсохторӣ, бартараф кардани монеаҳо дар тиҷорат, таъмини ҳаракати бемамониати сармоя ва наздикшавии халқҳо, шаклгирии шабакаҳои ҳамкории барои ҷонибҳои муфид, таҳияи намунаи нави ҳамкориҳо ва сохтани платформаҳои ҳамкориҳои бисёрҷониба – бунёди якҷояи Роҳи абрешими “сабз”, солим, зеҳниву маънавӣ ва осоишта – тамаркуз намоем. Ҳадафи асосии ҳамаи ин дар он аст, ки бо “задани мех” қадам ба қадам бунёди “Як камарбанд – як роҳ”-ро ба пеш барем ва ҳамзамон ба ҳамаи халқҳо саодат биоварем.

Баъди анҷумани XVIII умумичинии ҲКЧ Кумитаи Марказӣ дурнамои рушдро дар панҷсолаи

13-ум ва давраи нисбатан дур ба асос гирифта, се стратегияи рушд – сохтмон дар доираи ташаббуси “Як камарбанд – як роҳ”, ки тараққиёти минтақаи пойтахтии Пекин–Тянсзин–Хэбэйро ҳамоҳанг кардааст, ва рушди иқтисодии камарбандро дар имтидоди дарёи Янсзи муайян намуд. Соли 2014 “Барномаи стратегӣ оид ба бунёди Камарбанди иқтисодии Роҳи абрешим ва Роҳи баҳрии абрешим дар асри XXI” қабул шуд. Соли 2015 ҳуҷҷати “Дурнамо ва амал оид ба иртиқои (пеш бурдани) бунёди муштараки Камарбанди иқтисодии Роҳи абрешим ва Роҳи баҳрии абрешим интишор ёфт. Минтақаҳо ва идораҳои дахлдор аз ҷониби худ барномаҳои иловагиро пешниҳод намуданд. Ин рӯйдод дар ҷомеаи байналмилалӣ вокуниши густурда дошт.

Дар айни замон ба ташаббуси зикршуда аллакай беш аз 100 кишвар ва созмонҳои байналмилалӣ пайвастанд. Бо бештар аз 30 мамлакате, ки дар имтидоди “Камарбанд ва роҳ” ҷойгир шудаанд, Чин муоҳадаи ҳамкориро оид ба сохтмони “Камарбанд ва роҳ” имзо намуда, бо зиёда аз 20 кишвари дигар ҳамкориҳои байналмилалиро дар самти иқтидори иқтисодӣ ба роҳ монд. Ин ташаббус аз ҷониби СММ ва дигар созмонҳои байналмилалӣ ба таври мусбат арзёбӣ шуд. Пайваста ҳамкориҳои молиявӣ густариш меёбанд ва шаҳодати равшани он таъсиси Бонки осиёии сармоягузориҳои зерсохторӣ ва Ха-

зинаи Роҳи абрешим мебошад. Ҳамчунин муяссар шуд, ки якчанд лоиҳаҳои бузург ва муҳим дар миён андохта шаванд. Ҳамин тариқ, бунёди “Як камарбанд – як роҳ”, ки аз сифр шурӯъ гардид, миқёсан вусъат меёбад ва натиҷаҳое медиҳад, ки қаблан тасаввур намешуданд.

Мамлакати пурқудрат ва шукуфон бо ҳама бовариву эътимод дари дилро во мекунад ва он кушодагӣ кишвари моро боз ҳам мутараққӣ ва шукуфон месозад. Комёбиҳое, ки дар раванди роҳандозии сиёсати ислоҳот ва кушодагие, ки солҳои баъди пленуми сеюми КМ ҲКЧ даъвати 11-ум ба даст омаданд, шаҳодати пурра аз он медиҳанд, ки боз будан ба олами беруна ин неруи муҳими баҳаракатдоровари рушди иҷтимоӣ-иқтисодии кишвари мост. Дар айни замон аз рӯйи ҳаҷми иқтисод мо дар ҷаҳон дар ҷойи дуюм қарор дорем ва иқтисоди мо ба ҳолати нави муқаррарие ворид гардид, ки ба воқеиятҳои нав ҳамроҳ аст. Ва барои дастгирии рушди устувори солими он мо бояд ба ашё аз нуқтаи назари дурнамои ҷаҳонӣ нигарем, таҳлилҳои огоҳонаи ҷомеи вазъи дохиливу хориҷиро гузаронем, стратегияи бисёршохаи кушодагии хориҷиро таҳия намоем, дар арсаи ҷаҳонӣ фаъолтар бошем ва ташаббусро ба дасти худ бигирем.

Ташаббуси “Як камарбанд – як роҳ” имкониятро барои танзими иртиботҳои наздисарҳадӣ,

баланд бардоштани сатҳи ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ, фаъол намудани ширкатҳои байналмилалӣ дар самти тавонмандиҳои истеҳсолӣ ва тав- лиди таҷҳизот боз мекунад. Моҳиятан ташаббус ба он нигаронида шудааст, ки – ба василаи баланд бардоштани самароварии пешниҳодот – ба шаклгирии талаботи нав ва ба даст овардани тавозун дар иқтисоди ҷаҳонӣ мусоидат карда шавад. Ин иқдом имрӯз ҳам, вақте иқтисоди ҷаҳонӣ рӯ ба таназзулу касодӣ овардааст, муҳим аст. Дар марҳалаи идомадори чархаи иқтисодӣ дар кишвар ба миқдори зиёд корхонаҳои истеҳсолӣ ва сохтмонӣ шакл гирифтанд ва агар мо тавонем, ки хуруҷи онҳоро ба сарҳад, бо дарназардошти талаботи мамлакатҳои имтидоди "Камарбанд ва роҳ", таъмин намоем, ин ба муътадил гардидани вазъи умумиҷаҳонии иқтисодӣ мусоидат хоҳад кард.

Барои пеш бурдани бунёди "Камарбанд ва роҳ" дар ин самтҳо корҳои зеринро анҷом бояд дод.

**Якум** – ин ба даст овардани дидгоҳҳои ягона. Ҳамаи кишварҳои ширкаткунанда бояд аз усулҳое чун "машваратҳои муштарак, сохтмони якҷоя ва истифодаи муштараки ҳосилу натиҷаи он" дастгирӣ кунанд, баробарҳуқуқ бошанд ва ҷиҳати ба даст овардани самараи барои ҷонибҳо муфид талош варзанд. Барои ин бояд ба самтҳое таваҷҷуҳ намуд, ки аввалиндараҷа мебошанд, ба ноҳияҳо, кишварҳо

ва лоиҳаҳои пешнамо тамаркуз кард, нуқтаи назари “рушд ин бузургтарин тақсимкунандаи умумӣ аст”-ро ба роҳбарӣ гирифта, барои некуаҳволии халқи худ ва халқҳои ҳамаи кишварҳои дар имтидоди “Қамарбанд ва роҳ” ҷойгирифта кор бояд кард. Чин омода аст ҳамаи имкониятҳои худро, ки дар раванди рушд пайдо мешаванд, бо кишварҳо тақсим кунад ва ҳамаи мамлакатҳо ва созмонҳои байналмилалиро ба ҳамкорӣ даъват намояд.

**Дуюм**, ин дар ҳаёт такрор шудани нақшаҳои кашидашуда ва ҳадафнок аст. Ба мо лозим меояд чораҳои сиёсии иловагии мушаххасеро таҳия созем, ки ба пешрафти бунёди “Камарбанд ва роҳ” равона шуда бошанд, равишҳои нави тариқавиро пайдо намоем, хизматрасониҳоро оид ба лоиҳаҳо такмил диҳем ва, дар навбати аввал, ба тарҳҳои стратегии аввалиндараҷа, ки ба таъмини иртиботи мутақобилаи иншооти зерсохторӣ, азхудкунӣ ва истифодаи захираҳои энержӣ, бунёди минтақаҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ ва ҳамкориҳои саноатӣ равона шудаанд, инчунин ба таъмини пажӯҳишҳо ва коркардҳо оид ба технологияҳои калидии соҳавӣ таваҷҷуҳ намоем.

**Сеюм**, ин тарҳрезии умумӣ ва ҳамоҳангсозӣ, аз ҷумла амалисозии сиёсат дар фазои баҳрӣ ва хушкӣ, сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ, фаъолиятҳои маъмурии мақомот ва корхонаҳо, мебошад. Мо бояд аз фаъолиятҳои сармоягузорӣ ва хоҷагии корхонаҳои

худ, ки дар имтидоди қаламрави “Камарбанд ва роҳ” ҷой гирифтаанд, ва ширкати онҳо дар мамлакатамон истиқбол кунем. Ҳамчунин лозим аст корро оид ба пайвастани ташаббуси “Камарбанд ва роҳ” бо стратегияи давлатие, ки рушди минтақаи пойтахтии Пекин–Тянсзин–Хэбэйро ҳамоҳанг кардааст, тараққӣ додани камарбанди иқтисодиро дар имтидоди дарёи Янсзи фаъол гардонем, онро бо барномаҳое чун азхудкунии ноҳияҳои ғарбии Чин, эҳёи Чини Шимолӣ-Ғарбӣ ва нашъунамои Чини Марказӣ, ки рушди муқаддамотии минтақаҳои шимолӣ мебошад, азхудкунӣ ва амиқтар кардани кушодагии қаламрави наздисарҳадӣ ва ғайра алоқаманд гардонем. Ин ба шаклгирии архитектоникаи бисёрсамтаи кушодагӣ ва рушди ҳамзамони ноҳияҳои шимолӣ, марказӣ ва ғарбӣ мусоидат хоҳад кард.

**Чорум**, татбиқи лоиҳаҳои калидист. Бо таъкид ба зарурати таъмини ҳамбастагии иншооти зерсохторӣ, густариш додани ҳамкориҳо дар самти корхонаҳои истеҳсолӣ, бунёди минтақаҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ ва вусъати ҳамкориҳои саноатӣ, татбиқи лоиҳаҳои намунавӣ, ки “ҳосили бармаҳал”-ро таъмин месозанд, то ин ки кишварҳои ширкаткунандаи ташаббус пайваста фоида ва натиҷаҳои амалиро эҳсос намоянд.

**Панҷум,** ин сармоягузориҳои молиявист. Муҳим аст дар ҷустуҷӯйи ҳамешагии маблағгузо-

риҳои дорои хислати байналмилалӣ бошем, бояд ҳамкориҳоро дар самти молиявӣ таҳким бахшид, платформаи чандсатҳии молиявиро сохт, системаи дарозмуддат, устувор, қобили эътимоди таъмини молиявиро бо назоратшавандагии хатарҳо, ки ба ҳадафҳои бунёди “Камарбанд ва роҳ” хидмат кунад, бунёд намуд.

**Шашум**, ин эҷоди ҳамгироӣ ва ё наздикшавии маънавии халқҳост. Бояд ба табодул ва ҳамкориҳои мутақобила миёни тамаддунҳо мусоидат кард, ба ҳамкориҳои башарӣ таваҷҷуҳи бештар намуд ва дар ин самт “рӯҳи” Роҳи бузурги абрешимро ба роҳбарӣ гирифт.

**Ҳафтум**, ин ташаккули афкори ҷамъиятӣ аст. Бояд чунин коре кард, ки натиҷаҳои бадастомада дар ҷараёни татбиқи ташаббусҳо васеъ инъикос ёбанд. Ҳамчунин таҳқиқоти илмӣ, корҳои марбут ба шакл даровардани асосҳои назариявӣ ва системаи мубоҳисавиро қадршиносӣ бояд кард.

**Ҳаштум**, ин таъмини амнияту бехатарист. Бояд системаи арзёбиҳо, мониторинг, пешгирӣ ва вокунишро ба хатарҳо дар арсаи амният такмил дод, механизмҳои такмилёфтаи кориро эҷод намуда, нақшаҳои кор равшан карда шаванд, то ки идораҳои дахлдор, иҷрокунандагони тарҳҳо ва корхонаҳо ҳамаи чораву дастурҳои дахлдорро ба иҷро расонанд.

# БО ҲАМ ПЕШ БУРДАНИ БУНЁДИ “ЯК КАМАРБАНД – ЯК РОҲ”

***(Суханронӣ дар маросими ифтитоҳи Форуми сатҳи баланд оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ дар доираи ташаббуси “Як камарбанд – як роҳ”. 14 майи соли 2017)***

**Мухтарам сарварони давлатҳо ва сарони ҳукуматҳо!**

**Мухтарам роҳбарони созмонҳои байналмилалӣ!**

**Хонумҳо ва ҷанобон, дӯстон!**

“Дар аввали тобистон табиат бо як шукӯҳу шаҳомат мешукуфад”. Дар ин лаҳзаҳои зебоӣ меҳмонони оликадр аз 100 кишвари олам ба Пекин гирди ҳам омадаанд, то ин ки бо ҳам нақшаи бунёди “Як камарбанд – як роҳ” (минбаъд “Камарбанд ва роҳ”)-ро баррасӣ кунем. Ин рӯйдоди фавқулода муҳим аст. Имрӯз ин ҷо теъдоди зиёди донишмандон, намояндагони ҷавонон ва наслҳои калонсол ҳузур доранд. Ман умедворам, ки дар баҳсҳо ҳама ширкат мекунанд, фикри худро озодона иброз медоранд, ҳар кас андешаҳои худро дар мавриди бунёди “Камарбанд ва роҳ” баён мекунад ва ба ин

Лоиҳаи даврон имкон медиҳад, то халқҳои ҳамаи кишварҳоро хушнуд созад.

**Хонумҳо ва ҷанобон! Дӯстон!**

Беш аз ду ҳазор сол пеш гузаштагони мо – бо иҷрои нақши сангини кашшофони аввалин – бо аробаҳои худ даштҳо ва биёбонҳоро убур карданд ва дар хушкӣ Роҳи бузурги абрешимро, ки Осиё, Аврупо ва Африқоро ба ҳам мепайвандад, бунёд гузоштанд. Гузаштагони мо ба дуродур шино карданд, мавҷҳои азиму даҳшатнокро гузаштанд, то ин ки Роҳи баҳрии абрешим Шарқ ва Ғарбро ба ҳам пайвандад. Роҳи абрешими бостон даричаи нави робитаҳои дӯстиро миёни кишварҳо боз кард ва боби наве дар таърихи рушд ва пешрафти инсоният навишт. “Кирмаки биринҷии заррин”-е, ки дар осорхонаи таърихии Шэнсиски Чин бо эҳтиёт нигаҳдорӣ мешавад, ва шикастапораи киштии ҳазор сол пеш дар об ғарқшудаи Бату-Хитам, ки дар Индонезия кашф шудааст, шаҳодат аз ҳамин давраи таърихӣ медиҳанд.

Роҳи бостон, ки тӯли даҳ ҳазор ли арз дошт ва ҳазор сол дар хидмат буд, рӯҳи бузурги Роҳи абрешимро ҷамъ овард, ки бар пояи он оламӣ ҳамкориҳо, кушоишҳо, омӯзишҳои мутақобила, фоидаҳо ва судҳои ҷонибайн асос ёфтааст. Рӯҳи Роҳи абрешим ин мероси гаронарзиши тамаддуни башарист.

– **Олам ва ҳамкориҳо.** Дар замони ҳокимияти сулолаи Ҳон, наздик ба 130-ум соли то милод, ҳайати дипломатии осоишта шаҳри Чонгонро ***(пойтахти Чини бостон, ҳоло шаҳри Сиан**. Шарҳи тарҷумон)* тарк намуд, роҳпаймонро ба самти Шарқ ва Ғарб оғоз кард ва ба "Сафари аввалкашшофон" хотима дод. Сарвари ин маъмурият Чжан Сяни машҳур буд, ки ба "заминҳои ғарб" сафар кард. Дар замони сулолаҳои Тан, Сун ва Юан ҳамзамон роҳҳои хушкиву баҳрии Роҳи абрешим рушд ёфтанд. Ҷаҳонгарди чинӣ Ду Хуан, Марко Полои итолёвӣ, Ибни Баттутаи мароқандӣ нақши худро дар кашфи ин роҳҳо гузоштаанд. Дар аввали асри XV, дар замони ҳукмронии сулолаи Мин, дарёнаварди машҳури Чин Чжен Хэ ҳафт маротиба сафари баҳриро дар обҳои густурдаи укёнус анҷом дод ва шарафу хотираи бузурге аз худ барои ҳазорсолаҳо боқӣ гузошт. Ин аввалкашшофон ва ковишгарон дар таърих ҷою мақоми худро на ба шарофати қудуми аспон пайдо кардаанд, – онҳо танҳо корвони уштурон ва ниятҳои холису нек доштанд. Онҳо на ба киштиҳои ҳарбӣ ва силоҳу муҳиммоти ҷангӣ такя мекарданд, балки ба киштиҳои тиҷоративу дӯстӣ такя зада буданд. Аз насл ба насл равандагони Роҳи бузурги абрешим пуле дар ҷаҳон сохтанд ва робитаҳои дӯстиро миёни Шарқ ва Ғарб бунёд гузоштанд.

– **Кушодагӣ ва ҳамкориҳо**. Роҳи абрешими бостон аз тариқи ҳавзаи дарёҳои Нил, Даҷла ва Фурот, Ҳинд ва Ганг, Хуанхэ ва Янсзи мегузашт. Роҳи бузурги абрешим гаҳвораи тамаддуни Миср, Бобул, Ҳинд ва Чин, ҳамчунин қаламраверо, ки оини буддоӣ, ислом ва масеҳият дар он салтанат дошт, убур мекард.Вай аз тариқи кишварҳои гуногун, ки халқҳои мухталиф дар онон зиндагӣ мекарданд ва аз ҳам бо ранги пӯст фарқ доштанд, мегузашт. Одамони тамаддунашон мухталиф, оинашон гуногун, нажодашон дигар-дигар бо вуҷуди мавҷудияти фарқиятҳо талош мекарданд, то умумиятҳое пайдо кунанд. Онҳо нисбат ба ҳамдигар ошкор ва таҳаммулпазир буданд. Дӯш ба дӯши ҳам шеърҳои олиҷанобе менавиштанд, ки эҳтироми ҳамдигарӣ дар он мавқеъ дошт. Даст ба дасти ҳам медоданд ва тасвирҳои рӯшане аз рушди ин ҳамгироӣ наққошӣ мекарданд. Имрӯз шаҳрҳои Сзюзюан, Дунхуан, Турфан, Қошғар, Самарқанд, Бағдод, Қустантиния, ҳамчунин бандарҳои қадимии Нинбо, Сзюанчжоу, Гуанчжоу, Бэйхай, Коломбо, Ҷидда ва Искандария ёдгори зиндаи ин даврони таърихӣ мебошанд ва ба мо мегӯянд, ки тамаддунҳо ба шарофати боз будан ва халқҳо ба шарофати ҳамкориҳо рушд мекунанд.

– **Омӯзишҳои мутақобила ва иқтибосот аз ҳамдигар.** Роҳи бузуруги абрешим ин на танҳо

роҳи тиҷорату бозаргонӣ, балки роҳи табодули донишҳост. Бо хатсайри Роҳи бузурги абрешим биреशим, фахфур (чиниворӣ), зарфҳои пардоздодашуда ва асбобу анҷоми оҳании чинӣ ба Ғарб мерафтанд ва ҳамзамон ба Чин қаламфур, зағир, дорувор, ангуру анор меомаданд. Ба шарофати Роҳи бузурги абрешим ба Чин оинҳои буддоӣ, ислом, ҳамчунин ахтаршиносии арабӣ, системаи тақвимӣ ва тиб ворид гардиданд. Он замон дар гӯшаву канори олам чаҳор ихтирооти бузурги Чин ва ҳунари бирешимсозӣ паҳн шуданд. Муҳимтар аз ҳама, табодули коло ва донишҳо мӯҷиби тавлиди ғояҳои нав мегардад. Масалан, оини буддоӣ дар Ҳинд тавлид шуд, дар Чин рушд ёфт ва дар Осиёи Ҷануби Шарқӣ ғанӣ гардид. Фарҳанги Конфутсий, ки дар Чин тавлид шуда буд, миёни мутафаккирони аврупоие чун Лейбнитс ва Волтер эътироф шуд. Ҷолибияти муколама ва муваффақияти омӯзишҳои мутақобила дар ҳамин хулоса мешаванд.

– **Суди ҳамдигарӣ ва бурди умумӣ.** Роҳи бузурги абрешим шоҳиди сафарҳои пайвастаи сафирон ва тоҷирон аз тариқи хушкӣ ва бо теъдоди бешумор бо киштиҳо аз роҳҳои баҳрӣ аст. Аз ҳамин роҳҳои обӣ басо озодонаву бемамониат омилҳои истеҳсолие чун сармоя, технологияҳо ва одамон сарозер мешуданд, истифодаи муштараки молҳо, захираҳо

ва дастовардҳо сурат мегирифт. Шаҳрҳои бузурге чун Олмаато, Самарқанд, Чонъон ва бандарҳои Сур ва Гуанчжоу рушд меёфтанд. Давлатҳои қадимие чун империяи Рум, Парфия ва давлати Кушониён босуръат тараққӣ мекарданд. Сулолаҳои Ҳонҳо ва Тани Чин ҳам ба даврони шукуфоӣ ворид шуданд. Роҳи бузурги абрешим ба рушди бемайлону пуршӯр ва шукуфоиву дурахши минтақа мусоидат намуд.

– **Таърих беҳтарин муаллими мост.** Ин даврони таърихӣ нишон медиҳад: ҳар андоза, ки мо дур аз ҳам қарор дошта бошем, ҷасорат ва қадаме кофист, ки ба ҳамдигар наздик шавем, ба истиқболи ҳам шитобем ва ҳамин ҷо метавонем дар роҳи ҳусни тафоҳум ва рушди ҳамдигарӣ истод шавем, ба сӯйи кишварҳои дуру зебо, ки хушбахтӣ, суботу оромӣ ва хушнавоиву мувофиқати манфиатҳо ҳокими онҳоянд, равона гардем.

**Хонумҳо ва ҷанобон! Дӯстон!**

Аз нуқтаи назари таърих инсоният имрӯз дар даврони пешрафтҳои бузург, тағйироти азим ва таҳаввулоти амиқ зиндагонӣ мекунад. Ҷаҳони чандқутбӣ, ҷаҳонишавии иқтисодӣ, иттилоънокии ҷомеа ва гуногунии фарҳангӣ амиқан дар ҳоли инкишоф мебошанд. Рӯз аз рӯз тамоилҳо ба сулҳ ва

рушд, ислоҳот ва инноватсияҳо таҳким меёбанд. Мо ҳеҷ замоне ин гуна робитаҳои наздик миёни кишварҳо, ин гуна талошҳои гармогарми одамонро барои ҳаёти хубу зебо надида будем ва ҳеҷ замоне инсоният дорои ин гуна гуногунрангӣ дар тарзҳои ҳалли мушкилоташ набуд.

Аз нуқтаи назари воқеият мо дар замоне ҳаёт ба сар мебарем, ки пур аз хатар аст. Рушди иқтисоди ҷаҳонӣ неруҳои ҳаракатдиҳандаи навро мехоҳад, бояд тавсеа ва рушд инклюзивӣ ва ботавозун бошанд, фарқ миёни сарватмандон ва камбизоатон коҳиш ёбад. Нуқтаҳои даргир дар баъзе минтақаҳо мӯҷиби бесуботӣ гашта, терроризм дар ҳоли нумӯъ аст. Набудани сулҳ сабабгори он мешавад, ки рушд ва идора ба хатарҳо рӯ ба рӯ шаванд. Ман ҳамеша сари ин масъала меандешам.

Тирамоҳи соли 2013 ҳангоми сафар ба Қазоқистон ман ғояи бунёди муштараки Камарбанди иқтисодии Роҳи абрешимро дар миён гузоштам, баъдан дар Индонезия ғояи ҳамроҳ ва муштарак сохтани Роҳи баҳрии абрешимро дар асри XXI пешниҳод кардам. Ин ду пешниҳод дар якҷоягӣ ташаббуси “Як камарбанд – як роҳ”-ро ба вуҷуд оварданд. Ҳамчуноне ки зарбулмасали чинӣ мегӯяд, ***“шафтолуву олу бо садо даъват намекунанд, вале одамон худ роҳи онҳоро меёбанд”***[3]. Зарфи чор соле, ки ин консепсия дар миён гузошта

мешуд, беш аз 100 давлат ва созмонҳои байналмилалӣ аз ин барнома пуштибонӣ карданд ва дар бунёди "Камарбанд ва роҳ" фаъолона ширкат намуданд. Дар эъломияҳои муҳиме, ки Маҷмаи умумии СММ ва Шӯрои амнияташ қабул кардаанд, ба ин санад ишора шудааст. Ба шарофати талошҳои мо бинишҳо ва дидгоҳҳои "Камарбанд ва роҳ" дар амал татбиқ мешаванд ва ҳосили фаровон меоваранд.

Ин чаҳор соли кӯшишҳои пайваставу муттасили ҳамоҳангсозиҳои сиёсӣ буд. Ман борҳо гуфтаам, ки бунёди "Камарбанд ва роҳ" аз вараќи тоза шурӯъ намешавад, балки дар асоси ба ҳам пайвастани стратегияҳои аллакай амалкунанда ва истифодаи бартариҳои комилкунанда идома меёбад. Мо ташаббуси **"Камарбанд ва роҳ"**-ро бо Иттиҳоди иқтисодии авруосиёӣ, ки Русия пешниҳод карда буд, Нақшаи генералӣ оид ба равобити мутақобила ва дастрасии ҷонибайн, ки АСЕАН пешниҳод намуда буд, барномаи қазоқии **"Роҳи равшан"**, лоиҳаи туркии **"Долони марказӣ"**, барномаи муғулии **"Роҳи рушд"**, лоиҳаи ветнамии **"Ду долон – як давра"**, стратегияи британиёии **Northern Powerhouse**, нақшаи лаҳистонии **"Роҳи қаҳрабоӣ"** ва ғайра пайваст намудем. Ҳамчунин барои пайвастан бо нақшаҳои Лаос, Комбоҷа, Мянмор ва Маҷористон корҳо идома доранд. Чин бо беш аз 40 кишвари олам ва соз-

монҳои байналмилалӣ муоҳадаҳои ҳамкорӣ имзо намуд, бо беш аз 30 мамлакати дунё дар самти истеҳсолоти саноатӣ ҳамкориҳои қолабӣ дорад. Дар ҷараёни ин форум мо як силсила муоҳадаҳои навро дар бораи ҳамкориҳо ва нақшаи амал имзо хоҳем кард. Бо беш аз 60 кишвар ва созмонҳои байналмилалӣ муштаракан корҳои ҳамоҳангсозиро оид ба тиҷорати бемамониат дар доираи “Камарбанд ва роҳ” шурӯъ хоҳем кард. Тавассути ҳамкориҳои сиёсӣ бо ҳама ҷонибҳо натиҷаҳоро метавон афзунтар кард.

– **Ин чаҳор соли таҳкими пайвастаи зерсохтор буд.** Сохтани роҳҳо ҳама соҳаҳоро ба шукуфоӣ мебарад. Мо пешбурди лоиҳаҳои зерсохториро, ба монанди роҳи оҳани Ҷакарта–Бандунг дар Индонезия, роҳи оҳани Чин–Лаос, роҳи оҳани Адис-Абеба (Эфиопия) – Ҷибутӣ, роҳи оҳани Будапешт (Маҷористон) – Берг (Сербистон), тезонидем. Бандарҳои Гвадар ва Пирей сохта шуданд, лоиҳаву тарҳҳои зиёди дигар дар иртибот ба зерсохт дар нақшаи иҷро қарор доранд. Имрӯз як шабакаи маҷмӯии зерсохторӣ дар ҳоли шакл гирифтан аст, ки пешоҳанги он долонҳои иқтисодии Чину Покистон, Чин–Муғулистон–Русия, пули нави авруосиёӣ ва дигар долонҳои иқтисодӣ мебошанд. Ин шабакаҳо аз роҳҳои хушкӣ, баҳрӣ

ва ҳавоӣ, ҳамчунин шоҳроҳҳои иттилоотӣ иборат мебошанд, такягоҳи ин шабакаҳо роҳҳои оҳан, бандарҳо, хаттҳои лӯла ва дигар иншооти муҳим ба шумор меравand.

**– Ин чаҳор соли сода сохтан ва бартараф намудани монеаҳо дар тиҷорат буд.** Чин якҷо бо кишварҳое, ки дар бунёди “Камарбанд ва роҳ” ширкат мекунанд, бо тамоми неру талош кард, то ба одисозии тиҷорат ва сармоягузорӣ мусоидат кунад, ҳамеша шароитҳоро барои фаъолияти соҳибкорӣ беҳтар созад. Ман медонам, ки танҳо барои Қазоқистон ва дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ назорати гумрукии маҳсулоти кишоварзӣ 90% коҳиш ёфт. Аз соли 2014 то соли 2016 ҳаҷми умумии тиҷорат бо кишварҳои ҳавзаи “Камарбанд ва роҳ” ба бештар аз 3 триллиард доллари ИМА расид. Сармоягузории Чин ба мамолики имтидоди “Камарбанд ва роҳ” бештар аз 50 миллиард доллари ИМА буд. Корхонаҳои Чин дар бештар аз 20 кишвари олам 50 минтақаи ҳамкориҳои тиҷоратӣ-иқтисодиро бунёд намуданд, ҳамчунин ҳаҷми молиёти воридаро наздик ба 1,1 миллиард доллари ИМА таъмин намуда, дар ин кишварҳо барои 180 ҳазор нафар ҷойи кор фароҳам сохтанд.

**– Ин чаҳор соли густариши пайвастаи ҳаракати озоди сармоя буд.** “Ҷойи танг” дар самти молия, ба истилоҳ, мушкилоти “гулуи шиша” мебошад. Ин мушкил бахусус ҳангоми бунёди робитаҳои дуҷониба бештар эҳсос мешавад. Чин ширкаткунандаи шаклҳои гуногуни ҳамкориҳои молиявӣ бо мамлакатҳо ва ташкилотҳои иштирокчии бунёди “Камарбанд ва роҳ” мебошад. Бонки осиёии сармогузориҳои зерсохторӣ аллакай ба нуҳ лоиҳа дар доираи “Камарбанд ва роҳ” ба маблағи 1,7 миллиард доллари ИМА қарз пешниҳод кард. Сармоягузории Хазинаи Роҳи абрешим ба 4 миллиард доллар расид. Чин ва 16 мамлакати Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ холдинги муштараки молиявиро дар шакли “16+1” таъсис намуданд. Ин механизмҳои нав ва муассисаҳои анъанавии чандсамтӣ, ба мисли Бонки умумиҷаҳонӣ, ҳамдигарро пурра мекунанд. Ба сурати умум шабакаи чандсатҳии ҳамкориҳои молиявии “Камарбанд ва роҳ” шакл гирифтааст.

**– Ин чаҳор соли таҳкими робитаҳо миёни халқҳо буд.** Дӯстие, ки аз иртиботҳои зичи одамон сарчашма мегирад, калиде аз муносибатҳои солим миёни давлатҳост. Бо ба роҳбарӣ гирифтани рӯҳи Роҳи бузурги абрешим мо, кишварҳои иштирокчии “Камарбанд ва роҳ”, ҳама талошҳоро барои бунёди Роҳи абрешими маънавию зеҳнӣ ва Роҳи абрешими

солим ба роҳ мондем, ҳамчунин ҳамкориҳоро дар самти илм, маориф, фарҳанг, тандурустӣ ва иртиботҳои ғайрирасмӣ татбиқ намудем. Ин робитаҳо ба бунёди асосҳои ҷамъиятиву иҷтимоӣ барои татбиқи ташаббуси “Камарбанд ва роҳ” ёрӣ расонданд. Ҳар сол Ҳукумати Чин ба кишварҳои дахлдор 10 ҳазор стипендияи ҳукуматӣ медиҳад. Мақомоти маҳаллии Ҳукумати Чин низ стипендияҳои махсуси “Роҳи абрешим”-ро барои танзими табодули байналмилалии фарҳангӣ ва маърифатӣ таъсис кардааст. Лоиҳаҳои ҳамкориҳои башардӯстона, ба мисли Соли фарҳанг, Соли сайёҳӣ, ҷашнвораҳои санъату синамо ва пружаҳои телевизионӣ, семинарҳо ва муколамаҳо миёни марказҳои таҳқиқотӣ, дар ҳоли нумӯъ мебошанд. Иртиботҳо миёни одамон бештар шудаанд ва муколамаҳо роҳро ба сӯйи дилҳо кӯтоҳтар кардаанд.

Ин натиҷаҳои пурбору самаровар ва судбахш нишон медиҳанд, ки ташаббуси “Камарбанд ва роҳ” ҷавобгӯйи анъанаҳои давр ва қонунҳои рушд буда, муносиб ба манфиатҳои мардумони ҳамаи кишварҳост ва он дурнамои густурдаро доро мебошад.

**Хонумҳо ва ҷанобон, дӯстони азиз!**

Мо дар Чин бисёр вақт мегӯем: **“Оғози кор ин мушкилтарин қисми он аст”**. Дар доираи татбиқи ташаббуси “Камарбанд ва роҳ” қадами устувору

ҷиддие пеш гузошта шуд. Мо бояд ба кӯшишҳои худ биафзоем ва "Камарбанд ва роҳ"-ро ба комёбиҳоиояндаи ҷадид бирасонем. Дар роҳи татбиқаш мо бояд аз асосҳои зерин кор бигирем.

**Аввалан,** мо бояд "Камарбанд ва роҳ"-ро як масири сулҳу субот гардонем. Роҳи абрешими бостон дар замони суботу сулҳ нумӯъ кард, вале қувваҳои худро дар замони ҷангҳо талаф дод. Татбиқи ташаббуси "Камарбанд ва роҳ" вазъи босубот ва сулҳомезро талаб мекунад. Мо бояд шакли нави робитаҳои байналмилалиро роҳандозӣ кунем, ки нишони фарқкунандаи он ҳамкориҳои барои ҳамагон манфиатовар бошад. Мо бояд муносибатҳои шарикиро бар пояи муколама ва дӯстӣ ба роҳ монем, на бо тақобули иттиҳодҳову иттифоқҳо. Ҳамаи кишварҳо бояд истиқлолият, шараф ва тамомияти арзии мамлакатҳои дигарро эҳтиром кунанд ва ҳамчунин манфиатҳои калидӣ ва мавриди нигаронии ҳамдигарро ба ҳисоб гиранд.

Баъзе минтақаҳо дар имтидоди Роҳи абрешими бостон "рӯдхонаҳои ҳақиқии шир бо соҳилҳои моқут" буданд. Аммо имрӯз ин қаламрав бештар мавозеи даргириҳо, шӯришҳо, бухронҳо ва мушкилот аст. Ба ин гуна ҳолат ва вазъ бояд комилан хотима дод. Мо бояд консепсияи умумӣ, ҳамаҷониба ва устувори амниятро бар пояи ҳамкориҳо таҳия намоем, ҳамчунин бо талошҳои якҷоя шароитҳои

бехатариро барои истифодаи муштарак фароҳам биоварем. Мо бояд бо ба кор гирифтан аз миёнаравии адолатнок масъалаҳои тезутундро бо василаҳои сиёсӣ ҳаллу фасл кунем, чораҳои зиддитеррористиро густариш диҳем, нишонаҳо ва сарчашмаҳои терроризмро аз миён бубарем, ҳамчунин барои аз байн бурдани факр, аҳибмонӣ ва беадолатии иҷтимоӣ талош кунем.

**Дуюм,** мо бояд “Камарбанд ва роҳ”-ро ба минтақаи шукуфоӣ табдил диҳем. Рушд ин калид барои ҳалли ҳамаи мушкилот аст. Ташаббуси “Камарбанд ва роҳ”-ро дар амал татбиқ намуда, мо бояд маҳз дар ин масъалаи асосӣ зарфиятҳои рушди кишварҳои гуногунро боло барем, ба ҳамгироии иқтисодӣ ва тараққиёти муштарак баҳри некуаҳволии ҳама ва ҳар кас даст ёбем.

Саноат ин асоси иқтисодиёт аст. Мо бояд дар ин самт ҳамкориҳоро таҳким бахшем, то ин ки нақшаҳои кишварҳои гуногун ҳамдигарро пурра кунанд ва қувват бахшанд. Диққати асосиро ба роҳандозии тарҳҳову лоиҳаҳои бузург равона бояд сохт. Мо бояд ҳамкориҳои байналмилалиро оид ба густариши раванди бунёди корхонаҳои нав ва тайёр намудани таҷҳизот тақвият бахшем, ҳамчунин ҳамаи имконияро барои тараққиёте, ки инқилоби нави саноатиро пеш меорад, истифода кунем, то ин ки

шаклҳои нави ташкили ширкатҳо, рушди муттасил ва пӯёву ҷӯёро ба вуҷуд биоварем.

Сарвату боигарӣ ин системаи хунгарди иқтисоди муосир аст. Танҳо ҳамон замон рушд имкон дорад, ки хун муттасил дар гардиш бошад. Ба мо бунёди собиту устувор ва қобили эътимоди фаъолиятҳои молиявӣ лозим аст, то ин ки хатарҳо маҳдуд шаванд, навъҳои нави сармоягузорӣ иншо шаванд, ба таҳкими ҳамкориҳо миёни сармояҳои давлативу хусусӣ мусоидат карда шавад, ҳамчунин системаҳои гуногуни сармоягузорӣ ва бозори чандсатҳаи сармоя бунёд гарданд.

Рушди зербино бар пояи инкишоф аз тариқи ҳамкориҳо пойдор аст. Ба мо лозим аст ба пайвастани зербиноҳои заминӣ, баҳрӣ, ҳавоӣ ва рақамӣ мусоидат намоем, талошҳоро дар мавриди долонҳои калидӣ, шаҳрҳо ва лоиҳаҳо мутамарказ созем, ҳамчунин шабакаҳои автомобилӣ, роҳи оҳан ва бандарҳои баҳриро ба ҳам васл намоем. Ҳадафи бунёди шаш долони асосии иқтисодӣ дар доираи ташаббуси “Камарбанд ва роҳ” муайян шудааст ва мо ҳоло бояд ба иҷрои он камар бубандем. Ба мо лозим аст имкониятеро, ки дар иртибот ба тағйироти нав дар сохтори истифодаи энержӣ ва инқилоб дар технологияҳои энержӣ ба вуҷуд меояд, истифода барем, то ин ки робитаҳои мутақобилаи энержии ҷаҳониро рушд диҳем ва истеъмолоти экологӣ, беҳ-

доштӣ ва каммасрафро таъмин намоем. Ба мо лозим аст шабакаҳои луҷистикии наздиминтақавиро такмил диҳем ва иртиботро миёни сиёсат, қоидаҳо ва меъёрҳо таъмин намоем, то ин ки кафолатҳои рушди ниҳодии (институтсионалии) мутақобилаи зерсохторҳоро фароҳам созем.

**Сеюм,** мо бояд "Камарбанд ва роҳ"-ро ба масири боз табдил диҳем. Ин боз будан ба пешрафт мебарад, аммо инзивоъ ва маҳдудият ба ақибмондагӣ мекашад. Боз будан барои кишварҳо шабеҳи муборизаи зоча барои раҳо шудан аз пиллаи худ аст. Оре, ояндаи наздик мушкил ва азиятовар хоҳад буд, вале ҳаёти нав дар азобу уқубат тавлид мешавад. Ташаббуси "Камарбанд ва роҳ" бояд боз ва дастрас бошад, зеро танҳо дар ҳамин сурат рушди иқтисодӣ ва тараққиёти босубот имкон доранд.

Мо бояд платформаи бози ҳамкориҳоро бунёд кунем ва ба ин васила ҳамзамон иқтисоди бози ҷаҳониро ҳимоя ва рушд диҳем. Мо бояд ҳамроҳ ҳамин гуна як муҳитеро фароҳам созем, ки ба кушодагӣ ва тараққиёт мусоидат намояд, системаи боадолатона, баробарҳуқуқ ва шаффофи қоидаҳои тиҷорат ва сармоягузориҳои байналмилалиро ба вуҷуд биоварад. Мо бояд истифодаи омилҳои батанзимоваранда, тақсими самаровари захираҳо ва якпорчагиву фарогирии пурраи бозорро таъмин со-

зем. Мо аз талоши кишварҳои дигар оид ба рушди иқтисоди боз, бо дарназардошти шартҳои миллии онҳо оид ба ширкат дар идораи глобалӣ ва татбиқи манофеи умумӣ, истиқбол мекунем. Мо якҷоя метавонем ҷомеаи бузургеро бо манфиатҳои умумӣ бисозем.

Тиҷорат ин муҳаррики асосии рушд аст. Мо бояд бе фикри ғалату бадгумонӣ ба олами беруна нигарем, аз низоми бисёрсамтаи тиҷоратӣ пуштибонӣ кунем, ба бунёди минтақаҳои озоди тиҷоратӣ, озодсозӣ ва содагардонии тиҷорату сармоягузорӣ мусоидат намоем. Албатта, мо ҳамчунин бояд ба ҳалли тазодҳое чун адами таодул дар рушд, мушкилот дар идораи давлатӣ, фарқ дар пӯшиши рақамӣ ва нобаробарии фоида таваҷҷуҳ кунем, тавре ки ҷаҳонисозии иқтисодӣ боз, кушода, фарогир, ботавозун ва барои ҳама манфиатовар бошад.

**Чаҳорум,** мо бояд "Камарбанд ва роҳ"-ро ба мавзеи инноватсияҳо табдил диҳем. Инноватсияҳо ин неруи муҳимест, ки ба инкишофу тараққиёт такон медиҳад. Ташаббуси "Камарбанд ва роҳ" табиатан чизи нав аст ва мо бояд дар татбиқи он аз инноватсияҳо кор бигирем.

Ба мо лозим аст ба рушди инноватсионӣ мусоидат намоем ва ҳамкориҳоро дар самтҳои пешгоме чун иқтисоди рақамӣ, зеҳнияти сунъӣ, нанотехно-

логияҳо ва техникаи ҳисоббарории квантӣ фаъол созем. Мо бояд ба рушди муҳити марбут ба “маълумоти калон”, “абрӣ” ва шаҳрҳои “оқил” ёрӣ расонем, то ин ки онҳоро ба унсурҳои Роҳи абрешими рақамӣ дар асри XXI табдил бидиҳем. Мо бояд ҳамоиши илм ва технологияҳоро тезонем, онҳоро дар арсаҳои саноат ва молия татбиқ кунем, ҳамзамон шароитҳоро барои инноватсияҳо ва ба ҳам овардани захираҳо такмил диҳем. Мо бояд майдон ва ба ном инкубаторҳоро барои ҷавонони кишварҳои гуногун бунёд созем, то ин ки ба рушди соҳибкорӣ дар замони Интернет мусоидат намоем ва ба татбиқи орзуҳои худ ёрӣ расонем.

Ба мо лозим аст аз дидгоҳҳои наве, ки ба рушди иқтисодӣ, тарзи нави ҳаёт ва кор асос ёфтаанд ва дар онҳо ҷойи муҳимро технологияҳои “сабз”, иқтисоди каммасраф, чарха ё доираи сарбаста ва ҳисоби талаботи оянда ишғол мекунанд, ҳимоя кунем. Барои таҳкими ҳамкориҳо дар ҳимояи муҳити атроф ва ташкили системаи беҳдоштии хирадмандона ҳама талошҳоро анҷом бояд дод, то ин ки ба ҳадафҳои гузоштаи **“Рӯзнома дар самти рушди устувор барои давраи то соли 2030”** бирасем.

**Панҷум,** мо бояд “Камарбанд ва роҳ”-ро ба масири пайвасткунандаи тамаддунҳои гуногун табдил диҳем. Ташаббуси “Камарбанд ва роҳ”-ро ама-

лан татбиқ намуда, мо вазифадорем чунон кунем, ки ба арсаи муносибот миёни тамаддунҳои гуногун ба ивази дуриву ҷудоӣ табодули мутақобила ояд, ба ивази бархӯрдҳо – шинохти якдигар ва ба ивази эҳсоси бартарии шахсӣ – ҳамзистӣ. Ин омил ҳамдигарфаҳмӣ, эҳтироми байниҳамдигарӣ ва боvариро миёни кишварҳои гуногун таҳким мебахшад.

Мо бояд серошёнагии механизми табодулҳои фарҳангӣ ва байнифардиро барқарор созем, майдон ва роҳҳои бештареро барои ҳамкориҳо бунёд кунем. Бояд ҳамкориҳоро дар самти маориф тақвият диҳем, табодули донишҷӯёнро густариш диҳем, мактабҳоеро барои идораи муштарак бунёд созем. Дар ин росто нақши муҳимеро бояд марказҳои таҳлилӣ бозанд ва бар пояи онҳо сохтани шабакаҳо ва шарикиҳо зарур аст. Бояд шаклҳои нави ҳамкориҳо дар арсаҳои фарҳанг, варзиш ва тандурустӣ таҳия гарданд, то ин ки ба татбиқи лоиҳаҳое, ки фоидаи мушаххас медиҳанд, мусоидат карда шавад. Бояд мероси фарҳангӣ-таърихиро дарёфт намоем, то ин ки ҳамроҳ он ҳимоя гашта, маҳсулоти сайёҳӣ бо ҳифзи махсусиятҳои фарҳангии Роҳи абрешим сохта шавад.

Мо бояд робитаҳои байнипарлумонӣ ва байниҳизбиро рушд диҳем, табодулро миёни ташкилотҳои ғайридавлатии кишварҳои гуногун, ҳамчунин миёни бонувон, ҷавонон ва одамони дорои

имкониятҳои маҳдуд эҷод кунем ва дар назди худ вазифаи рушди фарогир ва ғайритабъизиро гузорем. Ба мо ҳамчунин зарур аст ҳамкориҳои байналмилалиро дар мубориза бо коррупсия таҳким бахшем, то ин ки “Камарбанд ва роҳ” ба масире бо меъёрҳои баланди ахлоқӣ табдил ёбад.

**Хонумҳо ва ҷанобон, дӯстони азиз!**

Чин ба нуқтаи нави асосии рушди худ расид. Консепсияи рушди инноватсионӣ, ҳамоҳангшуда, экологӣ ва бозро, ки ҳосилашро ҳамагон истифода мебаранд, ба роҳбарӣ гирифта, мо ба ҳолатҳои нави муқаррарии рушди иқтисодӣ мутобиқ мешавем ва бо он мавқеи худро муайян мекунем ва аз ҳамон имконияте, ки ба мо пешниҳод мекунад, истифода мебарем. Мо фаъолона ислоҳоти сохториро дар самти пешниҳод мегузаронем, то ин ки ба рушди устувор даст ёбем, ба ташаббуси “Камарбанд ва роҳ” неруи пурқудрате эҳдо кунем ва имконияти навро барои рушди ҷаҳонӣ фароҳам биоварем.

– Чин дар муносибатҳои дӯстона ва ҳамкориҳо бо ҳамаи кишварҳое, ки дар татбиқи ташаббуси “Камарбанд ва роҳ” ширкат мекунанд, “панҷ равиши зиндагонии мусолиматомез”-ро ба асос гирифта, таҳким мебахшад. Мо омодаем шеваҳои рушдро бо дигар кишварҳо бо ҳам бинем, вале дар ин роҳ

мо нияте надорем, ки ба корҳои дохилии ин кишварҳо дахолат кунем, системаи иҷтимоии худ, намунаву қолабҳои рушди худ ва ё иродаи худро ба дигарон таҳмил кунем. Дар раванди татбиқи ташаббуси “Камарбанд ва роҳ” мо ба самти риояи усулҳои куҳнаи геополитикӣ нахоҳем рафт. Мо ният надорем ҳуқуқи касеро поймол созем, суботро барҳам занем. Мо бар ин умедем, ки оилаи бузурге созем, ки ҳамаи аъзои он дар ҳамнавоиву ҳамоҳангӣ бо якдигар ҳаёт ба сар баранд.

– Дар доираи татбиқи ташаббуси “Камарбанд ва роҳ” Чин бо бисёре аз кишварҳо созишномаҳоро оид ба ҳамкориҳои амалӣ имзо намуд. Ин муоҳадаҳо на танҳо лоиҳаҳои нақлиётӣ, зерсохторӣ ва энергетикӣ, балки соҳаи назорати карантиниро низ дар бар мегиранд. Ин муоҳадаҳо ҳамчунин нақшаҳо ва тарҳҳои ҳамкориро дар арсаҳои иқтисод ва тиҷорат, саноат, тиҷорати электронӣ, хоҷагии баҳрӣ ва иқтисоди беҳдоштӣ фаро мегиранд. Агентии чинии роҳи оҳан бо ширкатҳои ҳамсони худ дар дигар кишварҳо шартномаҳо имзо мекунад, то ин ки ҳамкориҳоро дар самти интиқоли пайвастаи борҳо миёни Чин ва Аврупо таҳким бахшад. Мо талош мекунем ин лоиҳаҳои ҳамкориро ҳарчи зудтар ба кор андозем, то ин ки ба зудӣ натиҷа диҳанд.

– Чин бо интиқоли 100 миллиард юан ба Хазинаи Роҳи абрешим дастгирии молиявии ташаббуси “Камарбанд ва роҳ”-ро афзоиш медиҳад ва мо ниҳодҳои молиявиро барои роҳандозии амалиёти корӣ дар хориҷ ба воситаи тақрибан 300 миллиард юан ҳавасманд мекунем. Бонки рушди Чин ва Бонки содироту воридоти Чин тарҳи махсуси идораи қарзҳоро ба маблағи умумии мутаносибан баробар ба 250 миллиард ва 130 миллиард юан таҳия мекунанд, то ин ки ҳамкориҳоро дар доираи ташаббуси “Камарбанд ва роҳ” дар самти серсохторӣ, зарфиятҳои истеҳсолӣ ва молиявӣ дастгирӣ намоянд. Ғайр аз ин, мо бо Бонки осиёии сармоягузориҳои зерсохторӣ, Бонки нави рушди БРИКС, Бонки умумиҷаҳонӣ ва дигар ниҳодҳои рушди ҷаҳонӣ ҳамкорӣ дорем, то ин ки лоиҳаҳоро дар доираи ташаббуси “Камарбанд ва роҳ” пуштибонӣ кунем. Мо бо дигар ҷонибҳои манфиатдор ҳамкорӣ хоҳем кард, то ин ки усулҳои асосии сармоягузории лоиҳаҳои рушдро ба шакл дарорем.

– Чин талош дорад муносибатҳои манфиатбахшро бо дигар кишварҳое, ки дар ташаббуси “Камарбанд ва роҳ” ширкат мекунанд, ба роҳ монад, равандҳоро дар самти сармоягузорӣ ва тиҷорат бо онҳо одӣ кунад ва шабакаи озоди тиҷоратиро бо мамлакатҳои иштироккунандаи ин ташаббус бунёд

созад. Ин талошҳо ба он равона шудаанд, ки минтақаи мо ва кулли оламро ба афзоишу тараққиёт ҳавасманд кунанд. Дар ин Форум Чин бо бештар аз 30 кишвар муоҳадаҳо ва созишномаҳои ҳамкории тиҷоратӣ имзо мекунад ва дар масъалаҳои имзои муоҳада оид ба тиҷорати озод бо ин давлатҳо машварат хоҳад кард. Сар аз соли 2018 дар Чин Намоишгоҳи байналмилалии молҳои чинии воридотӣ баргузор хоҳад шуд.

– **Чин бо дигар кишварҳо ҳамкориҳоро дар самти сармоягузорӣ тақвият мебахшад.** Дар доираи ташаббуси "Камарбанд ва роҳ" мо татбиқи Нақшаи умедворкунандаи ҳамкориҳоро дар самти илм, технологияҳо ва инноватсияҳо, ки ибтикоротро оид ба табодули байналмилалии дастовардҳо дар илму технологияҳо, бунёди озмоишгоҳҳои муштараки идораи техника дар пай дорад, оғоз мекунем. Зарфи панҷ соли оянда мо 2500 олими ҷавони хориҷиро даъват мекунем, то дар Чин сафарҳои кӯтоҳмуддати пажӯҳишӣ дошта бошанд, ба панҷ ҳазор нафар олими хориҷӣ, муҳандис, менеҷер омӯзишҳо пешниҳод мекунем ва 50 озмоишгоҳи муштаракро ба кор меандозем. Мо як платформаи бузурги иттилоотиро оид ба ҳифзи муҳити атроф месозем. Дар доираи ташаббуси ояндадор пешниҳод мекунем, ки иттиҳоди байналмилалӣ оид ба рушди тозаи эко-

логӣ ташкил карда шавад ва ба мамлакатҳои иштирокчии ин ташаббус ба хотири мутобиқшавӣ ба тағйири иқлим кумак хоҳем расонд.

– Тайи се соли оянда Чин ба кишварҳои рӯ ба рушд ва созмонҳои байналмилалие, ки ширкаткунандаи ташаббуси "Камарбанд ва роҳ" мебошанд, наздик ба 60 миллиард юан кумак барои татбиқи лоиҳаҳо оид ба баланд бардоштани сатҳи ҳаёти халқҳои онҳо пешниҳод мекунад. Мо ба мамлакатҳои иштирокчии ин ташаббус ба маблағи ду миллиард юан кумаки фаврии ғизоӣ мерасонем ва ба Хазинаи СММ барои мусоидат ба ҳамкориҳои "Ҷануб-Ҷануб" як миллиард доллари амрикоӣ иловатан ворид мекунем. Чин 100 лоиҳаи "Хонаи хушбахт", 100 лоиҳаи мубориза бо фақр ва 100 лоиҳаи ҳифзи саломатиро дар кишварҳои иштирокдори ташаббуси "Камарбанд ва роҳ" роҳандозӣ хоҳад кард. Чин як миллиард долларро барои татбиқи лоиҳаҳои ҳамкорие, ки ба кишварҳои ширкаткунандаи ин ташаббус фоида хоҳанд овард, ба ихтиёри созмонҳои бонуфузу обрӯманд хоҳад гузошт.

– Чин механизмҳои зерини алоқаро барои ҳамоҳангсозии минбаъдаи чорабиниҳо баъди анҷоми Форум ба вуҷуд меорад: Маркази таҳқиқотии рушди молиявӣ-иқтисодӣ, Маркази мусоидат ба бунёди "Камарбанд ва роҳ", Маркази ҳамкориҳо

оид ба рушди бисёрҷониба ва сармоягузориҳо, ки бо бонкҳои зиёди рушд ҳамкорӣ мекунад, ҳамчунин Маркази рушди зарфияти Хазинаи байналмилалии асъор – Чин. Мо механизмҳои ҳамкориро миёни ташкилотҳои ғайридавлатӣ дар мамлакатҳои имтидоди “Камарбанд ва роҳ”, ҳамчунин платформаҳои нави ҳамкории башардӯстонаеро чун иттиҳод дар арсаҳои журналистика ва маърифати мусиқӣ ба вуҷуд меоварем.

Асоси ташаббуси “Камарбанд ва роҳ”-ро Роҳи қадимии абрешим ташкил медиҳад. Ин ташаббус, дар навбати аввал, ба қораҳои осиёӣ, африқоӣ ва аврупоӣ нигаронида шудааст, аммо дарҳои он ба рӯйи кишварҳои дигар низ боз аст. Ҳар кишвари Осиё, Аврупо, Африқо ва ду қисми қитъаи Амрико метавонад шарики ин ташаббус бошад. Он аз роҳи машваратҳои фаъолонаву густурдаю фарогир татбиқ мешавад ва ҳамаи мо метавонем аз имконияте, ки он ба мо медиҳад, истифода кунем.

**Хонумҳо, ҷанобон, дӯстони азиз!**

Дар як зарбулмасали чинӣ гуфта мешавад: ***“Қадаме ба қадам зам накарда, роҳи ҳазор лиро наметавонӣ тай кард”***[4]. Аммо дар як зарбулмасали арабӣ гуфта мешавад, ки аҳромро танҳо дар сурати сангро болои санги дигар гузоштан метавон сохт.

Дар Аврупо мегӯянд, ки Рум дар як рӯз эъмор нашудааст.

Ташаббуси “Камарбанд ва роҳ” ин як корхонаи басо калонмиқёсест, ки мурури замон ва талошҳои ҳамоҳангу ҳадафнокро мехоҳад. Биёед, ин ташаббусро қадам ба қадам татбиқ намоем, тадриҷан ба ҳадафҳои гузошташуда бирасем. Ба ин васила мо метавонем фоидаи ҳақиқиро барои халқи худ ва тамоми оламиён биоварем.

Ман ба ҳамаи ширкаткунандагони Форум оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ дар доираи ташаббуси “Як камарбанд – як роҳ” муваффақият мехоҳам!

**Барои диққататон сипосгузорам!**

## ЭЗОҲОТ:

1. Иқтибос аз китоби драматурги маъруфи замони Минг Гао Лян (асри XVI) “Ҳашт ёдоварӣ дар мавриди зиндагӣ дар ҳоли рушд”. Матни асл: ***“Аввали тобистон, вақте наздикшавии Замин ва осмон фаро мерасад ва ҳамаи табиат бо шукӯҳи тоза мешукуфад, бояд дертар хобид ва барвақттар бархест, то ин ки неруи наву тозаро пайдо кунӣ”***.
2. Иқтибос аз асари муаррихи замони Ҳон Сима Сян (соли 86 то милод) “Ши сзи” (“Ёддоштҳои

таърихӣ”), “Зиндагиномаи шоҳигарии Даван ва дигар шоҳаншоҳиҳо дар ноҳияи ғарбии Сиюй”. Матни асл: ***“Баъди он ки аввалкошиф Чжан Сзян ба роҳи худ идома дод, фиристодаҳои баъдӣ ба худ унвони фахрӣ доданд, то ин ки боварии кишварҳои хориҷиро ба даст оранд; ва дар ҳақиқат хориҷиён ба онҳо бовар кар-данд”***.

3. Аз асари муаррихи бузурги замони Ҳон Сима Сян (соли 86 то милод) “Ши сзи” (“Ёддоштҳои таърихӣ”), **“Зиндагиномаи сарлашкар Ли”**.
4. Иқтибос аз рисолаи фалсафии мутафаккири бостон Сюн Куан (солҳои 313–238 то милод) **“**Сюн-сзи**”**, боби **“Насиҳат ба хонандагон”**.

# БУНЁДИ ҶОМЕАИ САРНАВИШТИ ЯГОНАИ БАШАРИЯТ

# ТАШКИЛИ МУШТАРАКИ МУНОСИБАТҲОИ ШАРИКИИ НАВ ВА БУРДҲОИ ҶОНИБАЙН, БУНЁДИ ҶОМЕАИ САРНАВИШТИ ЯГОНА

***(Суханронӣ дар музокираи умумӣ дар иҷлосияи 70-уми Маҷмаи умумии СММ, ки 28 сентябри соли 2015 дар мақари СММ дар Ню-Ёрк баргузор шуда буд)***

**Муҳтарам ҷаноби раис, ҳамкорони гиромӣ!**

70 сол пеш насли калонсоли мо бо фашизм қаҳрамонона ҷангид, дар ин ҷанги ҷаҳонӣ пирӯз омад ва ҳамзамон ин саҳифаи торики таърихи башариятро пӯшид. Ин пирӯзӣ ба қимати бузург ба даст омад.

70 сол пеш аз ин ба шарофати чашмиояндабини насли калонсол СММ таъсис гардид. Ин як созмони байналмилалии фарогир ва обрӯманд аст, ки ба инсонҳо умед ба оянда дод ва ба тарҳи ҳамкориҳои даврони нав хишти нахустин гузошт. Дар таърихи инсоният ин рӯйдод аввалин буд.

70 сол пеш насли калонсол ҳамаи ҳикмати башариятро гирд оварда, Низомномаи СММ-ро қабул

кард, ба ин васила хишти аввали тартиботи муосири байналмилалиро гузошт ва усулҳои асосии муносибатҳои муосири байналмилалиро тасдиқ намуд. Нақши ин комёбӣ бузург аст.

**Муҳтарам ҷаноби раис, ҳамкорони азиз!**

3-уми сентябр халқи Чин – ҳамроҳ бо ҳама мардумони рӯйи олам – 70-солагии пирӯзиро дар Ҷанги муқовимати халқи Чин бар ишғолгарони ҷопонӣ ва Ҷанги ҷаҳонии зиддифашистӣ таҷлил намуд. Чин – чун саҳнаи асосии амалиёти ҳарбӣ дар Осиё – 35 миллион нафарро дар ҷанги зидди мутаҷовизини Ҷопон аз даст дод ва ба неруҳои асосии он зарбаи ҳалокатовар зад. Чин на танҳо мардумашро наҷот дод, балки аз неруҳои муқовимате, ки дар саҳнаҳои ҷангии Аврупо ва Уқёнуси Ором меҷангиданд, пуштибонии қавӣ намуд. Ҳамин тариқ, кишвари мо дар пирӯзии умумиҷаҳонӣ бар фашизм нақши таърихӣ ва ҳиссаи сазовор дорад.

Таърих шабеҳи оина аст. Олам танҳо дар сурати омӯзиши сабақҳои таърих метавонад аз такрори фоҷеаи гузашта худдорӣ кунад. Мо бояд ба он бо эҳтиром ва камоли масъулият нигарем. Гузаштаро наметавон тағйир дод, вале худи мо метавонем ояндаро бисозем. Мо таърихро на ба он хотир дар ёд дорем, ки сӯзиши оташи хусуматро дар дилу

ҷонамон нигоҳ дорем, балки бояд дарсҳои онро биёмӯзем. Ин на ба он маъност, ки мо бояд ҳамеша ба гузашта алоқаманд бошем. Баръакс, ҳадафи мо бунёдиояндаи беҳтар ва аз насл ба насл додани машъали фурӯзони сулҳ аст.

**Муҳтарам ҷаноби раис, ҳамкорони гиромӣ!**

Зарфи ин 70 сол СММ роҳи душвореро тай намуд. Вай шоҳиди кӯшишҳо ва талошҳои амалие буд, ки давлатҳо барои таъмини сулҳ, сохтмони дохилӣ, танзиму эҷоди ҳамкориҳо камар бастанд. Ҳоло мо дар зинаи нави таърихӣ қарор дорем ва СММ бояд дақиқан бияндешад, ки масъалаҳои муҳими сулҳ ва рушди асри XXI-ро чӣ гуна метавонад беҳтар роҳи ҳал ёбад.

Олам аз равандҳои таърихии таҳаввулоти тезҳаракат нигарон аст: офтоби сулҳ, тараққиёт ва пешрафт ба ҳадди кофӣ равшан нур мепошад, то ин ки аз миёни абрҳои тираи ҷанг, фақр ва ақибмондагӣ гузарад. Ҳаракат ба сӯйи ҷаҳони бисёрқутбӣ, ҳамчунин инкишофу рушди кишварҳое, ки ба тозагӣ соҳиби бозорҳо мешаванд ва кишварҳои дар ҳоли тавсеа, ба як тамоили фатҳнопазири равандҳои таърихӣ табдил ёфтаанд. Ҷаҳонисозии иқтисодӣ ва иттилоотикунонии ҷомеа неруҳои истеъмолии ҷомеаро озод намуданд ва ба онҳо имконияти беназир

барои рушд додаанд, аммо ҳамзамон бо ин боиси таҳдидҳо ва хатарҳои нав шудаанд, ки мо бояд ба ин ҷиддан муносибат кунем.

Зарбулмасали қадимии Чин мегӯяд, ки ***“роҳи бузурги Дао ба Олам хушбахтиву некуаҳволӣ меорад”***[1]. Сулҳ, рушд, баробарӣ, адолат, демократия ва озодӣ арзишҳои умумибашарӣ ва ҳадафҳои наҷибонаи СММ мебошанд. Аммо то расидан ба ин ҳадаф дур аст ва мо бояд бо ин масири мушкил ҳаракат кунем. Мо бояд таahҳудоти худро ба ҳадафҳо ва усулҳои Оинномаи СММ тасдиқ кунем, навъи нави муносибатҳои байналмилалиро, ки ҳамкориҳо ва бурдҳои ҷонибайн дар маркази онон қарор мегиранд, бисозем, ҷомеаи сарнавишти ягонаи башариятро бунёд кунем. Барои мо ҳоло лозим аст зиёд заҳмат кашем.

– Мо бояд муносибатҳои шарикиеро барқарор созем, ки дар онон давлатҳо баробар бошанд, ҳамчунин машваратҳои ҷонибайн гузаронем ва ҳамдигарфаҳмиро ба намоиш гузорем. Усули баробарию комилҳуқуқӣ асоси Оинномаи СММ-ро ташкил додааст. Ояндаи олами моро бояд ҳамаи давлатҳо ташкил диҳанд. Ҳамаи кишварҳо баробаранд ва мамолики бузург, пурқудрат ва сарватманд набояд ба кишварҳои хурд, заиф ва фақир зулмро раво бинанд, онҳоро таҳқир ва болояшон ҷабр кунанд. Соҳибихтиёрӣ на танҳо ба ин маъност, ки истиқло-

лият ва тамомияти арзии ҳамаи давлатҳо дахлнопазир аст ва касе ҳақ надорад дар умури дохилии кишвари дигар дахолат дошта бошад. Он ҳамчунин ба он маъност, ки бояд ба ҳуқуқи ҳамаи кишварҳо дар мавриди интихоби мустақилонаи сохти ҷамъиятӣ ва роҳи инкишоф аҷр гузошта шавад, ҳамчунин ба талошҳои амалии давлатҳо оид ба таъмини рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва беҳбудии ҳаёти мардум бо эҳтиром муносибат карда шавад.

– Мо бояд аз усули робитаҳои бисёрҷониба ҳимоят кунем ва амалҳои якҷонибаро рад намоем. Мо бояд аз консепсияи нави дастоварду натиҷаҳо, ки барои ҷонибҳо манфиатовар аст, пуштибонӣ намоем ва тасаввуроти кӯҳнаро дар бораи он, ки пирӯзии яке мағлубияти дигаре мебошад ва ба ғолиб ҳама чӣ мерасад, як сӯ гузорем. Машварат шакли басо муҳими демократия мебошад ва он бояд воситаи муҳими идораи байналмилалии муосир бошад.

– Мо бояд шарикии ҷаҳониро дар олам ва сатҳи минтақавӣ ба вуҷуд биоварем ва аз равишҳои наве дар муносибатҳои байналмилалӣ пайравӣ кунем, ки дар он “муколама асос аст, на муқовимат, дар мадди аввал шарикӣ қарор мегирад, на сиёсати блокӣ”. Кишварҳои пешрав дар муносибатҳои бурунмарзии худ бояд аз усулҳои безиддиятӣ, ғайримуқовиматӣ, эҳтироми ҳамдигарӣ, ҳамкорӣ ва фоидаи ҷонибайн кор бигиранд. Мамлакатҳои бузург бояд бо киш-

варҳои хурд баробар муносибат кунанд, равишҳои дурустро марбут ба адолат ва фоида истифода кунанд, адолат ва суду фоидаро бо ҳам пайванданд ва адолатро болотар аз суду манфиат донанд.

– Мо бояд системаи бехатариеро созем, ки адолат, қонуният, саҳми муштарак ва суди дастаҷамъӣ асоси онро ташкил диҳанд. Дар замони ҷаҳонисозии иқтисодӣ ҳамаи кишварҳои олам марбути ҳамдигаранд ва аз ҳамдигар вобаста мебошанд. Ягон кишвар наметавонад амнияти комили худро фақат бо талошҳои худ таъмин кунад ва ягон мамлакати олам наметавонад аз ҳисоби бесуботии кишвари дигар худро босубот гардонад. **“Зӯр нозӯрро фурӯ мебарад”**,– ин қонуни ҷангал аст ва барои муносибатҳои байнидавлатӣ ба кор намеравад. Он касоне, ки даст ба ҳангомаву моҷароҳои ҳарбӣ мезананд, бояд бидонанд: ***“Талош накун ба сӯйи дигаре санг андозӣ, зеро худ ба пойи худ хоҳӣ зад”***.

– Мо бояд аз тафаккури замони ҷанги сард даст кашем ва мавқеияти навро оид ба амнияти умумӣ, фарогир, муштарак ва устувор биандешем. Ба мо лозим аст ба таври комил нақши марказии СММ ва Шӯрои амнияти онро дар қатъи зиддиятҳо ва ҳифзи сулҳ нишон диҳем, бо “масири дугона” ҳаракат кунем, – ҳам ба танзими сулҳомези масъалаҳои баҳсӣ бипардозем ва ҳам чораҳои маҷбурсозиро ба хотири табдил додани душманӣ ба дӯстӣ ба кор барем.

– Мо бояд ҳамзамон ба ҳамкориҳои байналмилалӣ дар самтҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мусоидат намоем, ҳамчунин ба пурраги ба ҳалли масъалаҳои анъанавиву ғайрианъанавии бехатарӣ барои пешгирӣ ва роҳ надодан ба ҷанг наздик шавем.

– Мо бояд ба рушди боз, инноватсионӣ, фарогир талош намоем. Буҳрони молиявии ҷаҳонӣ, ки соли 2008 фарогир шуд, ба мо омӯзонд, ки агар аз паси сармоя кӯркӯрона давем, ин метавонад сабабгори буҳрони нав шавад. Бинои нави зебову замонавиро наметавон бо пойдеври ноустувору фарсуда сохт. Фарқияти афзоянда миёни фақирону сарватмандон қобили қабул нест. Барои мо муҳим аст ҳам “дасти ноаёни бозор”-ро бигирем ва ҳам ба “дасти аён” такя кунем, ҳамафзоии (синергизми) хосро миёни неруҳои бозор ва амалҳои ҳукуматҳо ба вуҷуд биоварем, ҳамчунин ба хотири баробарӣ ва адолат талош кунем.

Инкишофу рушдро танҳо замоне метавон воқеӣ ва мусбат донист, ки вай барои ҳама устувор аст. Ноил шудан ба ин ҳадаф боз будан, кумаки ҳамдигарӣ ва фоидаи ҷонибайнро мехоҳад. Имрӯз дар олам ҳар сол наздик ба 800 миллион одам чун пештар дар фақр зиндагонӣ мекунанд, қариб 6 миллион кӯдак ба синни панҷсолагӣ нарасида мефавтанд ва ҳудудан 60 миллион бача аз имконияти рафтан ба мактабу таҳсил маҳруманд.

Иҷлоси СММ оид ба рушди устувор, ки ҳоло ба анҷом расид, Барномаи рушдро барои давраи баъди соли 2015 қабул намуд. Мо бояд ваъдаҳои худро дар ҳаёт амалан татбиқ созем ва ҳамроҳ бо он натиҷа даст бояд ёфт, ки аз он касе ҷабр набинад, то ҳар кас барои рушду инкишоф ва ҳаёти шоиставу бошарафона дастрасӣ дошта бошад.

– Мо бояд табодулҳои фарогирро байни тамаддунҳо густариш диҳем. Гуногунрангии тамаддуни башарӣ ин оламро нуронӣ мекунад ва нуроният ба табодул мусоидат менамояд, – табодуле, ки, билохира, ба ҳамоиш мебарад ва ҳамоиш имкониятро барои пешрафт боз месозад.

Дар иртиботҳои худ ва ҳамкориҳо тамаддунҳо бояд гуногунии якдигарро эътироф намоянд. Олам метавонад гуногунрангии худро танҳо ба шарти эҳтироми мутақобила, аз ҳамдигар омӯхтани лаҳзаҳои мусбат ва ҳамоҳангиву мутобиқат ҳифз кунад ва шукуфо гардад. Ҳар тамаддун дорои зеҳният аст ва ягон тамаддун пеши тамаддуни дигар бартарияте надорад, наметавонад боло ва ё беҳтар аз дигаре бошад. Тамаддун бояд муколама ва табодулро роҳандозӣ кунад ва талош нанамояд, ки якеро ба дигаре табдил диҳад. Таърихи инсоният монанди як матои бузург аст, ки дар он фароянди табодули фаъол намоиш дода мешавад. Мо бояд ҳамаи тамаддунҳоро эҳтиром намоем ва ба онҳо баробар муносибат

кунем, аз ҳамдигар омӯзем, ҷанбаҳои арзишнокро бигирем ва – ба ин васила – рушди бунёдкоронаи тамаддуни башариро тезонем.

– Мо бояд ҳамин гуна як системаи зистмуҳитиеро бунёд созем, ки модар-табиат ва тараққиёти поки экологиро дар мадди аввал қарор бидиҳад. Инсоният метавонад неъматҳои табиатро истифода барад ва ҳатто талош намояд, ки онро дигаргун созад, вале дар ниҳояти амр мо ҳиссае аз ҳамин табиат ҳастем. Мо бояд табиатро эҳтиёт намоем ва кӯшиш накунем, ки худро болои он гузорем. Мо бояд ихтилофи назарҳоро, ки тамаддуни саноатӣ бо худ овардааст, ҳаллу фасл намоем, талош кунем, то миёни инсон ва табиат мувофиқату мутобиқат ба манфиати рушди устувори сулҳомез ва ҳамаҷонибаи инсон таъмин бошад.

Эҷоди тамаддуни зистмуҳитӣ (экологӣ) барои ояндаи башарият зарурати ҳатмист. Ҳамаи аъзои ҷомеаи ҷаҳонӣ дар ҷустуҷӯйи роҳҳои сохтани тамаддуни ҷаҳонии экологӣ бояд талошҳои худро ба ҳам биоранд. Мо бояд консепсияи комили эҳтироми табиатро таҳия кунем, тибқи он амал намоем ва табиатро ҳифз кунем. Мо бояд қотеона бо роҳи рушди устувори экологӣ гом занем, партовҳои карбониро ба фазо коҳиш бидиҳем ва ба ҳадафи истифодаи дубораи партовҳо муваффақ гардем. Чин ҳиссаи масъулияти худро бар дӯш мегирад ва дар ин

талошҳо ба ифои нақши худ идома медиҳад. Мо ҳамчунин аз кишварҳои тараққикарда даъват мекунем, то масъулияти таърихиро бар дӯш бигиранд, ухдадориҳоро оид ба коҳиши партовҳо иҷро кунанд ва ба давлатҳои рӯ ба тараққиёт дар коҳиши асари тағйири иқлим ва мутобиқ шудан ба он ёрӣ расонанд.

**Муҳтарам ҷаноби раис, ҳамкорони азиз!**

Халқи Чин, ки шумораи он бештар аз 1,3 миллиард нафар аст, барои амалан татбиқ намудани орзуи чинӣ дар бораи эҳёи бузурги миллати Чин мубориза мебарад. Ин орзуи халқи Чин бо орзуи халқҳои дигар кишварҳои олам ҳамнавост. Мо наметавонем онро бе муҳити сулҳомези байналмилалӣ, низоми устувори ҷаҳонӣ, ҳамчунин бе пазириш, пуштибонӣ ва ёриҳо аз ҷониби оламиён амалан татбиқ кунем. Татбиқи орзуи чинӣ имконияти наверо барои мамлакатҳои дигар мекушояд ва боз ҳам самаровартар ба сулҳ ва инкишофу тараққиёт дар ҳамаи олам мусоидат хоҳад кард.

Чин дар барқарории сулҳ дар сар то сари олам ширкат мекунад ва қотеона бо роҳи рушди сулҳомез гом мезанад. Вазъи байналмилалӣ ба кадом сурате начархад, то куҷо Чин қудратманду неруманд набошад, давлати мо ҳеҷ вақт султаҷӯйӣ намекунад ва даъвои ҳавзаҳои нуфуз нахоҳад дошт.

Чин минбаъд низ ҳиссаи худро дар рушди ҷаҳонӣ мегузорад, сиёсати умумии тараққиётро роҳандозӣ мекунад ва ба стратегияи суду фоидаи ҷонибайн ва бурди умумӣ пойбанд мемонад. Чин омода аст таҷрибаи рушди хеш ва имкониятҳои худро бо дигар мамлакатҳо бо ҳам бинад. Дар "қатораи убуркунанда"-и инкишофу тараққиёти чинӣ бо ҳам рушд хоҳем кард.

Чин минбаъд низ пойбанд ба низоми байналмилалӣ мемонад, бо роҳи ҳамкорӣ ва пешрафт гом хоҳад зад. Чин аз ҷумлаи аввалин давлатҳои таъсискунандаи СММ буд, ки имзои худро зери Оинномаи он гузоштанд. Мо минбаъд низ пойбанди низоми байналмилалӣ ва системае мемонем, ки бунёди онро ҳадафҳои асосӣ ва равишҳои СММ ташкил медиҳанд. Чин минбаъд низ китф ба китф бо кишварҳои рӯ ба тараққиёт хоҳад буд, аз намояндагиҳо ва овози онҳо пуштибонӣ хоҳад кард. Бахусус ин ба мамолики африқоӣ дахл дорад. Дар системаи байналмилалии идорӣ овози Чин ҳамеша ба кишварҳои рӯ ба рушд таалluқ хоҳад дошт.

Мехоҳам аз ин фурсат истифода барам, то аз қарори Чин дар мавриди бунёди Хазинаи сулҳу рушди Чин ва СММ бо сармояи як миллиард доллари ИМА дар муддати 10 сол эълон намоям. Ин хазина ба СММ дар фаъолияташ ба хотири мусоидат ба ҳамкориҳои бисёрҷониба ёрӣ мерасонад ва ҳиссаи муҳими худро дар таҳкими сулҳи ҷаҳонӣ ва та-

раққиёт хоҳад гузошт. Мехоҳам эълон намоям, ки Чин ба механизми нави омодагии ҳамешагии тавонмандиҳои сулҳофаринии СММ мепайвандад. Ва дар робита бо ин ҳадафҳо ҶМЧ ба қароре омад, ки ҳини талошҳо оид ба ташаккули ҳайати неруҳои посдори сулҳ пулисро сарварӣ кунад ва воҳидҳои сулҳофари доимоамалкунандаро бо теъдоди 8000 нафар созмон диҳад. Ман ҳамчунин мехоҳам эълон намоям, ки Чин дар 5 соли оянда ба Иттиҳоди Африқо ба маблағи 100 миллион доллари амрикоӣ барои бунёди неруҳои африқоии ҳамеша омода ва неруҳои вокуниши сареъ дар ҳолатҳои буҳронӣ кумаки ҳарбии бебозгашт мерасонад.

**Муҳтарам ҷаноби раис, ҳамкорони азиз!**

СММ ба даҳсолаи нави фаъолият ворид мешавад. Пас биёед, боз ҳам барои эҷоди шарикии нав бар пояи ҳамкориҳо ва бурдҳои умумӣ, ҳамчунин бунёди ҷомеаи сарнавишти ягона ба сурати пойдор муттаҳид шавем. Шамшерҳоро ба испор табдил диҳем! Бигзор ғояи ҷанг дигар ҳаргиз ба сари инсонҳо наояд! Бигзор талошҳо ба хотири рушд, шукуфоӣ, баробарӣ ва адолат дар вуҷуди инсонҳо ҳоким гарданд!

**Барои диққататон сипосгузорам!**

# БО ТАЛОШҲОИ ЯКҶОЯ СОХТАНИ МЕХАНИЗМИ ИДОРАИ БАРОИ ҲАМАГОН МУФИД, БОАДОЛАТ ВА ОҚИЛОНАИ ТАҒЙИРОТИ ИҚЛИМ

***(Суханронӣ дар ифтитоҳи Конфронси Порис оид ба тағйири иқлим. 30 ноябри соли 2015)***

**Муҳтарам Президент Олланд!**

**Ҳамкорони азиз!**

**Хонумҳо ва ҷанобон, дӯстон!**

Имрӯз мо дар Порис дар ифтитоҳи конфронси СММ оид ба тағйироти иқлим ширкат дорем. Ин ҳикоят аз он мекунад, ки терроризм наметавонад монеъ шавад, ки инсоният ба тағйироти иқлим вокуниш нишон диҳад, наметавонад садди роҳи талоши башар барои беҳбудӣ бошад. Бо истифода аз ин имконият ман меҳоҳам таъзияи амиқи худро ба мардуми Фаронса изҳор намоям, ҳамчунин ба Президент Олланд ва Ҳукумати Фаронса барои омодагии ҳамаҷониба ба баргузории ин конфронс ташаккур гӯям.

“Конвенсияи қолабии СММ дар бораи тағйири иқлим” 20 сол қабл ба иҷро даромад. Дар ин муддат бо талошҳои фарогири кишварҳои гуногун кор дар самти вокуниши ҷаҳонӣ ба тағйири иқлим натиҷаҳои мусбат дод, аммо, мисли пештара, ҳоло ҳам таҳдидҳо ва мушкилоти зиёде домангири ҷомеаи байналмилалианд. Конфронси Порис барои беҳбуди татбиқи Конвенсия ва неруи ҳатмии муоҳада даъват шудааст. Дар назди Конфронс вазифаҳои пешбурди Нақшаи ҷаҳонии ҳалли одилона, оқилона ва самаровари тағйироти иқлим истодааст. Нависандаи фаронсавӣ Виктор Гюго гуфта буд: ***“Бузургтарин ҷасорат зояндаи бузургтарин ҳикмат аст”***[1]. Ман бовар дорам, агар ҳар ҷониб самимияту ҷасорати худро нишон диҳад, конфронси Порис ҳатман ба натиҷаҳои мусбат даст меёбад ва интизории ҷомеаи ҷаҳониро бароварда месозад.

## Ҳамкорони муҳтарам, хонумҳо ва ҷанобон!

Муоҳадаи муваффақонаи байналмилалӣ бояд на танҳо масъалаҳои муҳиму зарурииро ҳаллу фасл кунад, балки ба оянда низ бингарад. Муоҳадаи Порис бояд ба беҳбуди вокунишҳои ҷаҳонӣ ба тағйироти иқлим баъди соли 2020 равона шуда бошад. Он бояд ба олам барои татбиқи муваффақонаи рушди устувори ҷаҳонӣ неруи нави баҳаракатдароваранда эҳдо кунад.

– Муоҳадаи Порис ба фоидаи татбиқи ҳадафҳои Конвенсия ва бурдани он ба самти рушди экологӣ нигаронида шудааст. Созишнома бояд усулҳо ва мақсадҳои Конвенсияро риоя намояд, ба он неруи татбиқи ҳамаҷониба ва самароварро бахшад. Лозим аст на танҳо ҷамъшавии газҳои гулхонаиро дар фазо боздорад, балки механизмҳои ҳавасмандсозӣ ва майлу рағбати моддиро ҳам бунёд намояд. Ҳадафи конфронс бедор кардани кишварҳо барои пуштибонӣ аз рушди камкарбон, силсилавӣ ва экологист, тараққиёти иқтисодӣ ва мубориза бо тағйири иқлим, яъне ба даст овардани бурди дукарата, мебошад.

– Муоҳадаи Порис бояд барои ба ҳам омадани қувваҳои ҳамаи олам мусоидат кунад, одамонро барои ширкати фаъолона ҷалб созад. Дастурҳои мушаххас ва чорабиниҳои татбиқи муоҳада бояд манфиатҳои ҳамаи давлатҳоро алоқаманд кунанд, онҳоро барои васл шудан тарғиб намоянд. Дар қатори ҳукумати кишварҳо ҳамчунин зарур аст барои ширкат дар ҳамкориҳои байналмилалӣ корхонаҳо, созмонҳои ғайридавлатӣ ва дигар неруҳои иҷтимоӣ ҷалб карда шуда, сатҳи мафкураи ҷамъиятӣ баланд бардошта шавад.

– Муоҳадаи Порис бояд ба афзоиши сармоягузориҳо мусоидат кунад, кафолатҳои амалро тақвият бахшад. Шарти муқаддамотии ширкат дар амалҳо

оид ба вокуниш ба тағйири иқлим барои кишварҳои рӯ ба инкишоф ба даст овардани пуштибониҳои моддӣ ва техникӣ ба хотири боло бурдани зарфиятҳои вокунишии онҳо мебошад. Дар соли 2020 кишварҳои тараққикарда бояд ваъдаи худро амалӣ созанд, – ҳар сол 100 миллиард доллари ИМА-ро ба ин кор равона созанд. Ҳамзамон бо ин баъди соли 2020 кишварҳои рӯ ба инкишоф кумакҳои бештари моддӣ мегиранд. Ғайр аз ин, давлатҳои тараққикарда низ бояд ба мамолики рӯ ба рушд технологияҳои нигаҳдорандаи иқлимро таҳвил диҳанд, ба онҳо ёрӣ расонанд, то ки иқтисоди аз нигоҳи беҳдоштӣ тоза ва “сабз”-ро рушд диҳанд.

– Муоҳадаи Порис бояд самаровар ва амалгаро бошад, воқеиятҳои миллии кишварҳои гуногунро ба назар гирад. Муоҳада набояд ҳамаро бо як газ чен кунад, баръакс он бояд бар асоси камоли эҳтиром ба гуногунии сиёсати дохилӣ, рушди зарфиятҳо ва сохтори иқтисодии кишварҳои гуногун, махсусан мамлакатҳои рӯ ба рушд, тартиб дода шавад. Вокунишҳо ба тағйироти иқлим набояд ба мамлакатҳои тараққиёбанда монеъ шаванд, ки онҳо натавонанд аз фақру нодорӣ раҳо ёбанд ва сатҳи зиндагонии сокинонашонро боло бардоранд.Ба махсусиятҳои мушкилоти кишварҳои рӯ ба рушд диққат бояд дод.

## Ҳамкорони мухтарам, хонумҳо ва ҷанобон!

Муоҳадаи Порис нуқтаи расиш нест, балки ин оғози нав аст. Яке аз ҷанбаҳои муҳими идораи ҷаҳонӣ буда, кӯшишҳои байналмилалӣ оид ба вокуниш ба тағйироти иқлим ба сифати оинае хидмат мекунанд, ки моро ба фикру андеша ва мулоҳиза мебаранд, ба омӯзиши равишҳои ҷаҳонии идора водор месозанд, тасаввуроти арзишманде дар бобати сохтори ҷомеаи сарнавишти ягонаи башарият мебахшанд.

– Мо бояд ояндаеро бисозем, ки ҳар кас дар он қобилияти худро нишон диҳад, дар ҳамкориҳои оянда, бурдҳои умумӣ равшан бошанд. Агар ба масъалаҳои ҷаҳоние чун тағйироти иқлим манфиатхоҳона муносибат шавад, хоҳиши ба даст овардани фоидаи бештар кунанд, бо зарар расондан ба дигарон, масъулияти камтаре ҳис намоянд, дар ниҳояти кор, ҳатто барои худ хубие ба даст намеоранд. Конфронси Порис бояд тафаккури махдуде чун “бозӣ бо сифр”-ро бояд як сӯ гузорад ва ҳамаи давлатҳо, бахусус кишварҳои тараққикардаро ба сармоягузории фаровон ва масъулияти бузург ҳидоят созад, ҳамзамон як фароянди мутақобилан судманд ва бурдҳои муштаракро ба вуҷуд оварад.

– Мо бояд ояндаеро бисозем, ки бар пояи қонуният, баробарӣ ва адолат бунёд гардад. Зарур аст обрӯ ва таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ дар системаи

идораи ҷаҳонӣ баланд бардошта шавад, эҳтирому риояи ҳуқуқи байналмилалӣ кафолат дода шавад, усули демократӣ ва баробарӣ дар бунёди низоми ҳуқуқи байналмилалӣ дунбол шавад. Масъулияти таърихӣ, зинаҳои рушд ва имкониятҳои вокуниши кишварҳои тараққикарда ва рӯ ба инкишоф аз ҳам ҷиддан тафовут мекунанд. Аммо масъулиятҳои мухталифу гуногун на танҳо кӯҳна нашудаанд, балки, баръакс, риояти бечунучароро талаб мекунанд.

– Мо бояд ояндаи таҳаммулпазир, ба ҳам алоқаманд ва рушди якҷояро бисозем. Дар рӯ ба рӯ бо таҳдидҳои ҷаҳонӣ қарор гирифта, ҳамаи давлатҳои олам бояд муколамаро таҳким бахшанд, аз ҳамдигар таҷрибаҳои беҳтаринро марбут ба дастовардҳои амалӣ қабул кунанд, дастовардҳои бегонаро барои пурраву мукаммал кардани камбудиҳои худ бигиранд, табодули ҷонибайнро барои рушди якҷоя ба хайру манфиати ҳамаи халқҳо истифода баранд. Ҳамзамон онҳо усулҳои мувофиқро ҳангоми ҳифзи гуногунӣ бояд пеш баранд, имкон диҳанд, ки ҳар кишвар барои худ сиёсати муносиби вокунишу эътиноро ба воқеиятҳои худ интихоб намояд.

**Ҳамкорони муҳтарам, хонумҳо ва ҷанобон!**

Чин ҳамеша ширкаткунандаи фаъоли равандҳои вокуниш ба тағйироти иқлим буд. Мо басо самимо-

на ва бо қотеияти том мехоҳем дар комёбиҳои Конфронси Порис ҳиссаи худро гузорем.

Зарфи чанд даҳсолаи охир иқтисоди Чин босуръат тараққӣ кард ва дар ҳаёти мардум тағйироти дидашаванда зуҳур кард. Аммо ин ба қимати азим ба мо даст дод, – бо истифодаи захираҳо ва зарар расонидан ба табиат. Аз гузашта барои оянда мо дарсҳо омӯхтему гирифтем. Ҳоло Чин бо ҳама неру бунёди фарҳанги зистмуҳитиро пешбарӣ мекунад, кишвари мо роҳи рушди камкарбони “сабз”-ро пеш гирифтааст. Чин барномаи вокуниш ва эътиноро ба тағйироти иқлим дар нақшаҳои миёнамуҳлат ва дарозмуҳлати рушди давлатии иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба марҳалаи иҷро гузошт. Мо ба тағйири оҳистаи иқлим ва мутобиқ шудан ба ин тағйирот диққати муҳим медиҳем, бо истифода аз ҳамаи абзорҳо, чун қонунгузорӣ, идораи маъмурӣ, технологияҳо, бозор ва равишҳои дигар, дар ин самт кор мебарем. Имрӯз дар Чин неруи умумии генераторҳое, ки бо манбаъҳои таҷдидпазир кор мекунанд, 24% аз ҳамаи дастгоҳҳои ҷаҳониро ташкил медиҳад, ҳиссаи дастгоҳҳои нав 42% аз теъдоди умумии ҳамаи дастгоҳҳои навро дар олам ташкил медиҳад. Чин дар олам дар масъалаи сарфаҷӯйи энержӣ, истифодаи манбаъҳои нав дар ҷойи аввал қарор дорад.

***“Ҳамаи мавҷудот бо ҳамоҳангӣ вуҷуд дорад ва ҳар кас аз он чизе мехӯрад, ки барояш лозим***

***аст”***[2], – мегӯяд ҳикмати қадимӣ. Фалсафаи Чин аз замонҳои бостон ваҳдати табиат ва инсон, муносибати боэҳтиромро ба табиат таблиғ мекунад. Бо назар ба оянда Чин дар нақшаи панҷсолаи 13-ум бунёди фарҳанги зистмуҳитиро дар ҷойи аввал қарор медиҳад ва консепсияҳои рушдро, аз қабили инноватсияҳо, мутобиқат, “сабз мондан”, боз будан, истифодаи якҷояи манфиатҳо, амалан татбиқ менамояд. Бо ёрии инноватсияҳои илмӣ-техникӣ ва системаҳои инноватсионӣ ва механизмҳои дахлдор беҳинасозии сохторҳои истеҳсолиро татбиқ мекунад, системаи камкарбони захираҳои энержиро бунёд менамояд. Дар нақшаҳои мо рушду сохтмони “сабз” ва нақлиёти экологӣ, бунёди бозорҳои давлатии квотаҳо дар партовҳои газҳои гулхонаӣ, ҳамчунин татбиқи як қатор дигар дастурҳои сиёсӣ бо ташкили сохтори нави рушди муносиби инсон ва табиат дар шароитҳои модернсозӣ дар назар дошта шудааст. Дар “Ҳиссаи мустақили кишвар” Чин талошро барои тахминан то соли 2030 ба ҳадди баланд расонидани коҳиши партови гази ангидриди карбон нишон додааст. Аммо аз рӯйи имкон расидан ба ин ҳадаф дар мухлатҳои кутоҳтар пешбинӣ мешавад. Соли 2030 ба нақша гирифта шудааст, ки коҳиши партови гази ангидриди карбон дар воҳиди Тавлиди Нохолиси Дохилӣ, дар қиёс бо соли 2005, ба 60–65% расонда шавад. Ҳиссаи истеъмоли энержии аввалаи

неруи ғайригидрогенӣ тахминан 20 фоизро ташкил хоҳад дод, ҳаҷми захираҳои ҷангал – дар муқоиса бо соли 2005 – тахминан ба 4,5 миллиард кубометр хоҳад афзуд. Ба он нигоҳ накарда, ки иҷрои ин ваъдаҳо кӯшишҳои зиёдро талаб мекунад, мо бо боварӣ ва қотеият ба татбиқи он камар мебандем.

Чин бо пуштибонӣ аз дидгоҳҳои дуруст ба таносуби қарз ва фоида дар ҳамкориҳои байналмилалӣ дар самти тағйироти иқлим фаъолона ширкат мекунад. Ҳукумати Чин аллакай солҳои зиёдест, ки аз рӯйи виҷдон сиёсати ваъдашудаи ҳамкориҳои “Ҷануб-Ҷануб”-ро дар самти тағйироти иқлим дар амал татбиқ менамояд. Мо кишварҳои рӯ ба инкишоф, бахусус мамолики нисбатан рушдёфтаро, ки роҳ ба самти баҳр надоранд, ҳамчунин кишварҳои ҷазираии хурдро дар вокуниши онҳо ба таҳдидҳои алоқаманд ба тағйири иқлим дастгирӣ мекунем. Барои тақвияти ин пуштибониҳо моҳи сентябри соли ҷорӣ Чин дар бораи таъсиси Хазинаи чинии ҳамкориҳои “Ҷануб-Ҷануб” дар мавриди вокуниш ба тағйири иқлим ба маблағи 20 миллиард юан эълон намуд. Соли оянда Чин 10 минтақаи намунавии зистмуҳитиро (экологиро) дар кишварҳои рӯ ба инкишоф боз мекунад, 100 лоиҳаро оид ба коҳиши суръати тағйироти иқлим ё оид ба мутобиқшавӣ ба он пиёда мекунад, ҳамчунин ба ин мамлакатҳо 1000 ҷойи таҳсилро оид ба омодасозии

кормандон дар доираи лоиҳаҳои ҳамкорӣ дар самти вокуниш ба тағйироти иқлим пешниҳод менамояд. Мо ба пешбурди манбаъҳои тозаи энержии зистмуҳитӣ идома медиҳем, сари пешгирӣ аз офатҳои табиӣ ва коҳиши оқибатҳои онҳо кор хоҳем кард. Мо аз фазои зистмуҳитӣ ҳимоят мекунем, дар ҳамкориҳои байналмилалӣ оид бунёди хоҷагии деҳоте, ки ба тағйироти иқлим мутобиқ шудааст, ҳамчунин дар сохтмони шаҳрҳои экологӣ иштирок мекунем ва ба афзудани эҳтимолияти сармоягузориҳо ёрӣ мерасонем.

**Ҳамкорони муҳтарам, хонумҳо ва ҷанобон!**

Вокуниш ба тағйироти иқлим вазифаи умумии башарият аст ва Порис ҳоло дар маркази таваҷҷуҳи оламиён қарор гирифтааст. Биёед, ҳама талошҳои худро барои бунёди механизми ҷаҳонии боадолат ва самаровари вокуниш ба тағйироти иқлим равона созем, рушди устуворро дар сатҳи баландтар татбиқ намоем, ҳиссаи худро дар бунёди муносибатҳои мутақобилан судманди байналмилалӣ гузорем!

**Барои таваҷҷуҳатон сипосгузорам!**

**ЭЗОҲ:**

1. Иқтибос аз асари нависандаи фаронсавӣ Виктор Гюго (с.1802–1885) “Бенавоён”.
2. Иқтибос аз асари фалсафии андешаманди Чин Сюн Куан (с.313–238 то милод) “Сюан сзи”, боби “Дар бораи осмон”.

# ЭҶОДИ СИСТЕМАИ ДЕМОКРАТӢ ВА ШАФФОФИ ИДОРАИ ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТӢ

***(Бахше аз суханронӣ дар ифтитоҳи дуввумин Конфронси умумиҷаҳонӣ оид ба масъалаҳои Интернет. 16 декабри соли 2015)***

Бо он ки олам ба самти чандқутбӣ шудан роҳ пеш гирифтааст, бо он ки ҷаҳонишавии иқтисодӣ, густариши фарҳанги дифференсиалӣ, иттилоъкунонӣ дар ҷомеа чӣ гуна мегузаранд, Интернет ҳамоно дар пешрафти ҷомеаи башарӣ нақши бузурге хоҳад бозид. Ҳамзамон бо ин мушкилоте дар фазои интернетӣ, чун номутаносибии рушд, ноқис будани қоидаҳо, сарфаҷӯ набудани система, ба таври мушоҳидашаванда тезутунд мешаванд. Вартаи иттилоотӣ миёни кишварҳои гуногун ва минтақаҳо, низоми идории фазои шабакавӣ дар айни замон ҷавобгӯйи манфиатҳо ва хоҳишоти аксари кишварҳо нестанд. Дар миқёси ҷаҳонӣ ҳодисаҳои нақзи сиррӣ будани маълумот, ҳаққи моликияти зеҳнӣ ва истифодаи Интернет ба ҳадафҳои ҷиноӣ беш аз ҳар вақти дигар мушоҳида мешаванд. Аз тариқи Интернет гӯш додан, ҳамлаҳои хакерӣ ва фаъолиятҳои террористӣ аз тариқи ин шабакаи глобалӣ ба як омили бадӣ дар олам табдил шудаанд. Дар рӯ

ба рӯ бо ин хатарҳо ва мушкилот ҷомеаи байналмилалӣ бояд ҳамкориҳоро бар пояи эҳтироми байниҳамдигарӣ ва боварӣ ба ҳам таҳким бахшад, ислоҳоти системаи идории ҷаҳониро ба манфиатҳои бунёди фазои сулҳомез, амну бехатар ва боз барои ҳамкориҳо дар фазои шабакавӣ, сохтани системаи бисёрҷониба, демократӣ, шаффофи идории шабакаи ҷаҳонии Интернет пеш барад.

Бо пешниҳоди ислоҳоти системаи ҷаҳонии идории Интернет бояд аз ин усулҳо кор гирифт:

**– Ҳаққи мустақилияти Интернет бояд эҳтиром карда шавад.** Принсипи баробарҳуқуқии мухториятҳо, ки Оинномаи СММ эълом доштааст, дар муносибатҳои байналмилалии муосир асос ба шумор меравад, амали он ба ҳамаи соҳаҳои иртиботҳои мутақобила миёни кишварҳо паҳн мешавад, Аз ин рӯ ин усул ва моҳияти арзишии он бояд дар фазои шабакавӣ низ қобили қабул бошад. Мо бояд ҳуқуқи кишварҳои мухталифро ба интихоби роҳи худии рушди системаи шабакавӣ, намунаи идорӣ, сиёсати ошкори худ дар Интернет, ширкати баробар дар идораи фазои шабакаи байналмилалӣ эҳтиром намоем. Қудратталабии шабакавӣ, ҳамчунин, дахолат дар кори кишварҳои дигар, оғоз, ҳавасмандкунӣ ва дастгирии фаъолиятҳои шабакавие, ки ба барҳам задани амнияти кишварҳои дигар равона шудаанд, қобили қабул нестанд.

– Ҳифзи сулҳ ва амният. Фазои шабакавии бехатар, босубот, шукуфон барои ҳамаи кишварҳо ва ҳамаи оламиён хеле муҳим аст. Дар фазои воқеӣ, чун пештара, бӯйи борут ба димоғ мерасад, абрҳои терроризм ҳеҷ пароканда намешаванд, пайваста мушкилоти ҷинояткорӣ пеши рӯ меояд. Фазои маҷозӣ набояд ба майдони муҳорибаи кишварҳои мухталиф табдил ёбад, гузашта аз ин, он набояд ба парваришгоҳи ҷинояткорӣ табдил ёбад. Бояд бо амалҳои ҷиноии онҳое, ки кӯшиш мекунанд фазои шабакавиро ба манфиати террористон истифода кунанд, фурӯшандагони маводи мухаддир ва шаҳвонӣ, пулшӯяндагон, паҳнкунандагони қиморбозӣ ва ғайра муборизаи муштарак барем. Ба ҳамлаҳои хакерӣ бо ҳадафҳои шикастани шабакаҳои давлатӣ бояд, тибқи қонунгузориҳо ва муоҳадаҳои байналмилалӣ, шадидан вокуниш нишон дода шавад. Дар кори таъмини амнияти шабакавӣ истифода аз меъёрҳои дугона амалан қобили қабул нест. Мумкин нест, ки амнияти фақат як ё якчанд давлат таъмин гардаду халос ва онҳо ба хотири бехатарии худ амнияти кишварҳои дигарро вайрону хароб кунанд.

**– Густариши кушодагӣ дар ҳамкорӣ.** Чуноне ҳикмати қадим мегӯяд: ***“Агар дар олам муҳаббати дуҷониба ҳоким бошад, пас низом барқарор хоҳад буд; агар низоъ бархезад, пас балво низ бар-***

***мехезад"***[1]. Барои он ки системаи идории ҷаҳонии Интернет такмил ёбад, аз низом дар фазои шабакавӣ ҳимоят шавад, бояд дарк намоем, ки ҳамаи мо савори як заврақему вазифадорем ба ҳам бовар дошта бошем ва ба ҳамдигар ғамхорӣ зоҳир намоем. Бояд аз "бозӣ маҷмӯъ – сифр" ва тасаввуроти куҳнашуда дар бораи он, ки ғолиб ҳама чиро соҳиб мешавад, даст кашид. Ҳамаи мамолик бояд барои густариши боз будан ва ҳамкорӣ дар Интернет талош кунанд, муҳтавои ин боз буданро ғанӣ созанд, сатҳи онро боло баранд, платформаҳоро барои густариши иртиботҳо ва ҳамкориҳо бунёд кунанд, нуқтаҳои мавриди алоқавӣ, рушди ҳамкориҳо, имкониятҳои нави бурдҳои мутақобиларо пайдо кунанд, дар истифодаи бартариятҳо ба манфиати умумии тараққиёт ба ҳамдигар кумак намоянд, то ин ки кишварҳо ва халқҳои бештаре барои нишастан ба мошини иттилоотӣ пайдо шаванд ва ҳамроҳ натиҷаҳои мусбати рушди Интернетро истифода баранд.

**– Эҷоди як низоми коромад.** Фазои шабакавӣ ба мисли ҷомеаи воқеӣ, аз сӯе, ба озодӣ ниёз дорад ва, аз ҷониби дигар,ба пуштибонии тартибот эҳтиёҷ дорад. Ҳадафи низом ҳамин озодӣ аст ва кафолати он маҳсуб мешавад. Мо бояд ҳуқуқи корбарони Интернетро дар табодули афкор, изҳори ақида, хостаҳо

эҳтиром намоем, аммо ҳамзамон бояд низоми самараноки ҳуқуқиеро ҷорӣ созем, ки кафили ҳуқуқҳои қонунӣ ва манфиатҳои корбарони Интернет бошад. Фазои шабакавӣ набояд берун аз доираи қонун бошад. Ва ҳарчанд ин фазо маҷозан вуҷуд дорад, аз он шахсони воқеӣ истифода мекунанд. Касоне, ки вазифадоранд қонунҳоро риоя намоянд, бояд тасаввуроти дақиқ ва равшан дар бораи ҳуқуқҳо ва вазифаҳои худ дошта бошанд. Ҳама чиз дар фазои шабакавӣ бояд бар пояи қонун бошад, – ҷорӣ намудани тартибот, роҳандозии фаъолият, истифодаи Интернет ба он хотир, ки Шабакаи рушди саломатӣ дар маҷрои қонун таъмин гардад. Ҳамзамон бо ин бояд пажӯҳишҳои назарияивиро дар ин бобат пурзӯр намуд, фарҳанги интернетиро ба вуҷуд овард, онро ба ёрии фаҳмишҳои миллӣ равона сохт, фазои шабакавиро бо дастовардҳои беҳтарини тамаддуни башарӣ шодоб намуд, экологияи шабакавиро барқарор намуд.

Шабакаи байналмилалӣ ин фазои умумии фаъолияти ҳаётии инсон аст ва бояд сарнавишти онро ҳамаи кишварҳо якҷоя ба даст бигиранд, иртиботҳо таҳким бахшида шаванд, ҳусни тафоҳум густариш ёбад, ҳамкориҳо амиқтар шаванд, ҳамроҳ ва бо ҳам барои бунёди ҷомеаи сарнавишти ягона дар Интернет гом бардошта шавад. Дар ҳамин иртибот мехоҳам 5 пешниҳод намоям:

**Якум.** Рушди зерсохти Интернетро дар миқёси умумиҷаҳонӣ тезонида, ба таҳкими иртиботҳову алоқаҳо мусоидат бояд кард. Системаи шабакавӣ моҳиятан иртиботнокиро талаб мекунад, арзиши иттилоот бошад, ба ирсоли он вобаста аст. Танҳо аз тариқи таҳкими зерсохтҳои Интернет ва бунёди бузургроҳҳои иттилоотӣ, коҳиши пайвастаи шикофҳои иттилоотие, ки кишварҳо, минтақаҳо ва гурӯҳҳои одамонро аз ҳам ҷудо мекунанд, мо метавонем ба ҷараёни убури комили иттилоот даст ёбем. Дар айни замон дар кишвари мо барномаи стратегии ***“Чини паҳнорах”*** татбиқ мешавад, ки тибқи он то соли 2020 системаи интернетии паҳнорах ва ё баландсуръат амалан ҳамаи нуқтаҳои аҳолинишинро дар деҳот фаро мегирад. Ҳамин тариқ, дар сохтмони зерсохти Шабака мо “мили охирин”-ро убур мекунем ва ба ин васила одамони зиёде метавонанд ва имкон хоҳанд дошт ба шабакаи Интернет васл шаванд. Чин омода аст якҷо бо ҳама сармоягузориҳоро афзун созад, пуштибонии технологиро таҳким бахшад, то ин ки боз ҳам теъдоди зиёди кишварҳои рӯ ба тараққиёт ва халқҳо тавонанд ба шарофати Интернет худро рушд диҳанд.

**Дуюм.** Дар Шабака бояд майдони умумӣ барои иртиботҳо дар самти фарҳанг сохта шавад, то он ба табодули фарҳангӣ ва омӯзиш аз ҳамдигар мусоидат

кунад. Табодулҳо фарҳангҳоро рангоранг мекунанд, аз ҳам омӯхтану аз ҳам иқтибос кардан тамаддунҳоро ғанӣ мегардонад. Шабакаи ҷаҳонӣ паҳнкунандаи басо муҳим дар арсаи густариши дастовардҳои беҳтарини фарҳанги башарӣ ва энергетикаи мусбати он мебошад. Чин омода аст системаи Интернетро ба сифати пул миёни иртиботҳо барои пешбурди табодулҳо ва омӯзишу аз ҳам иқтибос кардану гирифтани дастовардҳои фарҳанги ҷаҳонӣ истифода кунад ва ба эҷоди робитаҳои ҳасанаи отифии миллатҳо ва тамосҳои мухталиф дар қаламрави маънавӣ мусоидат намояд. Мо омодаем якҷо бо дигар кишварҳо кор кунем, ин медиамайдонро, ки бо номи Интернет ёд мешавад, рушд диҳем, то ин ки халқҳои кишварҳои дигар тавонанд бо фарҳанги чинӣ шинос шаванд ва мардумони Чин бошад, бо фарҳанги халқҳои дигар ошно гарданд. Мо бояд бо ҳам ва якҷо ба шукуфоӣ ва тараққиёти фарҳанги шабакавӣ ба манфиати ғанӣ гардонидани фарҳанги отифии башарият ва пешрафти тамаддуни инсонӣ талош кунем.

**Сеюм.** Рушди инноватсионии иқтисоди интернетиро ба манфиати шукуфоии ҳамдигарӣ ба роҳ бояд монд. Дар айни замон раванди барқарорсозии иқтисоди ҷаҳонӣ бо мушкил пеш меравад, иқтисоди Чин низ фишорҳои муайянеро таҷриба мекунад. Калиди ҳалли ин мушкилотро ба мо инноватсияҳо

чун пешбарандаи рушду инкишоф, ки уфуқҳои навро боз менамояд, медиҳанд.

Дар айни замон Чин барномаи амали “Интернет+”-ро амалӣ мекунад, барномаи “Чини рақамӣ”-ро густариш медиҳад, иқтисоди муштаракан истифодашавандаро рушд медиҳад, ҳар гуна инноватсияҳоро бар асоси Интернет дастгирӣ мекунад, мехоҳад сифат ва самаранокии рушдро боло барад.

Рушди сареи шабакаҳо дар Чин фазои бузурги бозорро барои соҳибкорон ва кормандони эҷодӣ дар сар то сари олам боз мекунад. Дарҳои бози Чин ҳеҷ вақте пӯшида нахоҳанд шуд. Сиёсати мо оид ба ҷалби сармояи хориҷӣ, кафолатҳои мо барои ҳифзи ҳуқуқҳои қонунӣ ва манфиатҳои соҳибкорони хориҷӣ, талошҳои мо барои беҳтар кардани хизматрасониҳо ба соҳибкорони хориҷие, ки нияти сармоягузорӣ ва ташкили корхонаҳоро дар Чин доранд, ҳамеша бетағйир мемонанд. Шарти ягона риояи қонунҳои Чин аст. Мо аз ҳамаи корхонаҳо, соҳибкорон аз ҳамаи давлатҳо, аз ҳар касе, ки мехоҳад бо пулҳои хеш тиҷорати худро дар Чин ба роҳ монад, истиқбол мекунем. Мо барои густариши ҳамкориҳо бо ҳамаи мамлакатҳо дар самти тиҷорати эллектронии чандмиллиятӣ, бунёди минтақаҳои намунавии иқтисоди иттилоотӣ ва ғайра барои он, ки ба сармоягузорӣ ва тиҷорат дар сатҳи ҷаҳонӣ такон диҳанд, ва ба рушди иқтисоди ҷаҳонии рақамӣ мусоидат кунанд, боз мебошем.

**Чаҳорум.** Таъмини бехатарии шабакавӣ ба манфиати танзими рушд тақозо мегардад. Бехатарӣ ва тараққиётро метавон бо ду боли паранда ва ё ду чархи ба ҳаракатдароварандаи механизм метавон монанд кард. Амнияту бехатарӣ кафолати тараққиёт аст, тараққиёт бошад, ҳадафи татбиқи бехатарист. Мушкилоти марбут ба амнияти шабакавӣ худ таҳдиди ҷаҳонист, ягон кишвар наметавонад аз он дур монад ва тани танҳо бо он мубориза барад. Таъмини бехатарӣ дар Шабакаи ҷаҳонӣ метавонад танҳо масъулияти умумии ҷомеаи ҷаҳонӣ бошад.

Ба ҳам овардани талоши ҳамаи давлатҳо барои муштаракан пешгирӣ намудан аз истифодаи барқасдонаву фитнаомези технологияҳои иттилоотӣ, мубориза бурдан алайҳи гӯш додани кибернетикӣ, ҳамлаҳои хакерӣ, ва мусаллаҳшавии бошитоб дар фазои кибернетикӣ зарур аст. Чин омода аст бо дигар мамлакатҳо сари ин масъалаҳо ба муколама дарояд, сӯйи тафоҳумҳоро самаровар бартараф намояд, ба таҳияи қонунҳову қоидаҳои байналмилалӣ дар фазои кибернетикӣ, ки барои ҳама қобили қабул бошанд, мусоидат намояд, ҳамчунин дар таҳияи Муоҳадаи байналмилалии зиддитеррористӣ дар фазои кибернетикӣ саҳм гирад, механизми дастгирии ҳуқуқии муборизаро бо ҷиноятҳои кибернетикӣ ба манфиати пуштибо-

нии якҷояи сулҳу салоҳ ва бехатарӣ дар шабакаи ҷаҳонӣ такмил диҳад.

**Панҷум.** Системаи идории Интернет, ки ба риояи усулҳои баробарҳуқуқӣ ва адолат мусоидат кунад, бояд сохта шавад. Идораи фазои шабакаи байналмилалӣ бояд бисёрҷониба буда, ширкати бисёрсатҳиро бо усули машваратӣ таъмин намояд. Нақши роҳбариро бояд ҳукуматҳои кишварҳои гуногун, созмонҳои байналмилалӣ, ширкатҳои интернетӣ, ҷомеаи технологӣ, сохторҳои ғайридавлатӣ ва шахсони воқеӣ – истифодабарандагон бозанд. Дар ин ҷо аз якҷонибагаройӣ, нақши роҳбарӣ доштани як ва ё кадом гурӯҳе, ки ҳалли ҳама чизҳо вобаста ба он бошад, даст бояд кашид.

Бояд, ки ҳамаи кишварҳо иртиботҳо ва табодули афкорро дар ин бора тақвият бахшанд, механизмҳои муколама ва машварат оид ба фазои кибернетикӣ барои муҳокима ва таҳияи қоидаҳои идораи Шабакаи ҷаҳонӣ такмил ёбанд, то ин ки системаи ҷаҳонии идораи Интернет ба ҷониби адолати бузург ва сарфаҷӯйи, изҳори мутавозини афкор ва татбиқи манфиатҳои кишварҳои зиёд пеш равад. Ғояи баргузории конфронси умумиҷаҳонӣ оид ба идораи Интернет ба сохтани майдони истифодаи умумӣ ва идораи муштараки Шабакаи ҷаҳонӣ равона шудааст, то ин ки мо тавонем – бо талошҳои якҷоя – ба Интернет хислати солимӣ бахшем.

**ЭЗОҲ:**

1. Иқтибос аз рисолаи мутафаккири Чини бостон Мо Ди (солҳои ҳаёташ маълум нест) тахти унвони “Мо-сзи”, боби “Муҳаббати беғаразона”. Бахши 1.

# БУНЁДИ МУШТАРАКИ ҶОМЕАИ ҶАҲОНИИ САРНАВИШТИ ЯГОНА

***(Суханронӣ дар мақари СММ дар Женева. 18 январи соли 2017)***

**Муҳтарам раиси Маҷмаи умумии СММ ҷаноби Томсон!**

**Муҳтарам Дабири кулли СММ ҷаноби Гутерриш!**

**Муҳтарам Мудири умумии мақари СММ дар Женева ҷаноби Мюллер!**

**Хонумҳо, ҷанобон, дӯстон!**

Бо фарорасии Соли нав ҳама чи нав мешавад. Ва ман хеле шодам аз ин имконияте, ки маҳз дар аввали соли нав аз мақари СММ дар Женева дидан мекунам ва – ҳамроҳ бо ҳама – пешниҳодро дар бораи бунёди ҷомеаи ҷаҳонии сарнавишти ягона – мавзӯе, ки аҳамияти замонӣ дорад, – баррасӣ намоем.

Каме пештар ман дар Форуми ҳарсолаи умумиҷаҳонии иқтисодии Давос ширкат доштам. Иштирокдорони он дар суханрониҳои худ бисёр вақт дар бораи он ҳарф мезаданд, ки олами кунунӣ

саропо иборат аз номуайяниҳост, одамон ба оянда чашми умед мебанданд, аммо дар миёни гумону шакҳо саргум мезананд. Дар олам ҳодисотест? Мо бояд чӣ кунем? Инҳо суолоте мебошанд, ки имрӯз кулли башариятро ба изтироб овардаанд ва сари ин пурсишҳо худи ман низ зиёд меандешам.

Аз дидгоҳи ман барои он ки ба ин суолҳо посух дода шавад, бояд – қабл аз ҳар чизи дигар – сари як масъалаи асосӣ зиёд андешид ва маҳз: мо аз куҷо омадаем, ҳоло дар куҷо қарор дорем ва куҷо равонем?

Агар таърихро ба ёд орем, пас мебинем, ки зарфи бештар аз як садсола инсоният даргир ба ҷангҳои хунин ва "ҷанги сард"-и яхӣ буд, вале бо вуҷуди ин тавонист ба комёбиҳои фарогире дар рушди худ даст ёбад. Дар нимаи аввали асри гузашта инсоният бадбахтиҳои ду ҷанги ҷаҳониро аз сар гузаронд ва хоҳиши аслии одамони он замон ин буд, ки зудтар аз гирдоби ин ҷангҳо худро раҳо созанд ва сулҳи ҷаҳониро пойдор намоянд. Солҳои 50-ум ва 60-уми асри гузашта овони бедории тафаккури халқҳои зери султаву мустаъмараҳо монда ва талош барои истиқлолият буд. Ва баъди анҷоми "ҷанги сард" хоҳиши боисрор дар мавриди густариши ҳамкориҳо ва рушди муштарак дар мақоми аввал қарор гирифт.

Сулҳ ва рушд талоши умумии инсоният дар муддати садсолаи охир ба шумор мерафтанд. Аммо

дар рӯзҳои ин ҳадаф хеле дур шудааст. Ба садои мардум гӯш андохта, мо бояд чӯбдасти мусобиқоти таърихро ба даст бигирем ва бо роҳи пойга бочурръатона дар марафони сулҳ ва рушд ба пеш ҳаракат кунем.

Инсоният ҳоло давраи рушди бузург, таҳаввулоти калон ва бозсозии ҷиддиро пушти сар мегузорад. Ҷаҳони бисёрқутбӣ рушд мекунад, иқтисод ҷаҳонӣ мешавад, иттилоъкунонии ҷомеа ва гуногунии фарҳангӣ густариш меёбанд. Роҳҳои нави инқилоби илмӣ-техникӣ ва саноатӣ тавлид мегарданд ва шакл мегиранд. Кишварҳо ва давлатҳо бо ҳам алоқаманд ва аз ҳамдигар вобаста шудаанд. Ҷомеаи ҷаҳонӣ дар як сарнавишт ҳаёт ба сар мебарад ва манфиатҳои умумӣ дорад. Қувваи тавонои сулҳ ҳамеша бар омилҳои ҷанг бартарият дорад, тамоилҳои муосири сулҳ, рушд, ҳамкориҳо ва фоидаҳои умумӣ беш аз ҳар вақти дигар неру мегиранд.

Ҳамзамон бо ин инсоният ҳоло давраи таҳдидҳои ҳамешафазояндаро аз сар мегузаронад ва хатарҳо аз рӯз ба рӯзи дигар меафзоянд. Рушди иқтисоди ҷаҳонӣ кунд мешавад, абрҳои тираи бӯҳрони молиявӣ аз осмони олам пароканда намешаванд, тафовут дар рушду тавсеаву тараққиёт аз рӯз ба рӯзи дигар бештар мушоҳида мешавад. Зиддиятҳои мусаллаҳона низ тез-тез рух ме-

диҳанд, чун пештара, ҳамоно рӯҳи “ҷанги сард” ва сиёсати неруи дурушт ҳис мешавад, таҳдидҳои ғайрианъанавии амниятие чун терроризм, буҳрони паноҳандагон, бемориҳои вазнини сирояткунанда, тағйири иқлим ва ғайраву ҳоказо ҳамоно густариш меёбанд.

Ин ҷаҳон танҳо як сайёра дорад, ки Замин аст ва башарият низ ҳамин як хонаро дорад. Ҷаноби Ҳокинг (***Стивен Ҳокинг – физикдони назарӣ, кайҳоншинос, нависандаи британиёӣ, мудири бахши таҳқиқоти Маркази кайҳоншиносии назариявии Донишгоҳи Кембриҷ.*** *Шарҳи мутарҷим.*) фарзияро дар бораи “ҷаҳони мувозӣ” баён намуд ва изҳори умед кард, ки берун аз Замин сайёраи дуюмеро пайдо кунад, ки инсоният оромона дар он ҳаёт ба сар барад. Аммо ҳоло маълум нест, ки ин орзу кай ва ё аслан ҷомаи амал мепӯшад ё на. Имрӯз Замин ягона ҷоест, ки одамон метавонанд дар он зиндагонӣ кунанд ва ягона чизе, ки мо метавонем интихоб намоем, ин қадр кардан ва эҳтиёт намудани Замин аст. Дар гунбази Кохи федералии Швейтсария фармудае бо забони лотинӣ маълуму машҳур сабт шуда: **“Як кас барои ҳама, ҳама барои як кас”**. Мо бояд на танҳо дар бораи муосиронамон андешем, балки бори масъулиятро барои ояндагон, фарзандон ва наберагонамон бар дӯш дошта бошем.

## Хонумҳо ва ҷанобон!

Бояд тавре кард, ки шуълаи сулҳ аз насл ба насл таҳвил ёбад, то ин ки сарчашмаи неруҳои ҳаракаткунандаи рушд хушк нашавад, шуои тамаддун дурахши худро гум накунад. Ин на танҳо орзуи ҳамаи халқҳои кишварҳо, балки вазифаву уҳдадориест, ки сиёсатмадорони насли мо бояд ба зиммаи худ бигиранд. Чин сенарияи худро пешниҳод мекунад, ки он бунёди ҷомеаи сарнавишти ягона дар ҳаёт татбиқ намудани ғояи бурди умумӣ ва истифодаи якҷояи ҳосили тараққиёт мебошад.

Идея зояндаи амал аст ва самти роҳи баромадро аз мушкилот муайян мекунад. Агар мо бар давраи нави таърих назар андозем, пас мебинем, ки сохтани тартиботи боадолатона ва оқилонаи байналмилалӣ ин ҳамон ҳадафест, ки онро инсоният хастанопазирона дунбол мекунад. Беш аз 360 сол муқаддам дар "Муоҳадаи сулҳи Вестфал" усулҳои баробарӣ ва соҳибихтиёрӣ пешниҳод шуда буданд, 150 сол пеш аз ин Конвенсияи Женева ду гуманизми байналмилалиро устувор кард. Беш аз 70 сол пештар дар Оинномаи СММ 4 ҳадаф ва 7 усули муносибатҳои байналмилалӣ возеҳу рушан ифода ёфтанд, 60 сол пеш бошад, дар конфронси Бандунг панҷ усули ҳамзистии сулҳомези "панча-шила" садо доданд. Ҳамин тариқ, дар раванди таҳаввулоти муноси-

батҳои байналмилалӣ як силсила усулҳои қабулшуда, ки бояд бар пояи ҷомеаи сулҳомези сарнавишти ягона қарор гиранд, ҷамъ шуданд.

Баробарии мустақил дар муддати садҳо сол аз муҳимтарин усулҳои батанзимдароварандаи робитаҳои мутақобилаи байни давлатҳо ба шумор меравад. Ва ин муҳимтарин усулест, ки Созмони Милали Муттаҳид ва ҳамаи сохторҳояш аз он пайравӣ ва дар асоси он кор мекунанд. Мафҳуми аслии баробарии мустақил дар он аст, ки кишварҳо ба хурду бузург, тавонову заиф, сарватманду фақир ҷудо намешаванд,– истиқлолият ва шарафи ҳар кадоми онҳо бояд қобили эҳтиром бошанду, ба дахолат дар умури дохилии онҳо иҷозат нест. Ҳар кишвар ҳақ дорад системаи сохти иҷтимоӣ ва роҳи расиданро ба рушд мустақилона интихоб намояд. Дар сохторҳое, чун СММ, Созмони тиҷорати ҷаҳонӣ, Созмони ҷаҳонии тандурустӣ, Созмони ҷаҳонии моликияти фикрӣ, Созмони ҷаҳонии ҳавошиносӣ, Иттиҳодияи байналмилалии мухобирот, Иттиҳодияи ҷаҳонии почта, Созмони байналмилалии муҳоҷират, Созмони ҷаҳонии кор ва ғайра, ҳамаи кишварҳо дар қабули қарорҳо баробар ширкат мекунанд ва ҳамзамон неруи муҳим дар такмили системаи идораи ҷаҳонӣ шудаанд. Дар як муҳити ҷадид мо, чун пештара, бояд усулҳои баробарии мустақилро риоя намоем ва ба хотири таъмини баробарии ҳуқуқҳо имкони-

ятҳо ва қоидаҳои барои ҳамаи кишварҳо баробарро таҳия созем.

Дар замони худ дар Женева Эъломияи хотимавӣ оид ба масъалаҳои сулҳ дар минтақаи Ҳинду Чин қабул шуда буд. Ин ҷо дар замони “ҷанги сард” аввалин мулоқоти роҳбарони ду лагери ба ҳам зид баргузор шуда буд, ки онҳоро ба роҳи сулҳ ҳидоят мекард. Женева шоҳиди муколама ва гуфтушунидҳо оид ба барномаҳои ҳастаии Эрон, қазияи Сурия ва дигар нуқоти доғ буд. Таърих ва замони муосир исбот мекунанд, ки муколама ва машварат ин тактикаи самаровари бартарафсозии ихтилофи назарҳо мебошанд ва гуфтушунидҳои сиёсӣ роҳи асосии танзими зиддиятҳоянд. Агар хоҳишот самимона бошаду ниятҳо поку нек, ва аз хиради сиёсӣ кор гирифта шавад, метавон ҳатто ҷиддитарин зиддиятҳоро ҳал кард, ғафстарин яхро шикаст.

“Қонун ба низоми сиёсӣ оғоз мебахшад”. Дар Женева бар асоси Оинномаи СММ як қатор конвенсияҳо ва санадҳои ҳуқуқӣ дар самтҳое, чун амнияти сиёсӣ, рушди тиҷорат, ҳуқуқҳои иҷтимоии инсон, илм ва техника, тандурустӣ, ҳуқуқи меҳнат ва амвол, фарҳанг, варзиш ва ғайра, имзо шудаанд. Қобилияти ҳаётии қонунро татбиқи амалии он муайян мекунад. Ҳар давлат уҳдадор аст обрӯйи байналмилалиро ҳифз кунад, ҳуқуқҳои худро мутобиқ ба қонунҳо татбиқ намояд ва уҳдадориҳои ба зим-

магирифтаи худро иҷро кунад. Сиёсати меъёрҳои дугона қобили қабул нест, чуноне ки ин равиш қобили пазириш нест: *“Агар муносиб аст, истифода мекунем ва агар муносиб нест, дур меандозем”*. Гузаштагон мегуфтанд: ***“Бегаразӣ ва адолат асоси идораи накукорона аст”***[2]. Барои мо лозим аст ин ғояро дар амал татбиқ намоем.

“Уқёнус оби ҳазорон рӯдхонаро қабул менамояд ва ин вайро бузург мекунад”. Кушодагӣ ва таҳаммулпазирии Женева саҳнаро барои дипломатияи бисёрсамта боз гузоштаанд. Мо бояд ба демократикунонии муносибатҳои байналмилалӣ мусоидат кунем, қудратталабии ин ё он кишвар ва ё “идораи ҳамҷояи” якчанд мамлакатро рад кунем. Тақдири оламро бояд ҳамаи кишварҳо якҷоя муайян созанд, қоидаҳои байналмилалиро бо ҳам бояд навишт, корҳои ҷаҳониро бо ҳам анҷом бояд дод ва муштаракан натиҷаҳои рушдро истифода бояд кард.

Соли 1862 ҷаноби Анри Дюнан (***тоҷир ва фаъоли иҷтимоии Швейсария, ки китобаш илҳомбахши Кумитаи байналмилалии Салиби сурх гашт.*** *Шарҳи мутарҷим.*) дар китоби худ **“Хотираҳо дар бораи муҳорибаҳои назди Солферино”** ин суолҳоро гузошт: “Оё метавон созмони башардӯстонаеро сохт?”, “Оё метавон конвенсияи гуманитариро таҳия кард?”. Ба “суолҳои Дюнан” хеле ба зудӣ посух дода шуд. Соле баъд Созмони Сали-

би сурхи байналмилал таъсис ёфт, ки тӯли 150 сол рӯҳи башардӯстӣ парчами болои сари вай аст. Дар рӯ ба рӯйи бухронҳои хусусии башардӯстона мо бояд рӯҳияи инсониро рушд диҳем, бо муҳаббати умумӣ ва фидокорӣ меҳри худ ва ғамхории худро фидои одамони бегуноҳ, ки ба мусибат гирифтор шудаанд, созем, дар қалби онҳо дари умедро боз кунем. Лозим аст аз шеваву усулҳои асосии бетарафӣ, адолат ва истиқлолият пуштибонӣ кунем, ба кумакҳои башарии бидуни силоҳ водор созем.

**Хонумҳо ва ҷанобон, дӯстон!**

***"Ҳақиқати бузург ҳамеша ба куллӣ одист, аммо комёбии аслии он амали воқеӣ ба ҳисоб меравад".*** Дар бунёди ҷомеаи ҷаҳонии сарнавишти ягона амал омили калидист. Ман чунин меҳисобам, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ бояд дар самтҳое, чун шарикӣ, сохтори бехатарӣ, рушди иқтисодӣ, табодулҳои байнифарҳангӣ, сохтмони экологӣ ва ғайра, ҳама талошҳоро анҷом диҳад.

**– Бунёди олами устувор дар сайёра аз роҳҳои муколама ва машварат.** Сулҳу ҳамрайӣ миёни кишварҳо амниятро дар сайёра кафолат медиҳанд, аммо зиддият зояндаи беназмиву бенизомист. Шурӯъ аз ҷангҳои Пелепоннесс (***маҷмӯаи ҷангҳои таърихие, ки солҳои 431–404 то милод дар Юно-***

***ни бостон рух доданд***. *Шарҳи мутарҷим.*) дар замони бостон ва то ду ҷанги ҷаҳонӣ ва “ҷанги сарде”, ки муддати қариб чиҳил сол идома дошт, дарсҳои ҷиддиву фоҷеавие доштанд, ки ҳисоб надоранд. ***“Хотираи қавӣ дар бораи гузашта беҳтарин мушовир барои оянда аст”***[3]. Гузаштагони мо СММ-ро бунёд гузоштанд ва барои башарият муддати ин беш аз 70 сол сулҳи нисбиро бахшиданд. Мо бошем бояд механизмҳо ва воситаҳои мавҷударо барои ҳалли самароварИ баҳсҳо ва бартарафсозии ихтилофи назарҳо, ҷангҳо ва зиддиятҳо такмил диҳем.

Адиби швейсарӣ, барандаи ҷоизаи Нобел дар адабиёт Герман Гесс гуфта буд: ***“На ба ҷанг ва харобкорӣ, балки барои сулҳ ва оштӣ бояд хидмат кард”***. Бояд робитаҳои шарикиро миёни кишварҳо бар пояи муколама барқарор намуд, на бар зиддияту дар муҳосира гирифтани онҳо. Кишварҳои бузург бояд манфиатҳои асосӣ ва нигарониҳои ҳамдигарираро эҳтиром кунанд, ихтилофҳо ва сӯйтафоҳумҳоро зери назорат бигиранд, талошҳоро барои бунёди моделҳои нави муносибатҳои бидуни зиддият ва муқобилият, ки бар пояи эҳтироми ҳамдигарӣ ва ҳамкории барои ҷонибҳо муфиду фоидаовар асос ёфтаанд, афзоиш диҳанд. Барои гурез аз “доми Фукидид” (***Фукидид ё Тусидид – муаррихи Юнони бостон ва падари таърихнигорӣ.*** *Шарҳи му-*

*тарҷим.*) кофист, ки иртиботҳои мутақобила ва садоқат дар муносибатҳоро нигоҳ дорем. Кишварҳои бузург бояд ба мамолики кӯчак баробар муносибат кунанд, ба амалияи аз ҳама болотар гузоштани худ хотима диҳанд ва аз бо зӯрӣ иродаи худро бор кардану маҷбур сохтан даст кашанд. Ягон кишвар набояд бо ихтиёри худ амалиёти ҷангӣ оғоз намояд, ба волоияти ҳуқуқи байналмилалӣ рахна занад ва ба ин васила қуттии Пандораро (***Пандора – аввалин зан дар асотири Юнони Бостон.*** *Шарҳи мутарҷим.*) боз кунад. Силоҳи ҳастаӣ ин шамшери муаллақест, ки болои сари башарият қарор дорад. Зарурати он ба миён омадааст, ки дар ҳама ҷо тавлидаш манъ карда шавад ва, дар ниҳояти кор, бо гузашти замон онро пурра нобуд карда, сайёраи худро бехатар бояд гардонд. Бо пайравӣ аз асосҳои сулҳ, истиқлолият, дастрасии умумӣ ва идораи муштарак Уқёнуси ҷаҳонӣ, қутбҳо, фазои кайҳон ва Интернетро на ба майдон барои бозиҳо бо ҳамдигар, балки ба як сангари ҳамкориҳои байналмилалӣ табдил бояд дод.

**– Бунёди олами бехатар бо саъю кӯшиши умумӣ ва истифодаи муштараки ҳосили он.** Дар рӯйи Замин ҷойи ороме нест, ки дар амну осоиш ва амнияту бехатарӣ қарор дошта бошад. Бехатарии як кишвар наметавонад бар асоси беназмиҳо дар кишвари дигар бошад, зеро таҳдидҳои кишва-

ре метавонанд хатаре барои кишварҳои дигар бошанд. Агар ҳамсоя ба мушкил рӯ ба рӯ шуд, набояд дар ин бора андешид, ки девори худро чӣ гуна баланд бардошт ва устувор кард, балки бояд рафт ва ёрӣ расонд. ***"Як химчаро метавон ба осонӣ шикаст, вале дастаи химчаҳоро наметавон осон дарҳам шикаст"***[4]. Мо бояд консепсияи умумӣ, маҷмаӣ, кооперативӣ ва устувори бехатариро таҳия намоем.

Ҳамлаҳои террористӣ, ки вақтҳои охир дар Аврупо, Африқои Шимолӣ ва Ховари Миёна рух додаанд, бори дигар аз он шаҳодат медиҳанд, ки терроризм душмани умумӣ барои башар аст. Мубориза бо терроризм қарзи умумии ҳамаи кишварҳост. Зарур аст, ки на танҳо аломатҳои он табобат шавад, балки решаи ин мушкилотро бояд сӯзонду бартараф сохт. Ба мо лозим аст ҳамоҳангиро тақвият бахшем, ҷабҳаи ягонаи ҷаҳонии муборизаро бо терроризм бунёд созем, биноси бехатариро барои халқҳои ҳамаи кишварҳо боз кунем.

Дар айни замон теъдоди паноҳандагон аз замони анҷоми Ҷанги дуюми ҷаҳон ба ҳадди рекордии худ расид. Бояд ба ин бухрон вокуниш нишон дод ва дар бораи сабабҳои аввалияи он андешид. Ба кӣ хуш аст, ки оворагардӣ кунад, агар дар кишвараш суботу оромиш бошад ва ба хонааш баргашта тавонад? Комиссариёти олии СММ дар умури паноҳан-

дагон, Созмони байналмилалии муҳоҷират ва дигар сохторҳо бояд дар нақши ҳамоҳангсозон қарор гиранд, неруҳои ҳамаи оламро ба ҳам оранд ва ба вазъ самаранок вокуниш нишон диҳанд.

Чин ба қароре омад, ки ба маблағи 200 миллион юан кумаки башарии иловагиро ба паноҳандагон ва бехонумоншудагони Сурия ироа кунад. Терроризм, буҳрони муҳоҷират ва дигар масъалаҳо бо зиддиятҳои геополитикӣ алоқамандананд. Роҳи асосии ҳалли мушкил ин ҳалли ихтилофҳост. Бояд ширкаткунандагони зиддиятҳову ихтилофҳо вориди маслиҳату машварат ва гуфтушунид шаванд, дигар тарафҳо фаъолона ба раванди сулҳ мусоидат намоянд ва нақши СММ-ро чун миёнарав эҳтиром кунанд. Зукоми паранда, табларзаи Эбола ва Зика ва бемориҳои сироятии дигар ба таври ҳамешагӣ ба амнияти тандурустии байналмилалӣ таҳдид мекунанд. Созмони ҷаҳонии тандурустӣ бояд дар ин ҷо нақши басо муҳим бибозад, мониторинги вазъи эпидемикиро таҳким бахшад, табодули ахбор ва таҷрибаро густариш диҳад, омили истифодаи муштараки технологияҳо шавад. Ҷомеаи байналмилалӣ бояд дастгирӣ ва кумакашро ба кишварҳои Африқо ва дигар мамолики рӯ ба рушд дар самти тандурустӣ биафзояд.

**– Бунёди олами шукуфон аз роҳи ҳамкориҳои манфиатбахш.** Барои ҳамаи кишварҳои

олам рушду тараққиёт аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад. Давлатҳо бояд ба ҳамдигар кумак намоянд, на ин ки ба ҳамсоя мушкилот эҷод кунанд. Ҳамаи давлатҳо ва махсусан кишварҳои калонтарини иқтисодӣ, бояд ҳамоҳангсозиро дар сиёсати макроиқтисодӣ таҳким бахшанд, вазъи ҷорӣ ва дурнамои дарозмуҳлатро ба ҳисоб гиранд, барои ҳалли мушкилоти амиқ талош намоянд. Зарур аст имконияти таърихии давраи нави инқилоби илмӣ-техникӣ ва саноатӣ истифода шавад, то ин ки бо такя ба инноватсияҳо равишҳои рушди иқтисодӣ тағйир ёбанду, дар пайи он неруҳои истеҳсолӣ рушд дода шуда ба тавонмандиҳои эҷодии ҷомеа озодӣ дода шавад. Бояд қоидаҳои Созмони ҷаҳонии тиҷорат ҳимоя гарданд, системаи тиҷоратии боз, шаффоф, номаҳдуд, бисёрҷониба дастгирӣ ёбад, иқтисоди ҷаҳонии боз сохта шавад. Ҳимоятгароии (протексионизми) тиҷоратӣ ва маҳдудсозии озодии амал ба касе фоида намеоварад.

Ҷаҳонишавии иқтисодӣ ин тамоили таърихиест, ки ба шукуфоии тиҷорат, беҳбуд ёфтани фазои сармоягузорӣ, зудҳаракатии баланди инсонӣ, рушди фазояндаи технологӣ мусоидат мекунад. Аз аввали асри ҷорӣ ҷомеаи байналмилалӣ таҳти роҳбарии СММ ба шарофати ҷаҳонишавии иқтисодӣ Ҳадафҳои рушди ҳазорсола ва Рӯзномаи корро дар самти рушди устувор дар давраи то соли 2030 таҳия

намуда ба татбиқи онон шурӯъ кард, ки ин иқдомот аз фақру нодорӣ наҷот додани 1,1 миллиард нафарро дар назар дорад, 1,9 миллиард нафарро бо оби нӯшокии бехатар таъмин месозад, дастрасии 3,5 миллиард нафарро ба Интернет таъмин менамояд ва ғайраву ҳоказо. Яке аз ҳадафҳои дарпешгузошта дар соли 2030 расидан ба нишондиҳандаи сифрии фақр дар сайёра аст. Ин ба таври куллӣ шаҳодат аз он медиҳад, ки роҳи асосӣ барои ҷаҳонишавии иқтисодӣ дуруст интихоб шудааст. Албатта, мушкилоте чун рушди ғайритавозунӣ, мураккабии идораи система, партгоҳи рақамӣ (фарқият дар истифодаи воситаҳои муосири иттилоотӣ), камбуди адолат ва ғайраҳо вуҷуд доранд. Инҳо мушкилоте мебошанд, ки дар раванди рушд ба вуҷуд меоянд. Мо бояд онҳоро эътироф намоем ва чораҳои мувофиқу муносибро барои ҳаллашон қабул кунем, вале набояд аз кори дуруст аз тарси мушкилоти эҳтимолӣ даст кашем.

Ба мо лозим аст хиради таърихиро пеши назар дошта бошем. Муаррихон кайҳост тасдиқ мекунанд, ки рушди бардавому кушо дигаргуншавии ҳатмии иҷтимоиро тақозо дорад. Дар ин сурат рушди иқтисодӣ ба осонӣ дастгирӣ меёбад ва ин дар ҳолест, ки дигаргуншавии иҷтимоӣ бисёр вақт ба муқовимат дучор меояд. Вале мо наметавонем бар ин иллат дар як ҷо по кӯбем, бояд собитқадамона ба

пеш ҳаракат кунем. Ҳамчунин воқеияти имрӯз низ ба суоли мо посух медиҳад. Буҳрони ҷаҳонии молиявии соли 2008 нишон дод, ки барои рушди солими ҷаҳонишавии иқтисодӣ зарур аст ҳамоҳангӣ тақвият дода шавад, системаи идорӣ беҳбуд ёбад. Ба пешрафти ҷаҳонишавии иқтисодии боз, барои умум дастрас, ботавозун ва пурсуд мусоидат бояд кард. Агар ба таври дигар гӯем бояд торти бузургеро пӯхт, муҳимтар аз ҳама, онро ботаваҷҷӯҳ, бо адолат ва беғараз дуруст тақсим намуд.

Моҳи сентябри соли гузашта дар ҳамоиши Ханчжоу сарварони "Бистгонаи бузург" – бо ҷалби таваҷҷуҳ ба масъалаҳои асосии идораи ҷаҳонии иқтисодӣ – "Лоиҳаи рушди инноватсионӣ"-ро қабул карданд. Бори аввал масъалаҳои рушд ба доираи сиёсати макроиқтисодии ҷаҳонӣ дохил карда шуд ва Нақшаи амал таҳия гардид.

**– Эҷоди як ҷаҳони бози ҷомеъ аз роҳи табодул ва истифода аз ҳамдигар. *"Ҳамаи фатонату дилрабоии шӯрбои хуштамъ дар таркиби он ниҳон аст"*[5].** Гуногунии фарҳангӣ ин махсусияти фарққунандаи олами мост ва ҳамзамон сарчашмаи пешрафтҳои инсоният мебошад. Олам дорои бештар аз 200 мамлакат ва минтақа, 2500 гурӯҳҳои қавмӣ ва бисёр фирқаи гуногуни динӣ мебошад. Роҳҳои гуногуни таърихӣ ва махсусиятҳои кишварҳои гуногун, фарқияти гуногуни қавмӣ ва урфу

одатҳо, фарҳангҳо ва тамаддунҳои мухталифро ба вуҷуд овварданд ва оламро ғаниву зебо кардаанд. Фарҳанг ба баланду болову паст, хубу бад ҷудо намешавад, дар он метавон танҳо мустақиливу хос будан ва вижагиҳои минтақавиро дид. Тафовутҳои фарҳангӣ набояд сарчашмаи зиддиятҳо дар олам шаванд, баръакс, бояд қувваи пешбарандаи инкишофу тараққиёти тамаддуни башарият бошанд.

Ҳар фарҳанг ҷаззобияти хоси худро дорад ва ҳамаи фарҳангҳо ганҷинаи маънавии башариятанд. Фарҳангҳои гуногунранг бояд аз ҳамдигар беҳтарин ҷанбаҳоро иқтибос бигиранд, ононро аз худ кунанд, камбудиҳои ҳамдигарро пурра намоянд, бо ҳам рушд кунанд, табодулҳои фарҳангӣ ва омӯзишу парваришро ба неруи ҳаракатдиҳандаи тараққиёти башарӣ, ҳалқаи васлкунанда барои дастгирии сулҳ дар сар то сари олам табдил диҳанд.

**– Бунёди олами поку зебо аз ҳисоби рушди “сабз” ва камкарбон.** Инсон ва табиат бо ҳам иртиботи зич доранд. Одамон ба табиат зарар расонда, дар ниҳояти амр ба худ зарар мерасонанд. Ҳаво, об, хок, осмони нилгун, – аз ин ҳама захираҳои табиат мо бидуни тафаккуру андеша ҳамарӯза истифода мекунем, вале агар мо инҳоро аз даст диҳем, барқарорсозии онҳо бароямон мушкил мегардад. Саноатикунонӣ барои инсон сарвати беҳаддуҳисоберо ба вуҷуд овард, вале ҳамзамон ба табиат зарбаи

ҷуброннопазир зад. Мо наметавонем аз ҳисоби заҳмату талошҳои гузаштагонамон зиндагонӣ кунем ва бо ин ҳама харобкориҳои худ наслҳои ояндаро аз ҳаққи зистан дар олам маҳрум созем. Обҳои зумурадгун ва кӯҳҳои сарбаафлоккашидаву сарсабз, – инҳо ҳама, бидуни шак, сарвату боигарии бебаҳои моянд. Мо бояд бо пайравӣ аз ғояи мувофиқати табиат ва инсон ва қонунҳои худи табиат амал намуда, роҳи устувор ва дурударози рушдро пайдо намоем.

Мо бояд тарзи ҳаёти "сабз", камкарбон, бозсозикунанда ва устувори ҳаёт ва истеҳсолотро ба роҳ монем, ба Рӯзномаи рушди устувор то соли 2030 пешниҳодот намоем, пайваста роҳҳои тараққиёти ботамаддунро, ки ба болоравии истеҳсолот, рифоҳи моддӣ ва экологияи хуб такя дорад, васеъ намоем. Имзои "Муоҳадаи Порис" ин як қадами бузург дар таърихи идораи ҷаҳонии иқлим аст. Мо наметавонем ба худ иҷоза бидиҳем, ки натиҷаҳои бадастомада беҳуда шаванд ва ба бод раванд. Ҳамаи ҷонибҳо бояд барои татбиқи Муоҳада муштаракан мусоидат намоянд. Чин ба андешидани чораҳои вокуниш ба тағйири иқлим идома медиҳад ва уҳдадориҳои худро сад дар сад иҷро мекунад.

Кордҳои қатшавандаи швейтсарӣ инъикоскунандаи равшану таҷассуми ҳунари маҳаллиянд. Вақте бори аввал ин гуна корд ба дасти ман уфтод, аз чандманзараии он дар ҳайрат мондам. Чӣ хуб ме-

буд, агар ин механизми чандманзараӣ дар корҳои байналмилалӣ низ амал мекард. Ба муҷарради пайдо шудани мушкилот воситаи таъсир ба ҳалли он омода мегардид. Ман бовар дорам, ки агар ҷомеаи байналмилалӣ талошҳои хастанопазирро дар ин роҳ анҷом диҳад, мо ин гуна корди швейтсариро низ месозем.

## Хонумҳо ва ҷанобон, дӯстон!

Чиноиҳо ҳамеша ба ин фикр буданд, ки барои Чин танҳо замоне ҳама чиз хуб аст, ки дар тамоми олам хуб бошад. Ва агар барои Чин хуб бошад, пас дар тамоми олам боз ҳам хубтар мешавад. Дар остонаи оянда бисёр одамон аз самти сиёсати Чин нигаронанд, дар ҷомеаи байналмилалӣ дар ин бора фикрҳо басо гуногунанд. Ҳоло ман мехоҳам ба ин посухи равшан бидиҳам.

**Аввалан,** қотеияти Чин дар мавриди ҳифзи сулҳ дар сар то сари олам бетағйир мемонад. Тамаддуни чинӣ дар тӯли таърихи дурударози худ ин ғояҳоро парварид, ки ***“сулҳ кишварро сарватманд мекунад”***[6], ***“зистан дар ризояту иттифоқ, гуногунрангиро ҳифз мекунад”***[7], ***“пурарзиштарин чиз ин сулҳ ва ҳамзистист”***[8]. “Ҳунари ҷанги Сун-сзи” рисолаи машҳури стратеги маъруфи бостон Сун-Сзи аст, аммо он бо ин ҷумлаҳо оғоз

мешавад: **“Ҷанг барои давлат кори бузургест, ин масъалаи ҳаёт ва марг аст, ин роҳи зинда мондан ва ҳалок шудан аст. Намешавад, ки дар ин бора наяндешид”**. Мафҳуми ин иборот дар он аст, ки ба ҷанг муносибати хеле ҷиддӣ бояд кард ва аз ҳама хубтар ин наҷангидан аст. Муддати ҳазорон сол идеяи сулҳ дар хуни мардуми Чин ворид шуд ва дар гени онҳо пайванд ёфт.

Ҳатто садҳо сол пеш аз ин, вақте Тавлиди Ноҳолиси Дохилии давлати тараққикардаи Чин 30% аз ҷаҳонро ташкил медод, Чин аз худ таҷовузе нишон намедод, сиёсати ғасбкориро дар иртибот ба олами беруна надошт. Баъди Ҷанги афюнии соли 1840 худи он дар муддати бештар аз сад сол борҳо мавриди таҷовуз, хориву таҳқир қарор гирифта, вазнинињои ҷангро таҳаммул намуд ва ба ноамниҳову носозгориҳои дохилӣ ҳам кашида шуд. Конфутсий гуфта буд: **“Он чизе, ки ба худ раво намебинӣ, ба дигарон раво мабин”**. Мардуми Чин ба ин бовар аст, ки шукуфоӣ ва рушд танҳо дар шароити сулҳу салоҳ ва суботу амният имконпазир аст.

Чин ҳоло аз як кишвари фақиру заиф ба мамлакати сарватманд, ба дуюмин қудрати иқтисодии олам табдил шуд ва ин на бо такя ба ҳамлаҳои ҳарбӣ ва мустаъмараи худ гардонидани кишварҳо муяссар шуд, балки ба шарофати заҳматдӯстии

мардум ва ҳимоя аз сулҳ. Мо бемайлону устуворона бо роҳи рушди сулҳомез гом хоҳем зад. Новобаста аз сатҳи тараққиёти худ Чин ҳаргиз ба қудратталабӣ ва ғасбкорӣ талош нахоҳад кард, барои ҳавзаҳои нуфуз кӯшиш намекунад. Таърих аллакай инро исбот кард ва оянда низ ҳаминро тасдиқ хоҳад намуд.

**Дуюм,** талоши Чин барои рушди муштарак бетағйир мемонад. Дар кишвари мо зарбулмасали қадимие ҳаст, ки мегӯяд: ***“Вақте ҳосилро мехӯрӣ, дар бораи дарахте андеш, ки ин ҳосил дар он рустааст. Вақте об менӯшӣ, дар бораи чашмае андеш, ки ин об аз он меояд”***[9]. Чин тараққиёти худро ба ҷомеаи байналмилалӣ таҳмил медиҳад ва дар навбати худ, ҳиссаи хешро барои рушди ҷаҳонӣ мегузорад. Чин стратегияи боз буданро ба фоидаҳои ҷонибайн ва бурди умумӣ идома медиҳад ва бо дигар кишварҳо имкониятеро, ки ба тараққиёт мебарад, тақсим мекунад.

Дар давраи солҳои 1950 то 2016 Чин ба кишварҳои хориҷ беш аз 400 миллиард юан (жэнминби) кумак кардааст. Дар оянда мо ёриҳои берунаро дар доираи имконияти худ идома медиҳем ва афзун месозем. Баъди буҳрони молиявии ҷаҳонӣ инкишофи Чин дар тараққии иқтисоди ҷаҳонӣ ба ҳисоби миёна бештар аз 30%-ро дар як сол ташкил дод. Зарфи 5 соли оянда Чин воридоти молро ба 8 трил-

лион долллари ИМА хоҳад расонд ва ба маблағи 600 миллиард доллари ИМА сармояҳои хориҷиро ҷалб хоҳад намуд. Ҳаҷми умумии сармоягузориҳои берунии Чин 750 миллиард доллари ИМА-ро ташкил хоҳад дод ва нишондоди гардишгарии хориҷӣ ба 700 миллион нафар мерасад. Ин барои рушди ҳамаи кишварҳои олам имконияти бештарро фароҳам хоҳад овард.

Чин аз роҳҳои инкишофе пуштибонӣ мекунад, ки ба шартҳои миллии вай мувофиқ бошанд, ҳамеша ҳуқуқи мардумро дар ҷойи аввал мегузорад, ҳуқуқи инсонро тавсеа мебахшад ва аз он ҳимоя мекунад. Кишвари мо мушкилоти таъмини ғизо ва сарулибосро барои беш аз 1,3 миллиард нафар ҳал кард, бештар аз 700 миллион нафарро аз фақру нодорӣ берун намуд. Ин ҳиссаи бузург дар таъмини ҳуқуқи инсон дар миқёси ҷаҳонӣ мебошад.

Ман бо ташаббуси "Як камарбанд – як роҳ" баромад кардам, то ин ки ғояи инкишоферо, ки бар пояи бурди муштарак ва истифодаи якҷоя асос ёфтааст, амалан татбиқ намоем. Дар айни замон аллакай беш аз 100 кишвар ва созмонҳои байналмилалӣ бо назари мусбат нигариставу ин ташаббусро дастгирӣ намудаанд, як силсила лоиҳаҳо, ки дар ин зинаҳои барвақтӣ фоидаҳо овардаанд, амалӣ шуданд. Чин аз таъсиси Бонки осиёии сармоягузориҳои зербиноӣ ва дигар сохторҳои молиявӣ пуштибонӣ

мекунад, то ин ки ба ҷомеаи байналмилалӣ бештар хайру манфиат биоварад.

**Сеюм,** талошҳои Чин дар мавриди бунёди муносибатҳои шарикона бидуни тағйир боқӣ мемонанд. Мо комилан ба сиёсати мустақил ва сулҳомези дипломатӣ пойбандем ва ҳамкориҳои дӯстонаро бо ҳамаи кишварҳо бар пояи панҷ усули ҳамзистии осоишта густариш медиҳем. Чин – аз аввалинҳо шуда – бунёди муносибатҳои шарикиро ба сифати усули роҳбарикунандаи ҳамкориҳо миёни кишварҳо муайян намуд ва муносибатҳои шарикии шаклан гуногунро бо беш аз 90 давлат, минтақа ва ташкилотҳо ба роҳ монд. Мо минбаъд низ "доираи дӯстонамон"-ро дар саросари олам васеъ мекунем.

Чин ба хотири сохтани асосҳо барои муносибатҳои босубот ва мутавозин инкишофёбанда миёни қудратҳои бузург, аз ҷумла барои шакли нави робитаҳои байнидавлатӣ бо ИМА, ҳамкориҳои стратегӣ ва шарикии ҳамаҷониба бо Русия, муносибатҳои шарикӣ ба хотири сулҳ, рушд, ислоҳот ва тараққиёти ботамаддун бо Аврупо ва шарикӣ ба хотири ваҳдат ва ҳамкориҳо бо кишварҳои БРИКС, талош хоҳад кард. Чин минбаъд низ аз тафсири саҳеҳи мафҳуми "адолат" ва "фоида" ҳимоят мекунад, ҳакориҳои тиҷоратиро бо мамлакатҳои рӯ ба инкишоф амиқан ба роҳ мемонад, ғояи "нафасгирии умумӣ, сарнавишти умумӣ ва рушди умумӣ"-

ро татбиқ менамояд. Мо ҳамкориҳои муфиду фоидаоварро бо кишварҳои ҳаммарз бар асоси ҳусни ният, самимият, фоидаи муштарак таҳким мебахшем, ба рушди муштарак бо кишварҳои африқоӣ талош мекунем, дар муносибот бо онҳо ба усулҳои софдилона ва самимона пойбанд мемонем. Мо ҳамчунин ба татбиқи рушди нави муносибатҳои ҳамкории бисёрҷониба ва шарикӣ миёни Чин ва Амрикои Лотинӣ мусоидат мекунем.

**Чаҳорум,** тасмими Чин дар мавриди пуштибонӣ аз чандҷонибагароӣ (мультилатерализм) бетағйир боқӣ мемонад. Чандҷонибагароӣ ин роҳи пурсамар барои ҳифзи сулҳ ва рушди минбаъда мебошад. Муддати дурудароз СММ ва дигар созмонҳои байналмилалӣ корҳои зиёдеро анҷом доданд, ҳиссаи ба таври куллӣ пазируфташударо дар пуштибонӣ аз сулҳ дар кулли олам ва таъмини рушди устувор гузоштанд.

Чин яке аз кишварҳои асосгузори СММ ба ҳисоб меравад, ки – аз аввалинҳо шуда – зери Оинномаи он имзо гузоштааст. Чин қотеъона системаи байналмилалиро, ки дар маркази он СММ қарор гирифтааст, ва меъёрҳои асосии муносибатҳои байналмилалиро, ки бо ҳадафҳо ва усулҳои Оинномаи СММ бунёд шудаанд, ҳимоя мекунад, қудрат ва мавқеияти ин Созмон ва нақши аслии онро дар умури байналмилалиро ба таври ҷиддӣ ҳифз хоҳад кард.

Хазинаи сулҳ ва рушди Чин–СММ аллакай расман ба кор оғоз кард. Дар навбати аввал Чин лоиҳаҳоеро сармоягузорӣ хоҳад кард, ки ба сулҳ ва инкишоф равона шудаанд ва аз ҷониби СММ ва созмонҳои байналмилалии дахлдор дар Женева пешниҳод гардидаанд. Ба муҷарради рушди иқтисодии кишвар мо пуштибонии чандҷонибагароиро зиёд мекунем.

**Хонумҳо ва ҷанобон, дӯстон!**

Барои Чин Женева хотирот ва эҳсоси хос мебахшад. Соли 1954 дар конфронси Женева ҳайати Чин бо сарварии Сарвазир Чжоу Энлай ширкат варзид. Намояндагони мо бо Иттиҳоди Шуравӣ, ИМА, Британияи Кабир, Фаронса ва кишварҳои дигар масъалаҳои ҳалли сиёсии буҳрони Куриё ва оштиро дар Ҳиндучин баррасӣ карданд, рӯҳияи сулҳдӯстонаи хешро ба намоиш гузоштанд ва ҳикмати чиниро бо номи сулҳ дар саросари олам бо дигарон ба ҳам диданд.

Соли 1971 вақте Чин мақоми қонунии худро дар СММ ишғол кард ва ба созмони байналмилалии Женева баргашт, мо дар масъалаҳои халъи силоҳ, тиҷорати умумиҷаҳонӣ, ҳуқуқи инсон, масъалаҳои иҷтимоӣ ва ғайра ширкат кардем. Мо тарҳҳои худро оид ба ҳалли масъалаҳои муҳим ва таҳияи қоидаҳои

асосӣ пешниҳод кардем. Дар солҳои охир Чин дар муколама ва гуфтушунидҳо оид ба масъалаҳое чун барномаҳои ҳастаии Эрон, Сурия ва дигар нуқоти гарм фаъолона ширкат мекунад ва ҳиссаи худро дар ҳалли сиёсии ин масъалаҳо мегузорад.

Чин ду маротиба Кумитаи байналмилалии олимпӣ барои гузаронидани Бозиҳои олимпии зимистона ва Бозиҳои паралимпӣ ариза додааст. Беш аз 10 дархости Чин барои шинохти иншооти "Мероси умумиҷаҳонии табиӣ ва фарҳангӣ-табиии аҳолӣ" аз ҷониби Иттиҳоди байналмилалии ҳифзи табиат пизируфта шудааст. Ин ба Чин ёрӣ расонд, ки зебоӣ ва беназирии худро ба маърази намоиш гузорад.

## Хонумҳо ва ҷанобон, дӯстон!

Дар Чини Бостон мегуфтанд: "Он касе меомӯзад, дониш пайдо мекунад, аммо касе, ки амал мекунад, ҳар монеаро тай мекунад"[10]. Бунёди ҷомеаи ҷаҳонии сарнавишти ягона ин ҳадафи зебоест, ки барои ба даст овардани он одамон бояд ба таври мудавом кор кунанд. Чин омода аст бо кишварҳои зиёди ширкаткунандаи СММ, дигар созмонҳои байналмилалӣ ва муассисаҳо раванди бузурги бунёди ҷомеаи ҷаҳонии сарнавишти ягонаро пеш барад.

28 январ мардуми Чин вуруди Соли нав шуда, соли хурӯсро, тибқи тақвими қамарӣ, таҷлил мекунад. Соли хурӯс ба рушноӣ ва фоли нек ҳамроҳ аст. ***"Суруди хурӯси заррин шуои субҳгоҳиро ба ҳазорон хона мерасонад"***. Ман ба шумо Соли нави муборак ва муваффақро таманно дорам!

**Ба диққататон ташаккур!**

**ЭЗОҲ:**

1. Иқтибос аз рисолаи фалсафии мутафаккири замони бостон Сюн Куан (солҳои 313–238 то милод).
2. Иқтибос аз "Шан шу", боби "Хунфан" ("Қонунҳои идорӣ").
3. Иқтибос аз "Чжанго сзе" ("Стратегияи шоҳони ҷанговар"), боби "Стратегияи шоҳигарии Чжао. Қисми 1.
4. Иқтибос аз "Вэй шу" ("Таърихи замони Вэй"), ки онро Вэй Шоу (солҳои 506–572 зистааст) навиштааст.
5. Иқтибос аз "Достони ошиқонаи сеподшоҳӣ" Чэн Шоу (солҳои 233–297) замони Сзини Ғарбӣ, боби "Шоҳии Вэй. Тарҷумаи ҳоли Ся Хоусюаня".
6. Иқтибос аз қонуни конфутсиягии "Чжою ли".

7. “Лун юй” (“Суҳбатҳо ва мулоҳизаҳо”), боби “Сзи Лу”.
8. “Лун юй” (“Суҳбатҳо ва мулоҳизаҳо”), боби “Хондан ва...”.
9. Ниг. ба шарҳи (2) мақолаи “Бояд дараҷаи баланди боварӣ ба фарҳанги худ дошт”.
10. Иқтибос аз “Сюн-сзи”, боби “Да люэ” (“Стратегияи бузург”).

# БА ҶОЙИ ОХИРСУХАН

Дар бораи Си Ҷинпин – Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин – навиштан кори чандон содаву осоне нест. Аввалан, сиёсатмадорест варзида, ба қавле, аз овони ҷавонӣ дар кӯраи оташи сиёсат ҷӯшидаву пухта шуда ва дигар ин, ки дар мағз андар мағзи қалби мардуми кишвараш ҷо гирифтаву шоиста эҳтироми ҳамагонист. Дар олами сиёсат кам иттифоқ меафтад, ки сарварон ба ин ҳад маҳбубият миёни мардум дошта бошанд. Ва як сабаби ин маҳбубият шояд он аст, ки Си Ҷинпин амалан зидди коррупсия ба мубоpизаи оштинопазир пардохт ва, аз сӯйи дигар, дар бораи идораи давлат ақидаҳои басо пешрафта дорад, ҳамеша миёни мардум аст, қабл аз роҳандозии тарҳҳои хосса ҳатман назари онро ба инобат мегирад. Боре дар мавриди коррупсия ва хатари он гуфта буд: ***“Ба мо лозим аст, ки қотеона зидди ҳама намудҳои коррупсия мубориза барем, ҳар мансабдорро, ки олудаи коррупсия шудааст, ҷазо диҳем ва пайваста ба решакан кардани омилҳое кӯшем, ки зояндаи коррупсия мебошанд, то бо натиҷаҳои амалӣ боварии мардумро сазовор гардем”***.

## Овони бачагӣ ва наврасӣ

Си Ҷинпин аз қавми Ҳонҳо – қадимтарин сокинони бумии Чин – аст. Соли 1953 дар Пекин дида

ба олам кушодааст. Роҳи сиёсии вай замоне рушан шуд, ки ӯро ба сафи Ҳизби коммунист қабул карданд. Ин ҳодиса соли 1974, дар синни 21-солагии ӯ, иттифоқ афтод.

Соли 1982 вай аллакай котиби вазири мудофиаи кишвар буд, муддате пас ӯро ба уезди Чжендин ба сифати мудири кумитаи маҳаллии ҳизбӣ ба кор равон карданд. Дар ин ҷо худро чун мутахассиси борикбин муаррифӣ кард ва дар кӯтоҳтарин муддат ба комёбиҳои назаррас даст ёфт. Вай тавонист зарфиятҳои сайёҳии Чжендинро боло барад ва ҷаҳонгардони зиёдро ба сайёҳат ҷалб кунад. Дар натиҷа вазъи молиявии вилояти Хэбей рӯ ба беҳбудӣ овард. Ва солҳои баъдӣ дар вазифаҳои гуногун кор кард, аз ҷумла ноиби шаҳрдори Сиёмин, котиби ҳизби коммунисти шаҳри Фучжоу ва котиби ҳизб дар вилояти Футзян буд. Соли 2000 ӯро фармондор ё губернатори Футзян интихоб карданд ва метавон гуфт, ки дар замони сарварии Си Ҷинпин ин вилоят даврони шукуфоии худро оғоз кард: ба вай муяссар гардид сармояҳои соҳибкорони машҳури чиниро барои беҳбуди вазъи иқтисодии вилоят ва минтақа ҷалб кунад.

Ду сол баъди ин Си Ҷинпин ба узвияти КМ ҳизби коммунисти Чин пайваст ва вазифаи фармондори вилояти Чженсзянро ба уҳда гирифт. Ва дар ҳамон солҳо сиёсатмадор – чун як тан – аз муборизони

оштинопазир ба зидди коррупсия ном баровард ва ин сабаб шуд, ки миёни мардум маъруфият касб кунад.

Соли 2006 котиби Кумитаи Ҳизби коммунисти Шанхай таъин шуд ва дар ин вазифа ҳам ба боварӣ сазовор гашт. Соле баъд, дар анҷумани 17-уми ҲК Чин Си Ҷинпин ба узвияти Кумитаи доимии Бюрои сиёсӣ пазируфта шуд. Баъди як соли дигар бошад, ба вазифаи ҷонишини Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин таъин гардид.

## Сарвари Чин

Ва ин ҳама комёбиҳо наметавонист аз ҷониби сарварони вақт мушоҳида нашавад. Соли 2012 дар Анҷумани навбатии ҲК Си Ҷинпин Котиби генералии КМ Ҳизб интихоб гардид. Дар аввалин суханронии таърихии худ сарвари нав орзуи чиниро дар меҳвари барномаҳои созандаи худ барои солҳои наздик қарор дод. Тарҳҳои бунёдии сарвари нави Чин аз ҷониби сиёсатмадорони хориҷӣ ва ҳатто баъзе ҳамсафони вай дар аввал бо лабханди шаккокона истиқбол шуданд, вале вақт нишон дод, ки Си Ҷинпин дар тасмимҳои худ қотеъ аст ва ба он, ки то соли 2049 ин кишвари "Домани гардун" дар рӯйхати мамолики пешрафта қарор мегирад, дигар шаке нест.

Муддати ин ҳафт сол Си Ҷинпин ислоҳоти зиёди сиёсиву иқтисодиро пиёда кард. Вай ташаббускори сохтани қабулгоҳи шахсии вакилон, ҳамчунин таҳияи сомонаҳои интернетӣ барои сохторҳои роҳбарикунанда буд. Сохтори бонкии Чин низ ба тағйироти куллӣ рӯ ба рӯ гардид, схемаи дақиқи бимаи пасандозҳо арзи вуҷуд кард, минтақаҳои озоди тиҷоратӣ бунёд шуданд.

Дар ин солҳо Си Ҷинпин ба соҳаи иҷтимоӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуд ва яке аз он барномаи хоси муҳоҷирати деҳотиён ба шаҳрҳо буд. Илова ба манзилҳои истиқоматӣ сарвари Чин одамонро бо хизматрасониҳои тиббӣ ва нафақа таъмин намуд. Си Ҷинпин ба мушкилоти маҷрӯҳон, ятимон ва одамони дигаре, ки бо иллатҳои баданӣ ба вазъи мушкил рӯ ба рӯ шудаанд, расидагӣ кард. Ба ҳар кадоми онҳо имтиёзҳо дода шуданд ва кумакҳои иловагӣ намуданд.

7-уми декабри соли 2012, баъди интихоб шуданаш ба вазифаи Котиби генералии КМ ҲК Чин, Си Ҷинпин аз Пекин ба вилояти Гуандун, ки хатти пеши ислоҳот дар мамлакат маҳсуб мешавад, сафар кард. Ин як сафари ғайрирасмӣ буд ва бидуни омодабошиҳои расмӣ гузашт. Дар ҷараёни ин сафар Си Ҷинпин бо мардум суҳбатҳои озоду ошкоро дошт ва дар атрофи масоили зиёде миёни ӯву сокинони

маҳаллӣ табодули афкор сурат гирифт. 8-уми декабр вай ба боғи “Лянхуашан” рафт ва аз гулҳои тару тозаву зинда ба оромгоҳи Дэн Сяопин гулчанбар гузошт. Ва гардишгарону сокинони маҳаллӣ худ шоҳиди тасодуфии ин маросим шуданд. Вай ғайриихтиёр ба назди ҷамъи мардум рафт ва дасти ҳар касеро, ки сӯяш дароз шуда буд, фишурд. Маҳз дар ҷараёни сафараш ба Гуандун Си Ҷинпин аз ҳизб ва кишвар даъват кард, ки барои бунёди давлати қудратманд аз роҳи ислоҳот ва сиёсати боз хастанопазирона талош кунанд ва ҳамзамон бо ин, аз онҳо даъват намуд, ки ба системанокӣ, муназзамӣ ва ҳамоҳангии ислоҳот диққати асосӣ диҳанд.

Он ки Си Ҷинпин хатти ҳаракати Дэн Сяопинро, ки бист сол пеш баргузор шуда буд, амалан такрор кард, басо рамзист. Бино ба назари ВАО, Си Ҷинпин худро чун сарваре муаррифӣ кард, ки омодааст роҳи ислоҳотро пеш гирад ва ба таври қотеъ миллатро ба татбиқи амалии орзуи чинӣ раҳнамоӣ кунад. Аз он ба баъд истилоҳоти “орзуи чиниву Чини қудратманд” ба як барномаи амал барои сарвари тозаинтихоб табдил гашт ва хатту маши сиёсии вайро муайян сохт. Яъне Си Ҷинпин роҳи расидан ба орзуи чиниро танҳо дар ислоҳот ва боз мондан медид.

Баъди сарвари Чин баргузида шудани Си Ҷинпин ва шунидани аввалин тарҳҳои бунёдии вай

чашми оламиён ва Чин ба вай духта шуд ва суолҳое пеш омаданд, ки ҳамагон мехостанд фавран посухи онҳоро бидонанд. Аз ҷумлаи ин суолот мисол меорем:

– Вай калонтарин ҳизби оламро, ки беш аз 82 миллион аъзо дорад, чӣ гуна роҳбарӣ мекунад, то муваффақ шавад, ки он ба манфиати халқи Чин самаранок хизмат кунад?

– Вай чӣ гуна ва бо кадом роҳ аҳолии Чинро, ки бо теъдоди 1,3 миллиард нафар рақам зада мешавад, барои расидан ба ду ҳадафи бузург – бунёди ҳамаҷонибаи ҷомеаи мутавассит то 100-солагии таъсиси ҲКЧ ва табдил додани Чин ба кишвари сарватманду қудратманд, демократӣ, тамаддунофар, муътадил ва пешрафтаи сотсиалистӣ то 100-солагии таъсиси ҶМЧ – ҳидоят хоҳад кард?

– Вай чӣ гуна метавонад Чинро тавре роҳбарӣ кунад, ки ҳисса дар кори ҳифзи сулҳ ва рушди олам гузорад?

Ва суолҳои зиёди дигар, ки посухи онҳоро вақт дод.

Си Ҷинпин шахсест, ки ба баъзе сокинони кишвараш иҷозат дод беш аз як тифл дошта бошанд. Пеш аз ин ба оилаҳо доштани танҳо як фарзанд иҷозат дода мешуд ва ин боис ҳам шуда буд, ки дар деҳот аз бесаводӣ сокинон баъзан фарзанди духтарро нобуд мекарданд. Бонувони шаҳрӣ, чун ташхис мекарданд,

ки фарзанди батнашон духтар аст, аз баҳраш мегузаштанд. Ҳоло тибқи қонуни наве, ки сарвари Чин имзо кардааст, хонаводаҳое, ки дар онҳо яке аз ҳамсарон яккафарзанди оилаанд, ҳақ доранд ду фарзанд дошта бошанд.

Ғайр аз ин, дар замони Си Ҷинпин дастрасӣ ба сармояи хориҷӣ барои рушди фарҳанг, тиб, сохтмон осон шуд. Ҳол он ки дар гузашта ин соҳаҳо барои маблағгузорони хориҷӣ дастрас набуданд.

Котиби генералӣ ҳамчунин бунёди мамнӯъгоҳҳои ҳифозатшавандаро ҳам фаромӯш нанамуд. Ба шарофати ин ҳоло Чин дар миёни кишварҳое, ки сайёҳии дохилиашон рушд кардааст, ҷойи аввалро ишғол мекунад. Сокинони ин диёри "Домани гардун" дӯст медоранд, ки сафар кунанд ва дар ин мамлакат рафтану гардиш кардан дар ҷойҳои зебову дилпазири кишварашон обрӯмандтару мукаррамтар аз рафтан ба сайру саёҳати хориҷист.

Ҳамаи ин тағйирот ба сатҳи тараққиёти саноату иқтисоди Чин ва болоравии сатҳи зиндагонии мардуми ин кишвар бетаъсир намонд. Ҳоло Си Ҷинпинро яке аз бомаҳораттарин сарварони олам медонанд. Соли 2014 ин сиёсатмадори маъруф китоби худро интишор дод ва дар он идеалҳои хешро муфассал баён кард, – идеалҳое, ки чӣ гуна метавон як кишвари қудратманду тавоноро идора кард ва рушди бесобиқаи онро таъмин намуд.

## “Халқро чун волидони худ дӯст медорам...”

***“Ҳеҷ гоҳе фаромӯш накунед, ки ҳукумати мо ба тавсиф “мардумист”***, *“Мардумро дар кадом гӯшаи қалбамон, ки ҷо додем, ҳамин ҷойро дар дили вай соҳиб мешавем”*, **“Ҳамеша омодаи он бошед, ки бо халқ сари як андеша зиндагонӣ кунед, шодиҳо ва мусибатҳоро бо ҳам қисмат кунед ва ҳамроҳ бароиояндаи нек мубориза намоед...”** – ҳамин гуна суханони самимиву дилӣ боис шуданд, ки Си Ҷинпин дар қалби мардум маъво ёбад.

Сар аз соли 1962 Си Ҷинпини ҷавон аз он, ки падараш – яке аз собиқадорони ҲКЧ-ро гирифтори тӯҳмат карданд, ранҷ мекашид, гуруснагиву маҳрумиятҳо дид, ҳуқуқҳояшро поймол карданд. Соли 1969, ки ҳамагӣ 16 сол дошт, дар ҳайати гурӯҳе “аз ҷавонони соҳибмаълумот” – бо хоҳиши худ – ба деҳоти шимоли кишвар равона шуд. Ӯро ба бригадаи Лянсзяхэ Вэнаниск шомил карданд ва дар кулбае, ки мезистанд, шабушҳо ҳамлавар мешуданд. Барояш лозим меомад шадидан муқобили онҳо мубориза барад ва ҳатто аз маводҳои кимиёвӣ истифода намояд. Ва он солҳо барояш лозим омад бо одамони касбу кори гуногун ва шуғлҳои мухталиф сари кор гирад: заминкор бошад, боркаши кон, сохтмончии сарбандҳо ва ҳатто нурикашу обкаш бошад ва ҳеҷ вақту ҳеҷ замоне аз иҷрои коре сар боз назадааст ва ба ҳама мушкилот

тоб овардааст. Дар чашми мардуми маҳаллӣ вай ҷавоне буд, ки бидуни истироҳат метавонад 5 км роҳро бо бори аз 50 то 100 кило гандум тай кунад, босабру ботаҳаммул ва пурбардошту хушмуомила рафтор намояд. Гузашта аз ин, ташаббускору созанда буд. Бо ташаббуси вай дар русто устохонаи оҳангарӣ сохта шуд, ки ниёзҳои сокинони маҳаллиро ба таҷҳизоти кишоварзӣ баровcareда месохт. Ва дар бораи ин гуна ташаббусҳои Си Ҷинпин дар овони ҷавонӣ зиёд метавон навишту гуфт. Вай, бо вуҷуди он ки аз маҷбурият аз таҳсил дур монд, вале пайваста мекӯшид биёмӯзад. Дар кулбаи деҳотие, ки мезист, як қуттии бузурге пур аз китобҳо меистод, ки пайваста онҳоро мутолиа мекард.

Соли 1975 барои таҳсил дар Донишгоҳи "Синхуа" тавсиянома гирифт ва рӯзе, ки аз русто берун мерафт, ҳамаи сокинон қатор дар навбат истоданд, то ӯро гусел кунанд. Баъдан аз ин зиндагӣ ва мардуми вилояти шимолии Шэнсӣ, ки як бахши муҳими ҳаёташро бо онҳо гузаронида буд, зиёд ёд мекард. Ҳафт соли зиндагӣ дар деҳа ва ҳафт соли рӯзгори деҳқонӣ дар ташаккули шахсияти вай таъсир гузоштанд ва боис гардиданд, ки миёни ӯ ва сокинони деҳот як дӯстии абадӣ шакл гирад. Баъдҳо борҳо изҳор дошт, ки дар ҳаёти вай насли аввали инқилобиён ва деҳқонон дар вилояти шимолии Шэнсӣ нақши муҳим бозиданд.

Соли 1979 вай донишгоҳро хатм намуд ва дар котиботи Шӯрои давлатии ҶМЧ ва котиботи Шӯрои ҳарбии КМ ҲКЧ кор кард. Соли 1982, вақте ҷавонон бештар ба соҳибкорӣ ва ё таҳсил дар хориҷи кишвар майл мекарданд, вай бо ташаббуси худ аз ҳаёти пуркарруфар дар Пекин даст кашид ва барои кор ба уезди Чжендини вилояти Хэбэй, ки даромади солонаи аҳолиаш соли 1981 150 юанро ташкил медод, равона шуд. Дар оғоз одамони каме ба малакаву истеъдоди ҷонишини котиби ҳизбӣ бовар мекарданд, вале дар як муддати кӯтоҳ ба шарофати кордониву зиракӣ, одиву бетакаллуф будан ва муколамаи озоду одӣ бо мардум вай тавонист дар қалби онҳо ҷой гирад. Амалгарову хоксор буд ва дар утоқи корӣ хуфтухез мекард, аз ошхонаи умумӣ истифода менамуд, қатори ҳама дар навбат меистод ва ҳангоми сарфи ғизо бо атрофиёнаш гарм гуфтугӯ мекард. Ба канорҳо дучархасавор мерафт ва бо мардум дар бораи рӯзгору мушкилоташ суҳбатҳо меорост. Ҳамаи ин боис гардид, ки хеле ба зудӣ меҳраш дар қалби мардум нишинад ва сокинон ӯро яке аз “худиҳо” донанд.

Соли 1988 Си Ҷинпин ба шаҳри Ниндэи вилояти Футзян, ки он замон яке аз 18 ноҳияи фақири Чин маҳсуб мешуд, эъзом мешавад ва ба вазифаи котиби кумитаи ҳизбӣ таъин мегардад. Ва боз ҳам ба хотири миёни мардум рафтан бо роҳҳои ноҳам-

вору ноободе ва баъзан ба нукоте, ки роҳ набуд, пойи пиёда равуо кардан миёни хоку лой зарур меомад. Вале ин ҳамаро – мисли он ки – ба ҷон пазируфта буд ва заррае аз хастагиву мушкили роҳҳо шиква намекард, мекӯшид бо ёфтани хурдтарин имкон барои сабуктар кардани бори ташвиши мардум кореро анҷом диҳад. Вақте ба шаҳристони Сядан аз маркази вилоят ба муддати 5 соат расид, кулли мардум ба истиқболи вай баромад, чун аз аввалин мансабдороне буд, ки барои дидани шароити зисти он омада буд. Бо ташаббуси Си Ҷинпин дар Ниндэ хонаҳои чандин ҳазор сокини он, ки аз насл ба насл дар онҳо зиндагӣ мекарданд, таъмиру тармим шуданд, Ҳамчунин барои моҳидорони ниёзманд, ки тамоми умри худро болои завраққҳои худ сипарӣ мекарданд, хонаҳои нав бунёд карда шуданд.

Дар Ниндэ вай аз тобеинаш хост, ки бо мардум наздик бошанд ва фаъолиятҳои худро дар чаҳор самт мутамарказ созанд: мурочиати шаҳрвандонро дар ҳар масъала қабул кунанд, ҷаласаҳои корӣ доир намоянд, вазъи ҷориро омӯзанд ва корҳои таблиғотиро ба роҳ монанд.

Замони кораш дар Фуҷжоу вай низоми қабули шаҳрвандонро ба роҳ монд ва ҳар мансабдор вазифадор буд ба арзи эҳтиёҷмандон гӯш диҳад. Зарфи ду рӯз вай якҷо бо зердастонаш бештар аз 700 нафарро қабул ва зиёда аз 200 масъалаи муҳимро ҳал

кард. Ва баъдан ҳамин шеваи корро, дар ҳар ҷое ба вазифае таъин мешуд, ҷорӣ мекард. Ҳадаф аз ин бо мардум будан ва бо дарди инсонҳо зистан буд. Мегуфт, ки роҳбар бояд ҳамнишину ҳамдарди халқ бошад.

Си Ҷинпин ба табодули афкор аз тариқи ВАО таваҷҷуҳи зиёд дошт. Худи ӯ бо тахаллуси “Чжэсин” дар саҳифаҳои нашрияи “Чжэсзян жибао” 232 мақола чоп кард ва дар онҳо доир ба масъалаҳои муҳими ҳаёту хоҷагии минтақаву кишвар бо хонандагон дар баҳс мешуд.

Си Ҷинпин роҳбарест, ки ҳамеша бо халқ ва дар муносибат бо мардум басо хоксору фурӯтан аст. Вай устодони худро ҳаргиз фаромӯш намекунад ва ҳар иди Баҳор барояшон туҳфаҳо ирсол мекунад. Ба пирону солмандон эҳтироми хосса дорад, тифлонро дӯст медорад. Замоне, ки дар шаҳристони Чжендин кор мекард, аввалин мошинро дар ин гӯша аз хоки ватанаш ба кормандони солманд дод, барои пирони мариз дар бемористон утоқи махсуси табобатӣ ҷудо кард, ҷойе барои гузаронидани вақти холӣ барои онҳо сохт. Дар Фуҷжоу мактабиёни ниёзмандро то замоне дастгирӣ мекард, ки мактабро хатм карданд ва соҳиби ҷойи кор шуданд.

Боре гуфта буд: ***“Адолат ин инъикоси яке аз идеалҳои мо, идеали коммунистон ва кишварҳои сотсиалистӣ мебошад. Он ки дар сайёраи мо қисма-***

***те аз одамон бисёр хуб зиндагонӣ мекунанд ва дар қисмати дигар хеле бад, набояд зуҳуроти мусбат шумурда шавад. Хушбахтии ҳақиқӣ танҳо бо ҳам ба даст меояд. Чин умедвор аст, ки олам бо қувваи умум, ҳамроҳ, якҷоя ва шарикона рушд мекунад ва бахусус умед ба таҳкими тавсеаи кишварҳои тараққиёбанда мебандад. Агар дар бораи манфиатҳои прагматикӣ сухан ронем, пас ин ҷо риояи ҷиддии усулҳои фоидаву манфиатҳои мутақобила зарур аст. Бояд аз усули “ман бурд мекунам, ту аз даст медиҳӣ” даст кашид ва кӯшиш бояд намуд, ки ду ҷониб бурд кунанд. Чин вазифаи худро дар он мебинад, ки ба кишварҳои фақир – вобаста ба имконоти худ ва ҳатто баъзан бар зарар ва ё даст кашидан аз фоида – ба хотири тантанаи адолат дасти ёрӣ дароз кунад. Мо аз ҳирсу ҳаваси якҷонибаи ба даст овардани фоида ва зиддиятҳои майдачуйда даст мекашем”***.

## “Комёбиҳо омаданиянд ва шарт нест, ки дар будани ман амалӣ шаванд...”

Си Ҷинпин барои роҳандозии ислоҳоти фарогир устуворона пофишорӣ кардааст ва аз суханрониҳову баромадҳояш пайдост, ки роҳи расиданро ба ҳадафи ниҳоӣ дар ҳамин ислоҳот мебинад. Ислоҳоте, ки сарвари Чин дар назар дорад, ҳама

ҷанбаҳои ҳаёти ин мамлакатро дар бар мегирад: иқтисод, саноат, кишоварзӣ, варзиш, фарҳанг \ ва, албатта сиёсати хориҷӣ. Аммо андешаи ин ислоҳот дар зеҳни Си Ҷинпин аз солҳои пеш, замоне, ки ба навоҳии дурдасти фақир эъзом мешуд, давр мезад ва дар доираи салоҳияти худ пайи иҷрои он мешуд. Замоне, ки дар Сямэн кор мекард, таҳти роҳбарии ӯ “Стратегияи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Сямэн барои солҳои 1985–2000” қабул гардида буд.

Си Ҷинпин мегӯяд: чун роҳбар вай на танҳо дар бораи масъалаҳои ҷорӣ меандешад, балки барояш хеле муҳим аст, ки дар хусуси фардо низ жарфтар бияндешад. Замоне, ки дар шаҳристони Чжендини вилояти Хэбэй кор мекард, боре шунид, ки гурӯҳи наворбардорони сериёли **“Рӯёи толори сурх”** ***(аз рӯйи романи Сиёу Шчин Сзао Сюэсин – романнавис, шоир, наққош ва файласуфи Чин, муаллифи романи машҳури “Рӯёи толори сурх” – яке аз чаҳор шоҳкори классикии адабиёти Чин – аст.)*** майдонеро барои наворбардории табиӣ меҷӯянд ва дарк намуд, ки дар сурати ҳамкорӣ метавон як василаи басо хуби тиҷоратӣ ба даст овард. Вай ин гурӯҳро ба ҳамкорӣ даъват намуд ва маъмурияти вилоят ва шаҳрро мутақоид сохт бунёди ин майдонро сармоягузорӣ кунанд, ки, дар навбати худ, як минтақаи сайёҳӣ хоҳад шуд. Дар тарҳрезии худ Си Ҷинпин иштибоҳ накарда

буд. Дар соли аввали фаъолияти ин майдончаи наворбардорӣ, ки дорои меъмориҳои таърихӣ буд, шаҳри Чжендин беш аз 10 миллион юан фоида ба даст овард. Баъдан Си Ҷинпин барои кор ба вилояти дигар рафт ва Чжендин ҳамоно аз он майдони бунёдшудаи наворбардорӣ ҳамасола фоидаи зиёд ба даст меорад.

Ташаббусҳои Син Ҷинпинро дар оғози фаъолиятҳои худ поёне нест ва метавон саҳифаҳои зиёдеро бо номгӯйи онҳо пур кард. Соли 2002 вай дар хоҷагии ҷангали шаҳристони Упинислоҳотро дастгирӣ ва тасдиқ кард. Он замон вилояти Футзян дар гузаронидани ислоҳоти системаи захираҳои табиӣ аввалин шуд, ки муҳтавояш ин аст: дақиқ кардани мансубият ва ҳаққи моликият ба ҷангал, ҳамчунин ба субъектҳои хоҷагӣ додани ихтиёр барои фаъолиятҳои хоҷагидорӣ ва таъмини манфиатҳои пудратчиён. Ҳамин тариқ, вилояти Футзян намунаи ислоҳот дар самти истифодаи ҷангал шуд.

Соли 2002 Си Ҷинпин ғояи ***“тарҳрезии хонаҳои нави истиқоматӣ дар ноҳияҳо бо истифода аз нақшаи маҳалҳои истиқоматӣ дар деҳот, шаҳрҳо ва бунёди гурӯҳи маҳалҳои намунавӣ барои зиндагии миёнаҳолона, тадриҷан коҳиш додани фарқ миёни шаҳру деҳот, то ҳамагон тавонанд аз комёбиҳои тамаддуни муосир баҳра баранд”***-ро пешниҳод намуд. Аз ҳамон замон дар

вилояти Чжэсзян, тибқи ҳамин ғоя, сохтмон оғоз гардид. Охири соли 2007 барномаи панҷсола пеш аз муҳлат иҷро гардид. Дар аз се як ҳиссаи деҳоти Чжезян низом ҷорӣ шуд, дар ду аз се деҳа системаи ягонаи ҷамъоварӣ ва истифодаи партовҳо роҳандози гардид. Деҳқонони ин минтақа бар ин назаранд, ки ин иқдом кори аз ҳама хуби ҳизб баъди татбиқиислоҳоти кишоварзӣ, пудрати оилавӣ ва ислоҳоти андоз мебошад.

Си Ҷинпин ба ҳифзи муҳити атроф таваҷҷуҳи хосса дорад ва боре гуфта буд: ***“Мо мехоҳем кӯҳҳои заррин, нуқрафому сабз ва дарёҳои хурӯшону нилгун дошта бошем”***. Ва бо ғояи табдил додани муҳити атроф ба иқтисоди пешрафта ва бунёди зистмуҳитии созгор барои наслҳои оянда баромад кард. Бо дарназардошти шароити Чантин, ки он ҷо масъалаи фарсоиш яке аз масъалаҳои ҳалталаб маҳсуб мешуд, Си Ҷинпин бори аввал консепсияи стратегии табдил додани кулли вилоятро ба як вилояти аз нигоҳи зистмуҳитӣ пок пешниҳод кард. Баъдтар вилояти Футзян ба як минтақаи пилотие табдил шуд, ки ин ғояи наҷибона ва ин консепсияи созандаро дар амал татбиқ намуд. Дар натиҷа Чантин – бо гузашти даҳ сол – бори дигар ба як шаҳристони сабзу аз нигоҳи зистмуҳитӣ беҳтарин табдил ёфт.

## “Ба Чин лозим аст, ки оламро аз наздик донад ва ба олам лозим аст Чинро бидонад...”

Ҳар ҷойе ба кор фиристода мешуд, хоҳ музофот буд, хоҳ ноҳияи дурдаст ва хоҳ марказ, Си Ҷинпин ҳамеша ба рушди алоқаҳо бо олами беруна ва барқарорсозии иртиботҳои дӯстӣ бо ҷомеаи хориҷӣ таваҷҷуҳи бештар мекард. Замоне, ки дар маҳалҳо кор мекард, вай аз бештар аз 60 кишвар ва ноҳияҳои олам дидан кард ва меҳмонони хориҷии зиёдеро пазиро шуд. Баъди он ки ба кори КМ гузашт, муддати 5 сол ба панҷ қора, бештар аз чил кишвар ва минтақаи олам сафар намуд ва бо фаъолони зинаҳои мухталифи мамлакатҳои гуногун табодули афкор кард.

Вай басо самимонаву бо лаҳни пур аз меҳр ба дӯстони хориҷӣ нақл мекунад, ки мардуми Чин чӣ гуна худро дар дунёи модерн қарор медиҳад ва – ҳамзамон бо ин – басо бо таваҷҷуҳ ҳамсуҳбати худро мешунавад. Бисёре аз сиёсатмадорони хориҷие, ки бо Си Ҷинпин мулоқот мекунанд, ӯро чун як шахс ва сарваре дармеёбанд, ки ба иродаи худ эътимод дорад, оқил, кордон ва дӯстдоштанист.

Моҳи июли соли 2012 зимни суханронии худ дар форуми ***“Сулҳ барои ҳамаи олам”***, ки дар Донишгоҳи Синхуа мегузашт, Си Ҷинпин қайд кард, ки ***“ҳар кишваре, ки барои рушди худ талош меварзад,***

***бояд ба дигар кишварҳо низ имкон диҳад, ки онҳо низ тавсеа ёбанд. Агар мехоҳед дар сулҳу оромишу субот зиндагонӣ кунед, пас монеи он нашавед, ки дигарон амнияти худро таъмин созанд. Агар мехоҳед хуб зиндагонӣ кунед, пас ба дигарон низ имкон диҳед, то зиндагии шоиста дошта бошанд".***

Ҳангоми сафараш ба Сингапур дар ҳузури Ли Куан Ю изҳор дошт, ки барои кишвари қудратманд шарт нест, ки пешвои олам бошад. Чин ваъдаҳои худро аз насл ба насл медиҳад, он аз стратегияи рушди босубот, суди мутақобила, бурди умумӣ ва кушодагӣ пуштибонӣ мекунад.

Ба ақидаи Си Ҷинпин, муносибатҳои дӯстонаи давлатҳо бар пояи дӯстӣ миёни халқҳои онҳо устувор аст. "Ҳаракат ин ҳаёт аст!" – нимшӯхӣ боре гуфта буд Си Ҷинпин дар ҷараёни сафараш ба хориҷа ба ҳамроҳони дипломаташ ва ба онҳо тавсия дод, ки бештар ҳаракат кунанд, фаъолона дар муколама бошанд ва дӯстони нав пайдо кунанд.

Си Ҷинпин аввалин касест, ки консепсияи "бунёди ҷомеаи сарнавишти ягонаро" дар миён гузошт ва имрӯз ҳам барои амалӣ кардани ин ғоя пайваста дар такопӯ ва талош аст. Моҳи майи соли 2015 ин консепсия дар суханрониҳои расмии пешвои Чин беш аз 60 маротиба ёдоварӣ шуд. Бори аввал вай ин консепсияро дар назди ҷомеаи хориҷӣ моҳи марти соли 2013, зимни суханрониаш дар Маскав, аниқтараш

дар МГИМО эълом дошт: ***“Дар олами мо ҳамаи кишварҳо беш аз ҳар вақти дигар бо ҳам алоқаманд ва дар иртиботи зич бо ҳам қарор доранд. Башарият дар ростои олам, дар як замон ва фазои воҳид, ки дар он таърих печ мехӯрад, зиндагӣ мекунад ва аз сол ба соли дигар ба он наздик мешавад, ки ҷомеаи сарнавишти ягона гардад ва дигар намешавад ҷудо кард, ки ту куҷову ман куҷо”***.

## “Як шахси бовиҷдон будан ва шуҳрати доғдорнашуда доштан...”

Падари Си Ҷинпин – Си Чжунсюн – яке аз роҳбарони ҳизб ва давлати Чин буд. Вай то мансаби раиси ҳукумати ноҳияи наздисарҳадии Шэнсӣ-Гансу замоне расид, ки ҳамагӣ 21 сол дошт. Мао Сзедун ӯро “пешвое аз миёни халқ” номида буд. Аммо Си Чжунсюн аз соли 1962 – муддати 16 сол – ҷабри таъбиди сиёсиро кашид. Бо вуҷуди ҳамаи ин, вай рӯҳафтода нашуд, ҳамеша барои ҳақиқат мубориза бурд, он дӯстонашро, ки ба ноҳақ таъқиб мешуданд, ҳимоя мекард. Дар солҳои аввали анҷоми “инқилоби фарҳангӣ”, ки дар кишвар бесарусомонӣ ҳокимият меронд, вай дар вазифаи котиби аввали кумитаи ҳизбии вилояти Гуандун кор мекард. Ва дар ҳамин солҳо бо талоши Си Чжунсюн муяссар гардид дар Гуандун Минтақаи махсуси иқтисодӣ

бисозанд, ки то кунун мислаш дар Чин дида нашуда буд. Ва маҳз Си Чжунсюн буд, ки дар солҳои охир пояҳои рушди васеи Гуандунро гузошт.

Модари Си Ҷинпин Сзи Син ном дорад ва ҳоло 90-сола аст. Ӯ низ аз кадрҳои қадимӣ ва собиқадорони ҲКЧ мебошад. Ва ҳар боре каме вақти холӣ пайдо кард, Си Ҷинпин ба аёдати модар мешитобад, ҳамроҳаш таоми чошт мехӯрад, ба сайругашт меравад ва дар мавзӯъҳои гуногун сӯҳбат мекунад.

Дар хонаводаи Си анъанаи қадимии тарбияи атфол дар рӯҳияи меҳнатдӯстӣ ва сарфаҷӯйи ҳоким аст. Си Чжунсюн мегуфт, ки агар корманди олирутбаи ҳизбӣ аз зердастонаш талаби риояи интизом кунад, пас бояд худи вай нисбат ба худ ва хешовандони худ ҷиддӣ бошад. Си Ҷинпин дар бачагӣ басо одиву хоксорона мезист, вай ва бародари хурдии ӯ бисёр вақтҳо либос ва пойафзолеро мепӯшиданд, ки бародарону хоҳарони калонсолашон пӯшида буданд. Баъди он ки Си Ҷинпин ба вазифаҳои роҳбарӣ пешбарӣ шуд, модараш Сзи Син шӯрои махсуси оилавиро даъват намуд ва аз хешовандон талаб кард дар соҳае, ки писараш нозири он аст, соҳибкорӣ накунанд. Ва зери ҳамин таъсир Си Ҷинпин услуби модарро мерос гирифт ва аз ҳамаи аъзои оила талаб мекард ва мекунад, ки инро ҷиддан риоя намоянд. Ҳар ҷойе вай кор мекард, ба хешовандон ва дӯстонаш мегуфт: ***“Ҷойе, ки ман кор мекунам, ба ягон намуди соҳибкорӣ машғул нашавед, зери***

***парчами ман саргарми ҳеҷ коре нашавед, дар акси ҳол наранҷед, ки ман ҳеч касро намебахшам"***.

Ҳамсари Си Ҷинпин – Пэн Лиюан – сарояндаи машҳур ва ҳунарманди опера буда дар мамлакат шуҳрати беандоза дорад. Соли 1980 вай ба сифати намояндаи вилояти Шандун дар азназаргузаронии умумичинии фаъолиятҳои бадеӣ дар Пекин ширкат кард, ду таронаи вай бо номҳои "Баолэнояо" ва "Ватани ман – Имэншан" барои ҳамаи пекиниҳо ба таронаҳои дӯстдошта табдил ёфтаанд. Аввалин касе дар Чин буд, ки дараҷаи магистриро дар мусиқии миллии вокалӣ соҳиб гашт. Сурудҳое, ки вай мехонад, миёни мардум шӯҳрати беандоза доранд. Ва ӯ ҳамчунин иҷрогари нақшҳои муассире дар операҳои **"Духтари мӯйсафед"**, **"Сапедадами фоҷеавӣ"**, **"Духтари ҳизб"** ва **"Мулан"** мебошад. Барандаи ҷоизаи олии театрии "Мэйхуа"-и Чин ва мукофоти "Вэнхуа"-и Вазорати фарҳанги Чин аст.

Таронаҳои вай мардумианд, яъне миёни мардум шуҳрат доранду аз ҷониби мардум суруда мешаванд. Вай мегӯяд: ***"Маро халқ тарбия кард ва ман танҳо бо ҳунари худ метавонам аз халқ мутташаккир бошам"***.

Дар ин сӣ соли охир Пэн Лиюан садҳо маротиба дар миёни бинандаҳои музофотӣ ҳунарнамоӣ кардааст. Вай қариб саросари кишварро гаштааст: шурӯъ аз ноҳияҳои камбизоату фақир то пойгоҳҳои

баҳрии дурдаст, аз чашмаҳои нафтӣ то постгоҳҳои марзӣ. Вай ба назди офатзадагони заминларзаи шадиди шаҳристони Вэнчуан рафтааст. Ба бемористонҳои касалиҳои сироятӣ рафтаву бо маризонашон ҳамсуҳбат шудааст, қатори мубориზони зидди обхезии шаҳри Сзюсзян дар вилояти Сзянсӣ низ будааст. Яъне, ҳар ҷое дардеву аламест, бонуи аввали Чин худро он ҷо расонидаву бо мардум он ғаму кулфатро бо ҳам дидааст.

Чун намояндаи фарҳанги пурғановати Чин ба бештар аз 50 кишвари олам сафари ҳунарӣ доштааст ва ҳамин фарҳанги қадимӣ ва дар замони муосир рушдёфтаи Чинро таблиғ кардааст.

Ҳоло вақти зиёди худро ба корҳои хайрия сарф мекунад. Вай сафири ихтиёрии Созмони ҷаҳонии тандурустӣ оид ба бемориҳои сил ва СПИД, мубаллиғи пешгирӣ аз СПИД дар Чин, ҳамчунин сафири ихтиёрӣ дар масъалаҳои мубориза бо сигоркашӣ, пешгирии ҷиноятҳо миёни бачаҳост.

Си Ҷинпин ва Пэн Лиюан соли 1986 вохӯрданд, бо як нигоҳ ҳамдигарро дӯст доштанд ва худи ҳамон сол издивоҷ карданд. Ва ҳарчанд кору масъулият водор мекунад, ки онҳо бисёр ҳолатҳо аз ҳам ҷудо бошанд, ҳамдигарро ба хуби дарк ва дастгирӣ мекунанд.

Барои Пэн Лиюан Си Ҷинпин як шахси одиву маъмулист ва ҳамзамон на мисли ҳама ва на ша-

беҳи дигарон. Онҳо аз ин зиндагии муштарак соҳиби як духтаранд бо номи Си Минсзе. Ва “Минсзе” як вожаи саропо лабрези маъност. Онро метавон чун ***“озода зистан, муфид будан барои ҷомеа”*** тарҷума кард. Ва матлаби мазкур ҳамон таманно ва ҳамон интизориест, ки волидон аз духтари худ доранд, ва шиори ин хонаводаи одист...


Annual Meeting 2017


首届中国国际进口博览会暨虹桥国际经贸论坛
THE FIRST CHINA INTERNATIONAL IMPORT EXPO AND THE HONGQIAO INTERNATIONAL ECONOMIC AND TRADE FORUM


NAZARBAYEV
UNIVERSITY























# Барои қайдҳо

СИ ЧИНПИН

# ДАР БОРАИ ДИПЛОМАТИЯИ МИЛЛИИ ЧИН, ИБТИКОРИ “ЯК КАМАРБАНД – ЯК РОҲ” ВА ҶОМЕАИ САРНАВИШТИ ЯГОНАИ БАШАРИЯТ

*Нашри дуюм*

Муҳаррири тарҷума аз забони русӣ
ба тоҷикӣ ва мураттиб –
***Зафар Шералӣ Сайидзода (Зафар Саидов)***

Тарҷумон – ***Бобоҷон Шафеъ***
Мусаҳҳеҳон – ***Абдунабӣ Сабуров,***
***Фарзона Саидова***
Муҳаррири техникӣ – ***Парвиз Саидов***
Чоп ва дизайни компютерӣ –
***Муҳаммадиқбол Шафиев***

Ба чопаш 20.05. с.2019 имзо шуд.
Теъдоди ҷузъи чопӣ – 10,25.
Адади нашр – 1000 нусха.

Дар матбааи ЧДММ «Контраст» чоп шудааст.
ш. Душанбе, к. Н. Муҳаммад, 28